МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ «АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 343.2/.7+343.9(575.3)
ТКБ: 67.99(2)93+67.99(2)8(2тоҷик)
Ҳ – 94

ҲУСЕЙНЗОДА СИНО ҲОТАМӢ

СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ: МАСОИЛИ НАЗАРИЯ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология;
ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Насуриён Пулод Асадулло

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ 4
МУҚАДДИМА 5
БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 20
1.1. Таърихи рушди меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистон 20
1.2. Мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон 35
БОБИ 2. МУШАХХАСНАМОИИ МАФҲУМИ «МУКАЛЛАФӢ», «МУКАЛЛАФИИ МАҲДУД» ВА «НОМУКАЛЛАФӢ» ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 62
2.1. Мушаххас намудани мафҳуми «мукаллафӣ» ва маҳаки он 62
2.2. Мушаххас намудани мафҳуми «мукаллафии маҳдуд»: мавқеъ ва аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятии он 87
2.3. Мушаххас намудани мафҳуми «номукаллафӣ»: мафҳум ва маҳаки он 108
БОБИ 3. МУШАХХАСНАМОИИ СИН ҲАМЧУН АЛОМАТИ СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ 125
3.1. Тасниф ва тафриқаи синни субъекти ҷиноят 125
3.2. Мушаххас намудани хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунанда 155
ХУЛОСА 182
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ 187
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО) 190
ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ 223
ЗАМИМАҲО 228
Замимаи №1. Пурсишнома дар доираи мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» 228
Замимаи №2. Таснифи категорияи ҷиноятҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо аз синни чордаҳ фаро мерасанд (қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ) аз рӯи маҳаки таркиби оддӣ, бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда 231
Замимаи №3. Намудҳои таркиби ҷиноятҳои аз ҷониби субъекти махсус содиршуда, ки дар диспозитсияи Қисми махсуси КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд233

Замимаи №4 Таснифи шахсияти ҷинояткорон мувофиқи меъёри синнӣ дар солҳои 2014-2025 (тибқи маълумоти омории СМИТ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон) 243
Замимаи №5. Хулосаи экспертизаи психиатрияи судӣ дар солҳои 2014-2025 оид ба эътирофи мукаллаф ва номукаллаф будани шахс дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, ки ба муносибати ҷамъиятии бо КҶ ҶТ ҳифзкунанда зарар расонидааст ё таҳдди расонаидани зарарро ба вуҷуд овардааст 244

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ВАО – Васоити ахбори омма

ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

КИМ – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

КМИУ – Кумитаи Марказии Иттифоқии Умумироссиягӣ

КМҶ ҶТ– Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КО ҶТ– Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

РСС – Республикаи Советии Сотсиалистӣ

СМИТ – Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ШКХ – Шурои комиссариатҳои халқӣ

ҶАШС – Ҷумҳурии Автономии Шуравии Сотсиалистӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶШС – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

ҶШФСР – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

б. – банд

б.б. – бандҳо

ғ. – ғайра

қ. – қисм

қ.қ. – қисмҳо

м. – модда

м.м. – моддаҳо

с. – саҳифа

С. – саҳифа

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷриба ва андешаҳои нав яке аз роҳҳои асосии ҳадафҳои гузоштаи Ҳукумати ҶТ дар муқовимат ба ҳама намудҳои ҷиноятҳо ва таҳдиду хатарҳои замони муосир эътироф мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16-уми декабри соли 2025 зикр намуданд, ки «Нақши қонунгузорӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар ва таъмин намудани рушди устувору босуръати он, амнияти ҷомеа ва давлат, таҳкими суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ басо муҳим ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳлили ҳамаҷонибаву пайвастаи қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили он барои иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар зарур мебошад» [1]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 тасдиқ намудааст, ки «Қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд» [2].

Ба назари мо, вобаста ба муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ ва доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, яке аз институтҳои такмилталаб – субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки доир ба он таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаронида шудааст.

Дар таҳлили ҳуқуқии ҷиноятӣ доир ба институти субъекти ҷиноят асосан ба матни КҶ ҶТ такя карда мешавад, ки аломатҳои онро номбар кардааст. Бо вуҷуди ин, ҷанбаҳои муҳимми ифодакунандаи мазмуни аломатҳои субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар нагардидаанд.

Аломатҳои субъекти ҷиноят аз қабули аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – декретҳои Шурои комиссариатҳои халқии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия «Оид ба тартиби тасдиқ ва нашри қонунҳо» аз 30-юми октябри соли 1917, то қабули КҶ ҶТ аз 21-уми майи соли 1998 марҳилаҳои таърихии инкишофёбиро тай намудааст. Субъекти ҷиноят яке аз мафҳумҳои асосӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳаввули донишҳои илмӣ дар бораи субъекти ҷиноят то кунун олимонро ба модели ягонаи назариявии субъекти ҷиноят оварда нарасонидааст ва доир ба он ақидаҳо ва пешниҳодҳои гуногун ҷой доранд, яъне, барои пурра омӯхтани масъалаҳои субъекти ҷиноят ҳамеша аз мадди назари олимони соҳа дур намондааст.

Таҳқиқоти консепсияи илмии «субъекти ҷиноят» предмети таҳқиқшавандаи ҳуқуқшиносони солҳои 1940-ум асри ХХ қарор гирифта буд. Қоидаҳои асосии назария дар қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла, дар Кодекси ҷиноятии соли 1961 ифодаи амалии худро ёфтаанд. Дар м. 22 КҶ ҶТ ибораи «субъекти ҷиноят» истифода нагардида, ба ҷойи он «шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» муқаррар шудааст. Ҳамчунин, дар моддаҳои алоҳидаи КҶ ҶТ ибораҳои гуногун истифода гардидаанд, ки субъекти ҷиноятро ифода мекунанд. Мисол, ҷинояткор (қ. 5 м. 35), шахси ҷиноят содирнамуда (м. 8, м. 41 ва ғ.), шахсе, ки ҷиноят содир намудааст (м.м. 6, 41 ва ғ.), шахси гунаҳгор (б. «г» қ. 1, қ.қ. 2 ва 6 м. 57, қ.1 м. 127), маҳкумшуда (қ. 1 м. 11(1), қ. 2 м. 46 ва ғ). Ҳамчунин, дар баробари ин, ибораи «субъекти ҷиноят» низ дар қ. 4 м. 37 қонунгузории ҷиноятӣ истифода гардидааст. Дар КМҶ ҶТ – «гумонбаршуда», «айбдоршаванда» ва «судшаванда» ва ғайра ишора гардидааст.

Тибқи тасаввуроти устувор дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида эътироф карда мешавад. Ин мафҳумро тибқи муқаррартоти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти ҳуқуқшиносӣ, субъекти умумӣ низ меноманд, зеро аломатҳои зикршуда (мукаллафӣ ва синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) ба ҳама субъектҳо

хоссанд ва мавҷуд набудани онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар кирдори шахс таркиби ҷиноят ҷой надорад. Дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ меъёр муқаррар шудааст, ки танҳо шахси воқеӣ субъект буда метавонад.

Дар баробари ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки эътироф ва дар қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят комилан асоснок аст. Ғайр аз ин, дар асри XXI рушди технологияҳои рақамӣ, хусусан зеҳни сунъӣ, ба ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ расонд. Системаҳои зеҳнӣ дар бахшҳои нақлиёт, тиб, молия ва амният ба таври васеъ истифода мешаванд. Бо вусъати чунин технологияҳо, эҳтимоли расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда тавассути алгоритмҳо ва системаҳои худомӯз зиёд мегардад, ки зарурати дар сатҳи илмӣ баҳои ҳуқуқии ҷиноятиро тақозо мекунад.

Ҳарчанд, ки шахси воқеӣ аломати субъекти ҷиноят эътироф шавад ҳам, аммо дар КҶ ҶТ мафҳуми он муқаррар нагардидааст. Аз муқаррароти КҶ ҶТ бармеояд, ки он шахси воқеиро бо истилоҳҳои шаҳрванди ҶТ (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, қ. 1 м. 16, м. 305, қ.қ. 1 ва 2 м. 323(1), м. 401(1) КҶ ҶТ), шаҳрванди хориҷӣ (қ.қ. 2 ва 3 м. 15, қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванд (қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматкунанда (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, м. 401(1) КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматнакунанда (қ.қ. 2 ва 3 м. 15 КҶ ҶТ), шаҳрванди дигар давлат намебошад (эзоҳ ба м. 401 КҶ ҶТ), ифода намудааст. Дар баробари ин, гуногунифодаёбии шахси воқеӣ, шахсоне, ки шаҳрвандии ду давлатро доранд, муқаррар нагардидааст.

Мукаллафӣ дар баробари шахси воқеӣ ва ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан, аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят эътироф гардида, бе онҳо, умуман, ҳамчун мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷой доштани субъекти ҷиноят ғайриимкон аст. Дар ҳоле, ки субъекти ҷиноят муқаррар набошад, пас, умуман, таркиби ҷиноят ҷой надорад. Бинобар ин, агар субъекти ҷиноят мавҷуд набошад, пас, кирдор ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ баҳо

дода намешавад, хамчунин ҷиноят низ, яъне барои фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ мавҷуд будани мукаллафии шахс ва ба синни муқаррарнамуда расидан муҳим аст.

Ҳангоми муроҷиат ба таърихи масъала, бояд зикр кард, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ва қонунгузории ҷиноятии давраи солҳои 1917-1998 мафҳуми «мукаллафӣ» умуман дар қонуни ҷиноятӣ ба таври возеҳ муайян карда нашуда буд. Аммо, новобаста аз муқаррар нагардидани мафҳуми дақиқ, бе шаку шубҳа, мукаллафӣ мафҳуми меҳварӣ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва аломати ҷудонашавандаи субъекти ҷиноят эътироф мешуд. Мазмуни он дар сатҳи таҳияҳои доктриналӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ ташаккул ёфта, дар онҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳолати воқеии руҳии шахс нигаронида шуда буд. Ҷой надоштани мафҳуми мукаммали ҳуқуқии «мукаллафӣ» дар чунин санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Асосҳои роҳбарикунанда солҳои 1919, 1924, Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР (1922), ҶШС Узбекистон (1926), ҶШС Тоҷикистон (1935, 1961), инчунин, дар КҶ ҶТ соли 1998, боиси пайдо гардидани холигиҳои назаррасу норавшанӣ ва гуногунандеширо дар тавсифи он ба вуҷуд овард.

Ин ҷанба ба сабаби табиати мураккаби мукаллафӣ аҳамияти хос пайдо мекунад, зеро, он бо дарҳамтанидании зичи арзёбиҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ тавсиф меёбад. Набудани муқаррароти дақиқи меъёрии ҳуқуқии мукаллафӣ, робитаи мутақобилаи онҳо ва ҳудуди истифодаашон дар ҳолатҳои гуногун, бешак, зарурати анҷом додани таҳқиқоти ҳамаҷониба ва байнисоҳаиро доир ба мукаллафӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён меорад. Ин имкон медиҳад, ки ба ягонагии равиш дар бандубасти кирдорҳо ноил гардида, сатҳи пешгӯишавандагӣ дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ баланд бардошта шавад.

Дар КҶ ҶТ бори аввал мафҳуми «мукаллафии маҳдуд» муқаррар карда шуд. Дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани меъёри вобаста ба мукаллафии маҳдуд натиҷаи баҳсҳои тӯлонии илмӣ мебошад, ки асосан дар атрофи масъалаҳои татбиқи ин навоварии ҳуқуқӣ сурат гирифтааст.

Институти ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз мавзуъҳои душвор ва камомӯхташуда ё мушкиломӯхташаванда ба ҳисоб рафта, хулосаи умумиэътирофшударо надорад. Масъалаи мукаллафии маҳдуд муддати тӯлонӣ то ҳадде кам таҳқиқ шудааст, ки ҳуқуқшиносон бештар ба дастовардҳои рушди босуръати психиатрияи судӣ дар ин самт такя менамуданд. Дар шароити кунунӣ низ муносибати тиббӣ ба ин масъала, дар маҷмуъ, ҳифз гардидааст.

Татбиқи консепсияи мукаллафи маҳдуд дар амал аксар вақт мушкилот эҷод мекунад. Онҳо бо набудани тасаввуроти дақиқ дар бораи он, ки кадом бемориҳои руҳӣ мукаллафиро маҳдуд мекунанд, бидуни пурра истисно кардани он, инчунин, бо давомнокӣ ва дараҷаи маҳдудияти он алоқаманданд.

Номукаллафӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун баръакси мукаллафӣ баҳо дода мешавад. Агар ба нуқтаи назаре, ки «мукаллафӣ ифодаи худро аз мафҳуми номукаллафӣ меёбад» такя намоем, пас, бояд на «мукаллафӣ ифодаи худро аз номукаллафӣ меёбад», балки, баръакс «номукаллафӣ ифодаи худро аз мукаллафӣ меёбад», зеро нишонаи ифодакунандаи субъекти ҷиноят «мукаллаф будан» аст. Агар шахс бинобар бемории руҳӣ, парешонҳолии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ё дигар ҳолати бемории руҳӣ наметавонист моҳият ва хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро (ҳаракат ё беҳаракатиро) дарк намояд ё онро идора кунад, чунин шахс наметавонад ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф гардад. Ба шахсе, ки дар ҳолати номукаллафӣ ҷиноят содир мекунад, чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта таъйин карда мешавад. Ин ҳолат бо он асос меёбад, ки дар чунин вазъиятҳо имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва таъйини ҷазо пурра истисно мегардад, зеро унсури асосии гуноҳ мавҷуд нест.

Аломати дигари субъекти ҷиноят, ин расидан ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ эътироф мегардад. Маҳз синни субъекти ҷиноят яке аз маҳаки асосӣ барои муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии ӯ мебошад. То ҳол дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ «мафҳуми доктриналии синни субъекти ҷиноят» муқаррар нагардидааст. Ҳамчунин,

қонунгузории ҷиноятии ҶТ ҳадди ақали синни ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар карда, вале ҳадди болоии ҷавобгарии ҷиноятиро ифода накардааст, ки он бо хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят муайян карда мешавад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти махсуси ҷиноят эътироф шудааст, вале то ҳол байни олимон доир ба мафҳуми умумиэътирофшудаи он нуқтаи назари гуногун иброз гардида, мафҳум ва таснифи ягонаи он ҷой надорад.

Эътироф намудани шахси воқеӣ ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқвайронкунӣ, аз ҷумла ҷиноят, бояд дорои ду талабот бошад. Якум, бояд ба талаботи умумии қонунгузории ҷиноятӣ мутобиқ бошад, яъне, мукаллаф ва ба синни муқарраркардаи ҷавобгарии ҷиноятӣ расида бошад. Дуюм, чунин шахс бояд дорои аломатҳои иловагӣ ва хусусияти хоси худ бошад. Чунин аломатҳои махсус ё бевосита дар диспозитсияи моддаи Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ нишон дода мешаванд ё аз мазмуни он бармеоянд. Аз ин бармеояд, ки субъекти махсуси ҷиноят дорои ҳамон аломатҳоест, ки ба субъекти умумии ҷиноят хоссанд, инчунин, дорои ҳадди ақал як аломати иловагии махсус мебошад.

Вобаста ба ин ва дигар масоили субъекти ҷиноят, зарурати гузаронидани таҳқиқот муҳим эътироф мегардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Вобаста ба баъзе паҳлуҳои таърихиву назариявии субъекти ҷиноят ва аломатҳои он, дар таълифоти олимони соҳаи ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқ гардидаанд. Аз ҷумла, У.А. Азиззода [44; 230], И.Ҳ. Бобоҷонзода [52], М.М. Акилова [231], Н.А. Қудратов [80; 176], А.А. Қурбонзода [259], З.Ҷ. Маҷидзода [145], Қ.Х. Мирзоев [94], П.А. Насуриён [147], Н.Ҷ. Назарзода [147], Р.Ҳ. Раҳимзода [123], А.И. Сафарзода [125; 204; 220], Т.Ш. Шарипов [146; 220], К.Ҳ. Солиев [123; 124], Н.А. Ғаффорӣ [60; 146], О.И. Сайдализода [271] М.И. Иброҳимзода [253] ва дигарон.

Ҳамзамон, як қатор олимони хориҷӣ, аз қабили Н.В. Артеменко [234], Р.И. Бабиченко [236], Л.В. Боровиx [238; 239], М.З. Вовк [243], С.Є. Дидик [249], С.В. Долгова [250], Е.О. Душкина [251], В.И. Жуковский [252], Н.Г.

Иванов [254], А.Д. Кононов [256], Д.А. Кузмин [258], Н.М. Мирошниченко [261], Р.И. Михеев [262], В.Ф. Мороз [263], Г.В. Назаренко [265], В.Г. Павлов [108], Н.В. Сараев [272], Н.А. Селезнева [273], И.А. Семенсова [274], Д.В. Сирожидинов [276], Б.А. Спасенников[277], Р.Р. Тугушев [278] ва дигарон дар доираи субъекти ҷиноят ва ин ё он аломатҳои он таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаронидаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионидошта (2021-2025)» ва кори илмӣ-таҳқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони ҶТ (2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мегардад, алоқаманд мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур дар мушаххас намудани масоили шахси воқеӣ, мукаллаф будан ва синни ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун аломатҳои субъекти ҷиноят, инчунин, мукаллафии маҳдуд ва номукаллафӣ бо роҳи таҳқиқоти васеъ, ҳамчунин, таҳияи хулоса ва пешниҳодоти аз ҷиҳати қонунгузорӣ, назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ асоснокгардида ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба масоили субъекти ҷиноят мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсадҳои гузошташудаи таҳқиқот, баррасии масоли зер дар назар аст:

– таҳлили рушди таърихи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистон;

– таҳлил, баррасӣ ва ба эътибор гирифтани муқаррароти қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои муосир, аз ҷумла, давлатҳои аъзои ИДМ оид ба субъекти ҷиноят;

– таҳқиқи ҳуқуқии ҷиноятии шахси воқеӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии мукаллафии шахс ҳамчун аломати субъекти ҷиноят тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии шахси дорои мукаллафии маҳдуд тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии шахси номукаллаф тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии расидан ба синне, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ оғоз мегардад, ҳамчун аломати субъекти ҷиноят тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии ҶТ;

– таснифи субъекти махсуси ҷиноят;

– таснифи хусусиятиҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ;

– мушаххас намудани ҳадди аксари синни субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ;

– таҳияи тавсия ва пешниҳодоти мушаххас ҷиҳати такмили назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии ҶТ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқотро муносибати ҷамъиятӣ дар самти таҳқиқи илмӣ-амалӣ ва ҳуқуқии ҷиноятии субъекти ҷиноят ташкил медиҳад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи масоили назария, амалия ва муқаррароти қонунгузории ҶТ вобаста

ба субъекти ҷиноят, ҳамчунин, ҷузъиятҳои қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои хориҷӣ оид ба муқаррароти субъекти ҷиноят ташкил медиҳанд.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои инкишофёбии аломатҳои субъекти ҷиноят ду давраи рушди қонунгузории ҷиноятиро фарогир аст: 1) қонунгузории шуравӣ; 2) қонунгузории ҷиноятии замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2024 то 2026-ро дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро таълифоти илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ҷузъҳои мухталифи субъекти ҷиноятро таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳнд: Р.А. Абдуллоева, А.А. Абдурашидзода, В.А. Абдуҳамитов, У.А. Азиззода, М.М. Акилова, А.Ш. Ализода, Н.А. Ғаффорӣ, С.З. Заробидинзода, М.И. Иброҳимзода, М.М. Каримзода, Н.А. Қудратов, А.А. Қурбонзода, Ҷ.З. Маҷидзода, М.М. Муллоев, Н.Ҷ. Назарзода, П.А. Насуриён, Р.Ҳ. Раҳимзода, О.И. Сайдализода, К.Х. Солиев, С.А. Файзиев, Х.Х. Файзуллаев, Т.Ш. Шарипов, Р.И. Шарипов, С.С. Шарипов, Р.И. Бабиченко, Л.В. Борових, С.В. Бородин, М.З. Вовк, В.С. Орлов, В.И. Жуковский, Н.Г. Иванов, В.М. Кутс, В.А. Меркулова, Н.М. Мирошниченко, Р.И. Михеев, В.Ф. Мороз, Г.В. Назаренко, В.Г. Павлов, Д.В. Сирожидинов, Б.А. Спасенников, Р.Р. Тугушев ва дигарон.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологиии таҳқиқотро усули диалектикии маърифати илмӣ ташкил медиҳад. Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои умумии илмӣ (мантиқӣ, низомнокӣ, шарҳдиҳӣ, умумисозӣ, индуксия, дедуксия) ва махсуси илмӣ (усули махсуси сотсиологӣ – пурсиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳо; усули расмии ҳуқуқӣ; усули муқоисавии ҳуқуқӣ, усули таърихию ҳуқуқӣ) истифода бурда шудааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро парвандаҳои тафтишотиву судии дар ҶТ баррасигардида, омори СМИТ ВКД ҶТ ташкил дода, 190 парвандаҳои ҷиноятӣ ва 20 таърихи беморий дар беморхонаи

ҷумҳурии клиникии беморихои равонӣ, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Таҳқиқоти мазкур бори нахуст дар сатҳи диссертатсионӣ дар мавзуи субъекти ҷиноят ба ҳисоб рафта, назарияҳои навро оид ба мафҳумҳои «субъекти ҷиноят», «мукаллафӣ», «синни субъекти ҷиноят», «номукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «хусусиятҳои синни субъекти махсуси ҷиноят» дар бар мегирад. Дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, инчунин, таҳлили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба миён омадани зарурати мушаххас намудани мафҳуми «субъекти ҷиноят», шахси воқеӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят, мукаллафии субъекти ҷиноят, синни субъекти ҷиноят ва хусусиятҳои ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноят, ки то ин замон дар сатҳи қонунгузорӣ ва дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда нашудаанд, асоснок карда шудааст. Андешаҳои муаллиф роҷеъ ба такмили меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ оид ба масоили субъекти ҷиноят пешниҳод гардидааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки нуктаҳои илмии зерин ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд:

1. Вобаста ба доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ ва амалия муаллиф дар консепсияи илмии худ мафҳуми «субъекти ҷиноят» ва аломатҳои онро пешниҳод намудааст, ки барои мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти хос доранд:

– «Моддаи 22. Субъекти ҷиноят. Субъекти ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф аст ва ба синни муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст»;

– илман асоснок карда шудааст, мафҳуми «шахси воқеӣ» дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад: «Моддаи 22(1). Шахси воқеӣ. Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ дар ҳамин Кодекс шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии

Тоҷикистон истиқоматнакунанда ва шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад, фаҳмида мешавад»;

– мафҳуми «мукаллафӣ» дар КҶ ҶТ ба таври зерин ворид карда шавад: «Моддаи 22(2). Мукаллафӣ. Шахси воқеие, ки дар вақти содир намудани ҷиноят хусусияти воқеии ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк ва онро идора карда метавонад, мукаллаф эътироф мешавад».

2. Бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баррасии синни субъекти ҷиноят, мафҳуми «синни субъекти ҷиноят» пешниҳод шудааст ва мувофиқи он синни субъекти ҷиноят – ин миқдори муайяни солҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаест, ки дар сурати содир намудани ҷиноят бо расидан ба он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Вобаста ба муайян намудани мафҳуми «синни субъекти ҷиноят», пешниҳод гардидааст, ки номи моддаи 23 КҶ ҶТ «Синни субъекти ҷиноят» ифода карда шавад.

3. Вобаста ба баррасии илмии масоили мукаллафии маҳдуд дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, манзур намудани чунин пешниҳодҳоро ҷоиз шуморида мешаванд: а) дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд барои татбиқи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гирифтори парешонҳолии руҳӣ дуруст ба роҳ монда шавад; б) мафҳуми «парешонҳолии руҳӣ», ки дар заминаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди назар қарор мегирад, чунин ҳолати махсуси шахс фаҳмида мешавад, ки қобилияти ӯ барои дарк намудани хусусияти иҷтимоӣ ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиркарда, инчунин, барои идора ва назорат кардани рафтори худ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат дар шароите ба миён меояд, ки шахс аз як қатор парешонҳолиҳои равонӣ ранҷ мебарад, ки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба сатҳи зеҳн ва ирода, ба таври комил қобилияти ҳуқуқии ӯро истисно намесозанд. Ба ибораи дигар, чунин шахс дар маънои ҳуқуқӣ мукаллаф эътироф мегардад, аммо сатҳи маҳдудияти қобилияти зеҳнӣ ва иродаи ӯ бояд

ҳамчун омили дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ дар муайянсозии андозаи ҷавобгарӣ ва интихоби чораҳои ҷазо ба назар гирифта шавад; в) маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд чунин эътироф мешавад, ки дар фарқ аз шахси мукаллаф шахс дар вақти содир намудани ҷиноят на он қадар метавонист хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд. Аз ин бармеояд, ки маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд мавқеи марказиро барои эътирофи он ишғол мекунад ва ҳангоми баҳо додан бояд муайян карда шавад, ки парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно мекунад, чи дараҷа ба кирдори ҷиноятӣ таъсир расонидааст. Яъне, ҳангоми баррасии масъалаи фарқгузории мукаллафи маҳдуд аз мукаллафӣ ва номукаллафӣ, бояд дар назар дошт, ки дар м. 25 КҶ ҶТ сухан дар бораи дараҷаи таъсири парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба рафтори ҷиноятӣ меравад, наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд.

4. Таҳлил ва омӯзиши субъекти ҷиноятро ҷамъбаст намуда, пешниҳод мешавад, ки мафҳуми «ноболиғ», ки дар қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, дар чунин таҳрир ифода карда шавад: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳ расидаанд, вале ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд».

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертетсионӣ низоми донишҳои мавҷударо оид ба масоили мафҳуми «субъекти ҷиноят», шахси воқеӣ будан, мукаллаф будан ва синни ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун аломатҳои субъекти ҷиноят, номукаллафӣ ва мукаллафии маҳдудро хулосабарориву ҷамъбаст ва такмил медиҳад. Назарияи илмӣ ва муқаррароти такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба масоили баррасиву таҳлилгардидаи субъекти ҷиноят ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ вобаста ба муайян намудани аломатҳои субъективии тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ин ё он ҷиноят аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти

мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми амиқ гузошта, баҳри бартараф намудани холигиву ноқисиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат кунад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардида татбиқи худро дар соҳаҳои зерин пайдо хоҳанд кард:

– дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олии ҶТ ҳангоми такомули субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ;

– дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми таҳлили аломатҳои субъективии таркиби ҷинояти мушаххас;

– дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноят, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсияро истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва мақолаҳои илмиву рисолаҳои баъзе олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи субъекти ҷиноят ва аломатҳои он инъикос менамояд, ифода мекунанд. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳо, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ ба даст оварда шуда, дар асоси таҳлили Конституцияи ҶТ, КҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғайра ба даст омадаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифро таълифу эҷодиёти бевоситаи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳлили ақидаҳои муҳаққиқон, коркарди мафҳумҳои мутобиқ ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ, хулосаҳо ва нуқтаҳои илмии асоснок, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ифода мекунанд. Ҳамчунин, масоили дар диссертатсия таҳқиқгардида аз саҳми шахсии муаллиф далолат медиҳад. Аз ҷониби муҳаққиқ – муаллифи диссертатсия як қатор тавсияҳои назариявию амалӣ баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории ҷинояти ҶТ вобаста ба субъекти ҷиноят пешниҳод карда шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, дар ҷаласаи он муҳокима шуда, баъдан ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-019 назди ДМТ тавсия шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, хулосаву пешниҳодҳо дар конференсияҳои зерини байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза ироа гардидаанд:

А) байналмилалӣ:

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Мушкилоти мубориза бо ҷинояткорӣ дар фазои Авруосиё» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ», маъруза дар мавзуи «Некоторые вопросы о возрасте лица, привлекаемого к уголовной ответственности по УК Республики Таджикистан» (шаҳри Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 10-уми майи соли 2024);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо», маъруза дар мавзуи «Масоили инкишофёбии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба муқаррар намудани субъекти ҷиноят» (шаҳри Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми майи соли 2023);

Б) ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 27-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар мавзуи «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, дурнамо ва рушд», маъруза дар мавзуи «Масоили муқаррар намудани зеҳни сунъӣ ҳамчун субъекти ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шаҳри Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-уми майи соли 2025);

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 16-солагии қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар мавзуи «Дастовардҳо, мушкилот, ва дурнамои инкишофи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», маъруза дар мавзуи «Критерияи (маҳаки) тиббии номукаллафӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шаҳри Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми декабри соли 2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Оид ба муҳтавои диссертатсия 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои илмии ватанӣ чоп шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 244 саҳифаро дар бар мегирад.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.1. Таърихи рушди меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистон

Рушди таърихии ташаккули мафҳуми «субъекти ҷиноят» ва тамоюлҳои муосири он таҷрибаи мусбат ва манфии қонунэҷодкунии наслҳои пешин ва имрӯзаро инъикос мекунад, ки дар равандҳои минбаъдаи давлатдорӣ ба эътибор гирифтани онҳо муҳим мебошад. Ин раванд самтҳои дурнамои инкишоф ва такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунандаро муайян месозад.

Таҳқиқи объективонаи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бидуни истифодаи усули таърихию ҳуқуқӣ имконнопазир аст, зеро маҳз ин усул имконият медиҳад, ки шароити воқеии ташаккул ва инкишофи он ошкор гардад. Бо дарназардошти ин ҳолат, дар ҳар як меъёри амалкунандаи ҳуқуқӣ унсуре аз гузашта мушоҳида мешавад.

Ҳамин тавр, баъди инқилоби октябри соли 1917 дар асоси декретҳои Шурои комиссариатҳои халқии (ШКХ) Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия (ҶШФСР) «Оид ба тартиби тасдиқ ва нашри қонунҳо» аз 30-юми октябри соли 1917 ва «Оид ба замони ба қувва даромадани амру фармонҳои Ҳукумат» аз 18-уми ноябри соли 1917 ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешуд. Аз тарафи ШКХ ҶШФСР якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки ба сифати сарчашмаҳои қонунгузории ҷиноятӣ баромад менамуданд. Танҳо аз октябри соли 1917 то қабули Конституцсияи ҶШФСР соли 1918 шумораи декретҳо, қарорҳо, муроҷиат ба аҳолӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида садҳо [44, с. 188; 66, с. 36] шумораро ташкил медоданд. Аксарияти ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бевосита дар ҳудуди ҶШФСР ва ҶАШС Туркистон, аз ҷумла, дар Тоҷикистони Шимолӣ амал мекарданд [97, с. 24]. Дар ташкили низоми нави судӣ ва низоми ҳуқуқии сотсиалистӣ дар Ҷумҳурии Туркистон, мавқеи

муҳимро оид ба судҳо декрети Комитети марказии иҷроияи умумироссиягии ҶШФСР №2 аз 7-уми марти соли 1918 ва декрети ШКХ ҶШФСР №3 аз 20-уми июли соли 1918 мавқеи асосиро ишғол намудаанд. Тибқи декрети №2, аз тарафи Ҷумҳурии Туркистон 16-уми ноябри соли 1918 дастурамал оид ба ташкил ва мавриди амал қарор додани судҳои округӣ қабул гардид. Тибқи муқаррароти дастурамали мазкур, «ҷалб намудани ноболиғони ҳар ду ҷинси то 17-сола ба ҷавобгарии судӣ ва ҷойгир намудан дар маҳбас», роҳ дода намешуд. Парвандаи ноболиғонеро, ки кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро содир менамуданд, аз тарафи комиссияи ноболиғон баррасӣ мешуд, ки ин комиссия аз ҳайати намояндагони шуъбаҳо ва комиссариатҳои халқии маориф, тандурустӣ ва адлия иборат буд [97, с. 24].

Аз солҳои аввали таъсисёбии худ, Давлати Шуравӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ тамоюли маҳдудкунии ҷавобгарии ҷиноятро барои ноболиғон пеша намуда буд. Аксари олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ эътироф менамуданд, ки синне, ки аз он мумкин аст ноболиғон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, вобаста ба имконияти дарккунии ба ҷамъият хавфнокии кирдори содирнамудаашон муқаррар карда мешавад [88; 91; 195; 141; 210].

Декрети ШКХ «Оид ба Комиссияҳо барои ноболиғон» аз 14-уми январи соли 1918 муқаррар намуд, ки «Суд ва ҷазо (хусусияти маҳрумӣ аз озодӣ дошта – Ҳ.С.Ҳ.) барои хурдсолон ва ноболиғон бекор карда мешавад», вале «Парвандаҳои ноболиғони ҳар ду ҷинси то 17-сола, ки дар кирдорашон оқибати ба ҷамъият хавфнокӣ мушоҳида карда мешавад, аз тарафи комиссия оид ба ноболиғон баррасӣ мешавад» [252, с. 34]. Ҷавобгарии ҷиноятӣ бо баррасии мурофиаи судӣ аз синни 17 фаро мерасид.

12-уми декабри соли 1919 бо Қарори Комиссариати халқии адлия (КХА) «Асосҳои роҳбарикунанда оид ба ҳуқуқи ҷиноятии ҶШФСР» қабул гардид, ки бевосита дар ҳудуди ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон амал мекард [44, с. 194]. Мутобиқи муқаррароти м. 13 ин Асосҳо, ки дар боби 3 (оид ба ҷиноят ва ҷазо) мустаҳкам гардидааст, «ноболиғони то 14-сола ба суд ва ҷазо ҷалб карда намешаванд. Нисбати онҳо танҳо чораҳои тарбиявӣ истифода бурда

мешаванд. Ҳамин гуна чораҳо нисбати шахсоне, ки дар синну соли гузариши 14-18 қарор доранду камақлона рафтор менамоянд, истифода бурда мешаванд» [42, с. 57].

Декрети ШКХ «Оид ба кор бо ноболиғоне, ки дар кирдори барои ҷамъият хавфнок айбдор мебошанд», аз 4-уми марти соли 1920 дар б. 2-юми худ муқаррар менамояд, ки «ноболиғ шахси ҳар ду ҷинс (зан ё мард – Ҳ.С.Ҳ.) эътироф мешавад, ки ба синни 18-солагӣ нарасидааст» ва мутобиқи муқаррароти б. 3 ин Декрет, «парвандаҳои ноболиғони ҳар ду ҷинси то 18-сола, ки дар кирдорашон оқибати ба ҷамъият хавфнокӣ мушоҳида карда мешавад, аз тарафи комиссия оид ба ноболиғон баррасӣ мешавад. Агар, ҳангоми баррасии парвандаи ноболиғони аз 14 то 18-сола комиссия оид ба ноболиғон муқаррар намояд, ки ба онҳо татбиқ намудани чораҳои мушаххаси таъсиррасонии тиббӣ-педагогӣ ғайриимкон аст, парванда аз тарафи комиссия ба судҳои халқӣ пешниҳод карда мешуд» [42, с. 67]. Ҳатмӣ будани чунин чораҳо аз вазнинии кирдори содирнамуда ё хавфнокии ноболиғ, мунтазам ва муташаккилона содир намудани ҷиноят, шаҳодат медиҳанд.

Бо Қарори КХА аз 19-уми марти соли 1920 моддаи 13 Асосҳои роҳбарикунанда оид ба ҳуқуқи ҷиноятии ҶШФСР дар таҳрири нав қабул гардид. Мутобиқи ин тағйирот, «Ноболиғони то 14-сола ба суд ва ҷазо ҷалб карда намешаванд. Ба онҳо танҳо чораҳои тарбиявӣ андешида мешаванд. Ҳамин чораҳо нисбати ноболиғони синни гузариши 14-18-сола андешида мешаванд, агар нисбати онҳо имконияти андешидани чораҳои тиббӣ-педагогӣ ҷой дошта бошанд» [252, с. 35].

Тибқи б. 16 Дастурамали Комиссия оид ба кор бо ноболиғон, комиссия оид ба ноболиғон чораҳои зерини дорои хусусияти тиббӣ-педагогиро нисбат ба ноболиғон татбиқ менамуд:

а) суҳбат, тавзеҳ, эродҳои тарбиядиҳанда;

б) пешниҳод кардан ва дар озодӣ таҳти назорати падару модар, хешовандон ва назоратбарандагон қарор додан;

в) муайян кардан барои машғул шудан ба ин ё он кор;

г) ба мактаб гузоштан;

д) ба зодгоҳ фиристодан;

е) дар хонаи бачагон ё дар яке аз колонияҳо ва муассисаҳои табобатию тарбиявӣ ҷойгир намудан;

ж) дар шуъбаҳои махсуси изолятории беморхонаҳои бемориҳои руҳӣ ҷойгир кардан;

з) дар сурати нокифоя донистани чораҳои дар боло зикршуда якҷоя бо парванда ба суди халқӣ супурдани ноболиғон: дар сурати ретсидиви бардавом, мунтазам гурехтан аз хонаҳои бачагон, дар сурати ба дигарон хавфи дар озодӣ мондани ноболиғ [42, с. 57].

Бо қабули КҶ ҶШФСР соли 1922, ки аз 1-уми июли ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт [107, с. 44], синни ҷавобгарии ҷиноятӣ боз тағйир ёфт, яъне, синни ниҳоии ноболиғӣ аз 18 ба 16 поён бурда шуд. Кодекси мазкур дар ташаккули субъекти махсуси ҷиноят нақши назаррас гузоштааст. Кодекси ҷиноятии ҶШФСР, чи тавре ки Ф.Т. Тоҳиров қайд менамояд, «дар арафаи ташкил ёфтани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Худмухтори Тоҷикистон (дар ҳайати Узбекистон) дар тамоми қаламрави он дар ҷодаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар масъалаҳои муайян намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ё он кирдори хавфноки ҷамъиятӣ бо иловаҳояш барои ҶШС Туркистон амал менамуд» [131, с. 229; 260, с. 19].

Минбаъд, мутобиқи муқаррароти «м. 18 КҶ ҶШФСР ҷазо нисбати хурдсолони то 14-сола таъйин карда намешавад, ҳамчунин, нисбати ҳамаи ноболиғони аз 14 то 16-сола, агар эътироф шуда бошад, ки нисбати онҳо имконияти маҳдуд шудан бо андешидани чораҳои тиббӣ-педагогӣ ҷой дорад».

Кӯшиши маҳдуд кардани ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дар шароити муайян зарурати тақвияти масъулияти онҳоро истисно намекард, ё ин ки, чи хеле таҷрибаи он замон нишон медиҳад [252, с. 35], чораҳое, ки аз тарафи комиссия оид ба ноболиғон, хусусан нисбати ноболиғони синнашон калонтар андешида мешуданд, натиҷаҳои дилхоҳеро ба бор намеоварданд. Бинобар ин,

бо Қарори сессияи IV-уми Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ (КИМУ), даъвати нуҳум аз 11-уми ноябри соли 1922 ба м. 18 КҶ ҶШФСР тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Дар он муқаррар гардида буд, ки чораҳои тиббӣ-педагогӣ нисбати ноболиғони аз 14 то 16-сола на аз тарафи комиссия оид ба ноболиғон, балки, танҳо аз тарафи судҳо таъйин карда мешуданд, ки дар навбати худ, хусусияти ин чораҳо тақвият меёфтанд [252, с. 35]. Инчунин, бо Қарори мазкур м.м. 18 «а» ва 18 «б» ба Кодекси зикргардида илова гардиданд. «Моддаҳои мазкур муқаррар менамуданд, ки барои ноболиғони аз 14 то 16-сола аз нисфи ҷазои ҳадди аксаре, ки барои ҷинояти мушаххас муқаррар гардидааст (моддаи 18 «а») ва ба ноболиғони аз 16 то 18-сола, аз се як ҳиссаи ҳадди аксари ҷазое, ки барои ҷинояти мушаххас пешбинӣ гардидааст (моддаи 18 «б»), кам карда шавад» [42, с. 152].

Ҳодисаи муҳим дар таърихи инкишофёбии ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон, ин дар ҳудуди Ҷумҳурии Шуравии Халқии Бухоро, аз ҷумла, Бухорои Шарқӣ (Ҷануби ҳозира Тоҷикистон), 28-уми феврали соли 1924 мавриди амал қарор додани Кодекси ҷиноятии ҶШФСР, ки соли 1922 қабул гардида буд, ба ҳисоб меравад [97, с. 55].

31-уми декабри соли 1924 Асосҳои роҳбарикунандаи қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шуравӣ қабул карда шуд, ки таҳдоби минбаъдаи инкишофёбии қонунгузории ҷиноятии ҷумҳуриҳоро ташкил медод [42, с. 207]. Дар Асосҳои роҳбарикунандаи қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шуравӣ синне, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасид, муқаррар нагардида буд. Мутобиқи муқаррароти м. 8-уми ин Асосҳо, чораҳои тиббӣ-педагогӣ бояд ба хурдсолон татбиқ карда шаванд ва нисбати ноболиғон бошад, танҳо дар ҳолатҳое татбиқ мегарданд, ки агар мақомоти дахлдор эътироф карда бошанд, ки нисбати онҳо татбиқи ҷазо ғайриимкон мебошад.

Маҳз дар асоси Асосҳои роҳбарикунандаи қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шуравӣ соли 1924, тибқи қарори Президиуми КИМ Шурои ҶШС Узбекистон аз 16-уми июни соли 1926 [97, с. 73] Кодекси

ҷиноятии ҶШС Узбекистон қабул гардид. Ин Кодекс аз 1-уми июли соли 1926 дар ҳудуди ҶАШС Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифт [42, с. 69-125]. Мутобиқи муқаррароти м. 1 Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон соли 1926 «Тибқи қарори Иҷлосияи 4-уми Кумитаи Иҷроияи Марказии Совети Олии ҶШС Узбекистон даъвати 1-ум, аз 1-уми июли соли 1926 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон, ки дар иҷлосияи мазкур қабул шудааст, дар тамоми қаламрави ҶШС Узбекистон ва Ҷумҳурии Автономии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон эътибори қонунӣ пайдо мекунад» [14]. То 1-уми июли соли 1926 дар ҳудуди Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 амал мекард.

Мутобиқи муқаррароти м. 17 КҶ ҶШС Узбекистон хурдсолони то 14-сола ба ҷавобгарӣ ҷалб карда намешаванд, ҳамчунин, ноболиғони аз 14 то 16-сола, агар нисбати онҳо бо татбиқи чораҳои таъсиррасонии тиббӣ-педагогӣ маҳдуд карда шаванд.

Аз мазмуни муқаррароти «м. 17 Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон бармеояд, ки агар нисбати ноболиғони аз 14 то 16-сола татбиқи чораҳои хусусияти тиббӣ-педагогӣ ғайриимкон бошад, пас, онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда мешуданд, вале хурдсолони то 14-сола [14] ба ҷавобгарӣ ҷалб карда намешуданд. Моддаи 25 КҶ ҶШС Узбекистон муқаррар менамуд, ки чораҳои ҳифзи иҷтимоии хусусияти тиббӣ-педагогидошта ба хурдсолони то 14-сола ҳатмӣ мебошад». Дар баробари ин, қонунгузор ҳадди поёнии синни хурдсолро муқаррар накарда буд.

Тибқи муқаррароти м. 29 Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон ба чораҳои таъсиррасонии тиббӣ-ҳуқуқӣ инҳо дохил мешаванд:

а) супурдани ноболиғон барои парасторӣ ба падару модар, хешовандон ё дигар ашхос, муассисаҳо ё ташкилотҳо;

б) ҷойгир намудан дар муассисаҳои махсус.

Сархати 2 м. 17 ва м. 18 КҶ ҶШС Узбекистон муқаррар менамуд, ки барои ноболиғони аз синни 14 то 16-сола, ки онҳо аз ҷониби суд ба маҳрум сохтан аз озодӣ ё меҳнати маҷбурӣ маҳкум шудаанд, муҳлати чунин ҷазо

бояд аз нисфи ($^1/_2$) ҳадди муқаррарии ҷинояти муқаррарнамудаи ҳамин ҷиноят, ки суд барои болиғон муайян кардааст, инчунин, барои ноболиғони аз синни 16 то 18-сола, ки онҳо аз ҷониби суд ба маҳрум сохтан аз озодӣ ё меҳнати маҷбурӣ маҳкум шудаанд, муҳлати чунин ҷазо бояд аз се як ҳиссаи ($^1/_3$) ҳадди муқаррарии ҷинояти пешбининамудаи ҳамин ҷиноят, ки суд барои болиғон муайян кардааст, ҳатман сабук карда мешавад.

КҶ ҶШС Узбекистон мафҳуми «шахси ноболиғ»-ро муқаррар накардааст, вале аз сархати 2 м. 17 ва м. 18 Кодекси зикргардида маълум мегардад, ки ноболиғ шахси ба синни 14 расида, вале ба синни 18 нарасида эътироф мешуд [14].

КҶ ҶШС Узбекистон ҷиноятҳоеро, ки ҷавобгарӣ барои онҳо аз синни 14 фаро мерасид, муқаррар намекард ва ҷиноятҳое, ки хусусиятҳои ба худ хосро доро намебуданд (мисол, ҷиноятҳо дар соҳаи ҳарбӣ), ноболиғон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд.

7-уми апрели соли 1935 бо мақсади ҳар чи зудтар аз байн бурдани ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС «Оид ба чораҳои муборизa бар зидди ҷинояткории ноболиғон» [252, с. 36] қабул гардид, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз синни 12 барои дуздӣ, зӯроварӣ, ҷароҳати ҷисмонӣ, бетартибӣ, одамкушӣ ва сӯиқасд ба одамкушӣ бо татбиқи ҳама намуди ҷазоҳо, муқаррар намуд. Дар баробари ин, тибқи б. 3 қарори мазкур, м. 8 Асосҳои роҳбарикунандаи қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шуравӣ бекор карда шуд.

Вобаста ба муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 12 барои як қатор ҷиноятҳо, ба ақидаи В.И. Жуковский, дар он замон нуқтаи назар оид ба маҷбуркунӣ ҳамчун чораи умумии муборизa бар зидди ҷинояткорӣ ҳукмрон буд. Баъзе аз ҳуқуқшиносон қарори зикргардидаро васеътар тафсир намуда, зикр карда буданд, ки дар он фақат намудҳои ҷиноятҳо номбар шудаанд, на таркиби ҷиноятҳое, ки дар кодексҳо муқаррар гардидаанд. Бинобар ин, қобили қабул гардида буд, ки аз синни 12 барои авбошие, ки бо истифодаи зӯроварӣ алоқаманд мебошад ва қаллобӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар

гардад [252, с. 37]. Ҳол он ки, соли 1938 В.Д. Меншагин ақидаи дурустро баён намудааст, ки номгӯи дар қарор муқарраргардидаи ҷиноятҳо мукаммал эътироф мегардад [93, с. 59].

Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон соли 1926 то 15-уми июни соли 1935 дар ҳудуди ҶСШ Тоҷикистон амал мекард. Бо қарори КИМ Шуроҳои ҶСШ Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳаракат даровардани Кодекси ҷиноятии ҶСШ Тоҷикистон» аз 9-уми майи соли 1935 аввалин Кодекси ҷиноятии ҶСШ Тоҷикистон қабул гардид. Дар қарор чунин оварда шуда буд: «Аз 15-уми июни соли 1935 дар хоки ҶСШ Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии ҶСШ Тоҷикистон ба ҳаракат дароварда шавад. Аз худи ҳамон рӯз Кодекси ҷиноятии ҳаракаткунандаи ҶСШ Узбекистон бекор карда шавад» [10].

Бояд тазаккур дод, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии то қабули Кодекси ҷиноятии ҶСШ Тоҷикистон аз 9-уми майи соли 1935, ҷиҳати танзими аломатҳои субъекти ҷиноят нақши муҳим гузоштаанд. Дар ин радиф У.А. Азиззода қайд мекунад, ки «қонунгузории умумииттифоқии ҷиноятӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Федеративии Россия ва қонунгузории ҷиноятии ҶШС Узбекистон дар мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ мавқеи махсусро ишғол карда буданд. Ин қонунҳо дар як вақт ба ташаккули қонунгузории ҷиноятии ҶТ таъсири муҳим расонида, дар баробари қонунгузории ҷумҳурӣ дар муборизаи зидди ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон ва барқарор намудани давлатдории шуравӣ ва сохти сотсиалистӣ нақши калон бозидаанд» [230, с. 274-275].

«Синни умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноят чун Кодекси ҷиноятии дигар ҷумҳуриҳои Шуравӣ, дар Кодекси ҷиноятии ҶСШ Тоҷикистон соли 1935 низ аз 14-солагӣ муқаррар гардида буд» [264, с. 199]. Кодекси мазкур синни оғози ҷавобгарии ҷиноятиро барои баъзе ҷиноятҳо аз 12 муқаррар намуда буд. Ҳамин тавр, мутобиқи муқаррароти м. 11 ин Кодекс, «Бачагони (ноболиғони – Ҳ.С.Ҳ.) хурдсол аз синни 12-солагӣ сар карда дар зӯрӣ кардан, заҳмат расонидан ба бадани каси дигар, маиб кардани касе, куштан ё ба куштан қасд карданашон гунаҳкор шуда ба даст афтодаанд,

бо татбиқ кардани тамоми чораҳои ҷазои ҷиноятӣ ба суди ҷиноятӣ кашида мешаванд».

Фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 10-уми декабри соли 1940 «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон барои кирдорҳое, ки боиси хароб гардидани поезд мегарданд» ҷавобгарии ҷиноятиро аз синни 12-солагӣ барои кирдорҳое, ки боиси хароб гардидани поезд мегарданд, муқаррар намуда буд [252, с. 37]. В.С. Орлов зикр намуда буд, ки «ноболиғони синни 12 то 14 аллакай кӯдак нестанд, аммо дар баробари ин калонсол низ эътироф намешаванд, ҳарчанд хоҳиши онро дошта бошанд ҳам. Синни 12 то 14 яке аз давраҳои муҳимми пурмасъул дар ҳаёти ноболиғон эътироф мешавад. Дар ин давраи синнӣ дарки шахсияти худ аз тарафи ноболиғон ба миён меояд» [106, с. 126].

Синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дигар ҷиноятҳо фаро мерасид, муқаррар нагардида буд, бинобар ин, масъалаи мазкур дар қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба таври гуногун (мисол, дар КҶ ҶШС Украина аз 14-солагӣ ва дар КҶ ҶШС Белорус аз 16-солагӣ) муқаррар гардида буд.

Фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 31-уми майи соли 1941 «Оид ба ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон» синни умумии ҷавобгарии ҷиноятиро аз 14 муқаррар намуд, ба истиснои ҷиноятҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятии онҳо дар қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 7-уми апрели соли 1935 «Оид ба чораҳои муборизa бар зидди ҷинояткории ноболиғон» ва Фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 10-уми декабри соли 1940 «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон барои кирдорҳое, ки боиси хароб гардидидани поезд мегарданд» аз синни 12 муқаррар карда шудаанд [252, с. 38]. Дар вақти таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятии ИҶШС дар охири солҳои 1930-юм таклиф карда шуда буд, ки барои ноболиғон на аз 16-солагӣ, балки, аз 14-солагӣ ҷавобгарии умумии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад, зеро шумораи бештари ҷиноятҳои ноболиғон дар гурӯҳҳои синну солашон аз 14 сар мешавад. В.С. Тадевосян ҳамчунин, қайд кард, ки «мувофиқи ҳамаи

қонунҳои мо ин син ҳамчун синни ворид шудан ба роҳи зиндагии мустақилона қайд карда мешавад (Кодекси маданӣ, Кодекси меҳнат). Мувофиқи Укази КМ ПКУ(б) ва ШКХ ИҶШС аз 31-уми май соли 1935 ноболиғони аз 14-солагӣ дар муассисаҳои бачагона барои меҳнат ва таълим роҳ дода мешаванд» [209, с. 77].

Дар давраи минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Шуравӣ хусусияти боз бештар репрессивиро пайдо кард. Мубориза ба муқобили ҷиноятҳое, ки ба асосҳои давлат таҷовуз мекунанд, пурзӯр карда мешавад, ҷазои ҷиноятӣ барои хиёнат ба ватан, ки онро Конституцсияи ИҶШС соли 1936 ҳамчун кирдори вазнинтарини ҷиноятӣ мешуморад, пурзӯр карда мешуд. Хусусияти хосси қонунҳои ҷиноятии пеш аз ҷанг ва қонунҳои давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 бераҳмӣ, муқаррар намудани чораҳои ҷазо, сарфи назар аз синни шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, буд. Яке аз сабабҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ноболиғон дар ин солҳо, ин аз сабаби ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷалб гардидани падарҳо, онҳо бештар аз тарбия дур монда буданд.

Соли 1947 ҳангоми таҳияи Кодекси ҷиноятии ИҶШС масъалаи синни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба миён гузошта шуда буд ва аз рӯйи маводи Вазорати адлияи ҶШФСР бар он асос буданд, ки синни қисми зиёди ноболиғони ҷиноятқорро аз 14 то 16 ташкил медоданд, фоизи ноболиғони дар синни 12 то 14 ҷиноятсодирнамуда ночиз буд. Прокурори генералии ИҶШС дар айни замон қайд намуд, ки «амалия нишон дод, ки мурофиаи судии бачагони 12-сола натиҷаи чашмдоштро намедиҳад». Синни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз 14 ба мақсад мувофиқ дониста шуд.

Давраи муҳимми инкишофи қонунгузории ҷиноятии Шуравӣ ва институтҳои он, ин аз тарафи Шурои Олии ИҶШС қабули «Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» аз 25-уми декабри соли 1958 мебошад.

Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ соли 1958 ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғонро барои ҳамаи ҷиноятҳо аз синни 16 ва

барои баъзе аз ҷиноятҳо, ки дар м. 10 пешбинӣ гардида буданд, аз синни 14 муқаррар намуда буд.

Дар Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ соли 1958 чун дар қонунгузории пештараи ҷиноятӣ шахси ҳуқуқӣ субъекти ҷиноят эътироф карда нашудааст. Қонунгузории нави ҷиноятӣ, ки синни умумии ҷавобгарии ҷиноятиро 16 муқаррар кард, дар навбати худ, синни ҳадди ақалро аз 12 ба 14 боло бурд. Баъди расидан ба ин синни барои содир намудани ҷиноятҳои дар Асосҳо пешбинишуда ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён омада метавонад.

Мутобиқи «сархати 2 м. 10-и Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ашхосе, ки аз синни 14 то 16 ҷиноят содир кардаанд, танҳо барои одамкушӣ, расонидани зарар ба саломатӣ, таҷовуз ба номус, роҳзанӣ, дуздӣ, авбошии зараровар, қасдан несту нобуд ё вайрон намудани моликияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ё молу мулки шахсии шаҳрвандон, ки оқибатҳои вазнинро ба бор оварда бошад, инчунин, барои қасдан содир кардани ҳаракатҳое, ки барои ба садама дучор гардидани поезд, боис мегарданд».

Ҳамин тавр, Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ синне, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, боло бардошта шуд.

Мафҳуми «номукаллафӣ» низ ҳамчун аломати асосии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, ки аз он мафҳуми «мукаллафӣ»-ро баҳо медоданд, дар давраи Шуравӣ ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Ҳамин тавр, м. 14-и Асосҳои роҳбарикунанда оид ба ҳуқуқи ҷиноятии ҶШФСР соли 1919 мафҳуми «номукаллафӣ»-ро чунин муқаррар намуда буд: «шахсоне, ки дар ҳолати бемории руҳӣ ё умуман дар чунин ҳолате қарор дошта бошанд, ки ба кирдори содирнамудаи худ ҷавоб дода наметавонанд, ба суд ва ҷазо ҷалб карда намешаванд» [256, с. 35]. Оид ба масъалаи номукаллафӣ дар м. 17 Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 гуфта шудааст, ки «шахсоне, ки чи дар ҳолати бемории доимии руҳӣ ва чи дар ҳолати бемории муваққатии руҳӣ

кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардаанд, вақте ки ин шахсон ба кирдори худ ҷавоб гуфта наметавонанд, ба ҷазо кашида намешаванд. Ба ин шахсон чораҳои дорои хусусияти тиббӣ дида мешаванд» [256, с. 35]. Ҳамин тариқ, мувофиқи Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 ҳамчун субъекти ҷиноят шахси ҳатман мукаллафе эътироф карда мешавад, ки метавонад кирдори худро дарк намояд ва онҳоро идора карда тавонад, ҳарчанд ки ин мафҳум дар қонунгузории ҷиноятӣ дода нашуда буд.

Дар минбаъда такмилёбии доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ, мафҳуми «номукаллаф» низ тағйир ёфт. Аллакай дар м. 16 КҶ ҶШС Узбекистон соли 1926 мафҳуми нисбатан комилтари он дода шудааст: «Шахсоне, ки дар ҳолати бемории доимии руҳӣ ё вайроншавии муваққатии фаъолияти руҳӣ ё умуман дар ҳолате ки ҷиноят содир кардаанд ва ба амалҳои худ ҳисобот дода наметавонанд, инчунин, шахсоне, ки ҳарчанд дар ҳолати муътадили руҳӣ ҳастанд, аммо дар вақти баровардани ҳукм ё иҷрои ҳукм аз бемории руҳӣ азоб мекашанд, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд». То қабули КҶ ҶСШ Тоҷикистон соли 1935 номукаллаф тибқи меъёри мазкур муқаррар карда мешуд.

Мафҳуми «номукаллафӣ» дар м. 10 КҶ ҶСШ Тоҷикистон муқаррар гардида буд ва он мазмуни м. 16 КҶ ҶШС Узбекистон соли 1926-ро ифода мекард: «Дар ҳаққи касоне, ки дар аснои бемории доимии руҳӣ ё дар аснои парешонҳолии муваққатӣ, ё дар ҳолатҳои дигар касалӣ гуноҳ содир кардаанд. Агар ҳамин хел касон кирдорҳои худро ҳис накунанд ё саришта кардани онҳоро ҳис карда натавониста бошанд, инчунин, дар ҳаққи касоне, ки ҳарчанд дар ҳолати сиҳат будан ва соз будани аҳволи руҳӣ гуноҳ кардаанд, лекин, дар аснои бароварда шудани ҳукмнома бо бемории руҳӣ касал шудаанд, – танҳо чораҳои характери тиббӣ доштагиро татбиқ кардан мумкин аст».

Дар сархати 2 м. 17 Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 ва сархати 2 м. 16 КҶ ҶШС Узбекистон муқаррароти зерин бо мазмуни якхела пешбинӣ гардида буд: «Амали моддаи мазкур нисбати шахсоне, ки барои содир

намудани ҷиноят худро ба ҳолати мастӣ овардаанд, дахл надорад». Ин муқаррарот маънои ифода дорад, ки агар шахс танҳо барои содир кардани ҷиноят худро ба ҳолати мастӣ орад, пас, ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно намешавад ва чунин ба назар мерасад, ки агар барои дигар ҳолат, аз ҷумла, истироҳати худ маст шуда бошад ва дар ин ҳолат ҷиноят содир кунад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Аммо, эзоҳ ба моддаи 10 КҶ ҶСШ Тоҷикистон (соли 1935) мазмуни онро нисбатан мушаххас намудааст: «Таъсири ин модда дар ҳаққи касоне, ки дар ҳолати мастӣ гуноҳ кардаанд, ҷорӣ намешавад».

Номукаллафие, ки КҶ ҶСШ Тоҷикистон соли 1935 муқаррар намуда буд, то қабули КҶ РСС Тоҷикистон, ки аз тарафи Президиуми Шурои Олии РСС Тоҷикистон, 17-уми августи соли 1961 қабул гардидааст, аз 1-уми ноябри соли 1961 мавриди амал қарор гирифт.

Аз қабули декретҳои ШКХ ҶШФСР то қабули КҶ ҶСШ Тоҷикистон соли 1935 дар ягон меъёри онҳо мафҳуме муқаррар нагардидааст, ки тамоми аломатҳои субъекти ҷиноятро фарогир бошанд, гарчанде мафҳуми баъзе аломатҳои он инкишоф ёфтаанд. Яъне, таърихи инкишофёбии қонунгузории ҷиноятӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаҳои проблемавии таърифи мафҳуми субъекти ҷиноят, ки бо вуҷуди роҳи мураккаб, дуру дароз, ҳатто на ҳамеша пайваста дар рушди худ ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст, ба ҳалли фаврии назариявӣ ва мустаҳкамсозии қонунгузорӣ ниёз дорад.

25-уми декабри соли 1958 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ қабул гардид, ки дар рушди минбаъдаи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқ, аз ҷумла, Тоҷикистон замина гузошт. КҶ РСС Тоҷикистон, ки аз тарафи Президиуми Шурои Олии РСС Тоҷикистон 17-уми августи соли 1961 қабул гардид, ба принсипҳо ва қоидаҳои умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС соли 1958 мутобиқ буд. Синни поёнӣ, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ оғоз мегардид, тибқи Кодекси зикргардида, аз расидан ба 14 то расидан ба 16 муқаррар шуда буд. Ҳамчунин, нисбати шахсоне, ки дар синни ноболиғӣ ҷиноят содир намудаанд, чораҳои маҷбурии

хусусияти тарбиявидошта таъйин гардиданаш мумкин буд. Синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи хусусияти ҷиноят ва инкишофёбии ҳолати ҷисмониву руҳии субъекти ҷиноят муқаррар карда мешуд. Мисол, дар доираи инкишофёбии меъёрҳои қонунгузории умумииттифоқӣ, Президиуми Шурои Олии ИҶШС таърихи 26-уми июли соли 1966 указеро қабул намуд, ки тибқи он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои авбошӣ пурзӯр карда мешавад [44, с. 259]. Дар ин асно, Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 29-уми сентябри соли 1966 қарор қабул менамояд, ки тибқи он ба моддаи 220 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон тағйирот ворид карда мешавад ва бо дарназардошти ин тағйирот ба сифати субъекти авбошӣ шахси воқеии мукаллафе эътироф мегардад, ки дар вақти содир намудани ин ҷиноят ба синни 16-солагӣ расида бошад ва барои авбошӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда, аз 14-солагӣ расида бошад [41].

Қобили зикр аст, ки Асосҳои қонунгузории ИҶШС соли 1958 нисбатан пурра дар сатҳи қонунгузорӣ мафҳуми «номукаллафӣ»-ро муайян намуд, ки минбаъд ин мафҳум дар моддаи 11 қонунгузории ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 ифодаи худро ёфт: «Шахсе, ки дар вақти содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар вазъияти номукаллафӣ буд, яъне, аз сабаби беморії руҳии доимӣ, парешонҳолии муваққатии руҳӣ, сустақлӣ ё дар вазъияти дигар беморӣ маънои ҳаракатҳои худро фаҳмида наметавонист ё ки ин ҳаракатҳои худро саришта карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад». Дар ин шакл номукаллафӣ ифодаи ниҳоии худро ҳамчун ҳолати беморії руҳии патологии шахс, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок хусусияти воқеии кирдори худро дарк намекунад ва ба онҳо ҷавоб гуфта наметавонад, ёфтааст.

Мафҳуми «мукаллафии маҳдуд» сарфи назар аз он ки дар марҳилаҳои гуногуни рушди таърихӣ ба таври мустақим ва муназзам дар қонунгузории ҷиноятии давраи шуравӣ мустаҳкам нагардидааст, дар афкори илмӣ мавриди таваҷҷуҳи назарраси муҳаққиқон қарор дошт. Андеша ва мавқеъҳои олимон

вобаста ба ин мафҳум дар зербоби 2 боби 2-и таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба таври муфассал таҳлил ва ҷамъбаст мегарданд.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи ягонагии андешаҳои олимон оид ба номгӯ ва мундариҷаи марҳилаҳои асосии рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон сухан гӯем, бинобар ин, барҳӯрдҳои гуногун ба даврабандии таърихи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар карда мешаванд. Ба андешаи мо, даврабандии асоснок ва мукаммалро вобаста ба таснифот ва рӯйдодҳои муайяни таърихӣ, чунин эътироф мешавад:

1) қонунгузории ҷиноятӣ дар давраи таъсиси ИҶШС (солҳои 1917-1922);

2) қонунгузории ҷиноятии ҶШФСР (солҳои 1922-1926);

3) қонунгузории ҷиноятии ҶШС Узбекистон, ки ҶШСХ Тоҷикистон дар ҳайати он буд (солҳои 1926-1935);

4) қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1935-1961);

5) қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1961-1998);

6) қонунгузории ҷиноятии муосири Тоҷикистон (аз соли 1998 то кунун).

Марҳилаҳои рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки таърихи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ва дар чорчӯбаи он, ташаккули мафҳуми «субъекти ҷиноят» ва нишонаҳои он дақиқ мушоҳида карда шавад. Аз ин рӯ, бар он назарем, ки марҳилаҳои пешниҳодшуда дар ҷиҳати асоснок кардани хусусиятҳои субъекти ҷиноят қобили қабул мебошад. Ҳар як тағйироти воридшуда ба қонунгузории ҷиноятӣ, танҳо як қисми маҷмуи тадбирҳои ҳалли проблемаҳои дар назди давлат бамиёномада буд.

Доир ба аломатҳои субъекти ҷиноят тибқи КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 дар зербобҳои минбаъда ҳангоми муқоиса бо КҶ ҶТ аз 21-уми майи соли 1998, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад.

1.2. Мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон

Субъекти ҷиноят яке аз мафҳумҳои асосӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳаввули донишҳои илмӣ дар бораи субъекти ҷиноят то кунун олимонро ба ташаккули модели ягонаи назариявии субъекти ҷиноят наовардааст ва доир ба он ақидаҳо ва пешниҳодҳои гуногун ҷой доранд, яъне, барои пурра омӯхтани масъалаҳои субъекти ҷиноят ҳамеша аз мадди назари олимони соҳа дур намондааст.

Вазъияти муосири назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар муносибат ба субъекти ҷиноят, ба ақидаи мо, чун дар ҳолати такмилёбӣ қарордошта баҳо дода мешавад. Имрӯз таҳозо карда мешавад, ки ба таври бояду шояд коркарди назариявӣ ва методологии консепсияи ҷавобгарии ҷиноятии гунаҳгории фардӣ; имконият, зарурат ё механизми эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят, ҳамбастагии субъекти иҷтимоӣ ва субъекти умумии ҷиноят; коркарди тавсия оид ба дараҷабандии синни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, вобаста ба баланд гардидани сатҳи дониши ҳуқуқии ҷомеа, эмансипатсия ва дигар омилҳои иҷтимоӣ ва ғайра ба роҳ монда шавад.

Мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар раванди ташаккул ва инкишофи таърихии худ роҳи тӯлонӣ ва мураккаберо тай намудааст: аз эътирофи на танҳо инсон, балки ҳайвонот ва ҳатто ҷисмҳои беҷон ҳамчун субъекти ҷиноят то пазируфтани истисноии инсон ҳамчун субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Аз солҳои 1940-уми асри ХХ сар карда, ҳуқуқшиносони шуравӣ ба таҳқиқоти илмии амиқ ва низомманди ин мафҳум шурӯъ намуда, асосҳои назариявии онро таҳия карданд. Ин қоидаҳои бунёдӣ минбаъд дар қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла дар Кодекси ҷиноятии соли 1961, ифодаи ҳуқуқии возеҳ ва татбиқи амалӣ пайдо намуданд. Дар м. 22 КҶ ҶТ ибораи «субъекти ҷиноят» истифода нагардида, ба ҷойи он «шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» муқаррар шудааст. Ҳамчунин, дар моддаҳои алоҳидаи КҶ ҶТ ибораҳои гуногун истифода

гардидаанд, ки субъекти ҷиноятро ифода мекунанд. Мисол, ҷинояткор (қ. 5 м. 35), шахси ҷиноят содирнамуда (м. 8, м. 41 ва ғ.), шахсе, ки ҷиноят содир намудааст (м.м. 6, 41 ва ғ.), шахси гунаҳгор (б. «г» қ. 1, қ.қ. 2 ва 6 м. 57, қ.1 м. 127), маҳкумшуда (қ. 1 м. 11(1), қ. 2 м. 46 ва ғ). Ҳамчунин, дар баробари ин, ибораи «субъекти ҷиноят» низ дар қ. 4 м. 37 қонунгузории ҷиноятӣ истифода гардидааст. Дар КМҶ ҶТ – «гумонбаршуда», «айбдоршаванда» ва «судшаванда» ва ғайра ишора гардидааст. О.И. Сайдализода дар рисолаи илмии худ ифодаҳои «шахси дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор», «шахси ҷазоро адокунанда», «шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда»-ро низ иброз намудааст [271, с. 14].

Бо вуҷуди ин, дар амалияи ҳуқуқтатбиқ мафҳуми мазкур ба таври густурда истифода шуда, ҳангоми таҳқиқ ва баррасии ҳар як ҷиноят, аз ҷумла дар ҷараёни тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳамчун унсури ҷудонашаванда ва ҳатмии таркиби ҷиноят мавриди омӯзиши муфассал қарор мегирад.

83% пурсидашудагон дар миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ворид намудани истилоҳи «субъекти ҷиноят»-ро дар м. 22 КҶ ҶТ ҷонибдорӣ намудаанд (замимаи №1).

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои зиёди субъекти ҷиноятро мушоҳида намудан мумкин аст. Н.С. Лейкин ва Н.П. Грабовская [85, с. 335] ба ҳайси субъекти ҷиноят шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни муайян расидаро эътироф мекарданд. Зарурати ҳатмии ҷой доштани субъекти дорои чунин аломатҳои мукаллафӣ ва расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятиро дуруст қайд намудаанд.

М.Д. Лисов ва В.П. Малков эътироф карданд, ки «субъекти ҷиноят шахси ҷисмоние, ки кирдори барои ҷамъият хавфноки бо қонунгузории ҷиноятӣ пешбинигардидаро содир кардааст ва аломатҳои дар қонун муқарраргардидаро доро бошад» [133, с. 159]. Мафҳуми мазкур низ субъекти ҷиноятро дуруст шарҳ додааст.

Т.Ш. Шарипов бар он назар аст, ки «субъекти ҷиноят ин шахси воқеии мукаллафи ба синну соли муқарраркардаи қонун расидаест, ки таҷовузро содир кардааст» [220, с. 71].

К.Ҳ. Солиев дар ифодаи мафҳуми «субъекти ҷиноят» иброз намудааст, ки «Субъекти ҷиноят – ин шахси воқеие (ҷисмоние) мебошад, ки ҷинояти мушаххасро содир кардааст ва имконияти таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор доштанро дорад» [124, с. 15]. Мафҳуми мазкур танҳо як аломати субъекти бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраргардида – «шахси воқеӣ»-ро доро мебошад. Минбаъд дар таҳвияти ин мафҳум, муҳаққиқ «син» ва «мукаллафӣ»-ро ҳамчун аломати субъекти ҷиноят ишора кардааст. Ӯ илова намудааст, ки «ҷинояти мушаххасро содир кардааст», ки барои дар қонунгузории ҷиноятӣ бояд муқаррар карда шавад, лекин, он ҷой надорад.

Мафҳуми нисбатан комили субъекти ҷиноятро Н.А. Ғаффорӣ иброз намудааст, ки «Субъекти ҷиноят – ин шахси воқеии мукаллафи ба синну соли муқаррарнамудаи қонун расида мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намудааст ва қобил аст, ки тибқи қонун барои ин кирдор таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор дода шавад» [60, с. 115].

Р.И. Шарипов доир ба субъекти ҷиноят бар он назар аст, ки «мафҳуми субъекти ҷиноят, дарки хосият ё аломатҳои психофизикии он барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва таъйини ҷазо барои содир намудани ҷиноят нақши муҳим мебозад. Субъекти ҷиноят шахсе мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст ва мувофиқи қонун он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад» [219, с. 136].

Вобаста ба субъекти ҷиноят С.В. Бородин мафҳуми дигареро пешниҳод мекунад: «субъекти ҷиноят на ҳамаи шахсон буда метавонанд, балки, ҳамон шахсоне шуда метавонанд, ки хусусиятҳои дар қонунгузории ҷиноятӣ муқарраргардидаро доро ҳастанд. Ба он синни бо қонунгузорӣ муқарраргардида дохил мешавад, ки бо расидан ба он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои мукаллаф фаро мерасад» [136, с. 107]. Воқеан на ҳамаи шахсон ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда метавонанд, балки, танҳо ҳамон

шахсе эътироф мешавад, ки ғайр аз хусусиятҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаи субъекти ҷиноят, инчунин, кирдори барои ҷамъият хавфнокеро содир намудааст, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ манъ шудааст.

Н.Ф. Кузнетсова ва Ю.М. Ткачевский ба сифати субъекти ҷиноят инсони содирнамудаи кирдори қасдона ё аз беэҳтиётии барои ҷамъият хавфноки бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраршудаеро эътироф менамояд, ки ӯ ба синни муқаррарнамуда расида, мукаллаф мебошад ва дар ҳолатҳои алоҳида, аломатҳои махсуси ба худ хосси дар меъёрҳо муқарраргардидаро доро мебошад [135, с. 135]. Қобили қабул набудани мафҳуми пешниҳодгардида дар он аст, ки аломатҳои тарафи субъективии ҷиноятро дар бар гирифтааст (қасд ва беэҳтиётӣ ҳамчун шаклҳои гуноҳ).

Муҳаққиқони зикршуда субъекти ҷиноятро шарҳ додаанд, вале аломатҳои асосии субъекти ҷиноят дар онҳо ифодаи пурраи худро инъикос нанамудааст. Ба ақидаи мо, мафҳуми «субъекти ҷиноят» бояд дар чунин тарз ифода карда шавад, то ки ҳамаи аломатҳои онро фарогир бошад: шахси воқеие ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки дар вақти содир кардани ҷиноят мукаллаф бошад ва ба синни муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидааст. 84% пурсидашудагон дар миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ин шакли мафҳуми «субъекти ҷиноят»-ро ҷонибдорӣ кардаанд (замимаи №1).

Аз мафҳуми зикргардида, аломатҳои асосии субъекти ҷиноятро муқаррар намудан мумкин аст:

1. Танҳо шахси воқеӣ бошад;

2. Шахси воқеӣ бояд мукаллаф бошад;

3. Ба синни муайяннамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расида бошад;

4. Кирдори барои ҷамъият хавфнокро, ки ҷиноят эътироф мешавад, содир карда бошад.

Аломатҳои дар боло ишорагардида ба истисно аз «кирдори барои ҷамъият хавфнокро, ки ҷиноят эътироф мешавад, содир карда бошад», ифодаи расмии худро дар м. 22 КҶ ҶТ, ки 21-уми майи соли 1998 қабул

гардидааст, ёфтаанд: «Танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст».

Ҳангоми таҳқиқи мафҳуми «субъекти ҷиноят» бархе аз муаллифон мекӯшанд, ки ба шахсияти ҷинояткор нисбат ба тасаввуроти пешина аҳаммияти аз ҳад зиёд қоил шуда, доираи аломатҳоеро, ки субъекти ҷиноятро тавсиф менамоянд ва ба таркиби ҷиноят мансуб шуморида мешаванд, бе асос васеъ гардонанд. Ба гуфтаи Б.С. Никифоров, «амалия кайҳо боз масъалаи зарурати пешбинӣ намудани ҳолатҳоеро ба миён гузоштааст, ки дар онҳо хавфи ҷамъиятии субъект ҳамчун яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравад ва дар сурати мавҷуд набудани он, наметавон гуфт, ки ҷиноят содир шудааст» [194, с. 12].

Б.С. Утевский пешниҳод кардааст, ки аз мафҳумҳои анъанавии субъекти ҷиноят даст кашида, мафҳуми нав таълиф карда шавад, то ки афкор, ҳиссиёт, гузашта, фаъолияти хизматӣ ва ҷамъиятии шахс, хизматҳои ӯ дар назди ҷомеа ва давлат, хислатҳои маънавию сиёсии ӯро дар бар гирад [214, с. 45].

В.М. Кутс ва В.А. Меркулова бар он назаранд, ки аломатҳои субъекти ҷиноят (шахси воқеӣ, мукаллаф ва ба синни муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан) барои тавсифи пурраи субъекти ҷиноят басандагӣ намекунанд. Дар баробари ин, В.М. Кутс ҳалли ин муамморо бо роҳи пурра кардани субъекти ҷиноят бо аломатҳои ҷиноятҳои алоҳидаи дар Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ ифодагардида мебинад [180, с. 17-23]. Дар навбати худ, В.А. Меркулова пешниҳод мекунад, ки ба субъекти ҷиноят аломатҳои ифодакунандаи шахсияти ҷинояткор низ илова карда шавад [186, с. 111-115]. Ба назари мо, В.М. Кутс ва В.А. Меркулова аломатҳои ҷузъии субъекти махсуси ҷиноятро пешниҳод карда, дар умум ақидаи онҳо на танҳо мафҳуми «субъекти ҷиноят»-ро маҳдуд месозанд, балки, мафҳуми комили «субъекти махсуси ҷиноят»-ро низ маҳдуд менамоянд.

Ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, субъекти ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебошад. Аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят дар м. 22

КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд: шахси воқеӣ; мукаллаф; синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ (16 ва 14). Аломатҳои иловагии (факултативии) субъекти ҷиноят: дорои аломатҳои иловагие, ки ба субъекти махсуси ҷиноят хос мебошанд.

Пешниҳодҳо дар бораи ба қатори аломатҳое, ки субъекти ҷиноятро муайян мекунанд, ворид намудани он аломатҳоеро, ки шахсияти ӯро дар ҷамъият муайян мекунанд, асоснок ҳисоб кардан мумкин нест, зеро таркиби ҷиноят хусусияти меъёрии ҳуқуқии кирдори мушаххаси шахс мебошад (таркиби ҷиноят маҷмуи аломатҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраршудае мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро муайян мекунад). Хавфнокии ҷамъиятии субъекти ҷиноят, инчунин маҷмӯи хусусиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ва дигар маълумот дар бораи ҷиноятккор ҳамчун фард, моҳиятан тамоми симои шахсияти ӯро фаро мегирад ва онро наметавон ба як кирдори мушаххаси ҷиноятӣ нисбат дод ё ҳамчун яке аз асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ арзёбӣ намуд. Агар ин гуна хусусиятҳои марбут ба шахсияти ҷиноятккор ба таркиби ҷиноят ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дохил карда шаванд, он гоҳ ба ҷойи меъёрҳои дақиқ, муайян ва объективии ҷавобгарии ҷиноятӣ, заминаҳои аз ҳад васеъ, норавшан ва фасоҳатан таҳмилшавандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар мегарданд, ки чунин равиш ба принсипҳои асосии қонунгузории ҷиноятӣ мухолифат дорад.

Таркиби ҷиноят дар умум хавфнокии ҷамъиятии шахсро тавсиф мекунад, аммо дар кул онро дар бар намегирад. Ҳама маълумот дар бораи шахсияти ҷиноятккор барои фардикунонии ҷазо заруранд. Таълимот дар бораи шахсияти ҷиноятккор дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муаммои мустақилро ташкил медиҳад, ки баррасии он дар доираи омӯзиши субъекти ҷиноят ба мақсад мувофиқ нест.

Мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар шароити имрӯза ҳам маҷмӯи аломатҳои бевосита дар қонунгузорӣ муқарраршударо ва ҳам унсурҳоеро, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ шакл гирифта ва истифода мешаванд, фаро мегирад. Аз ин рӯ, барои таъмин намудани арзёбии ҳамаҷониба, комил ва

объективонаи ин мафҳум, зарур аст, ки ҳам пояҳои назариявии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам талаботу муқаррароти қонунгузории амалкунанда дар сатҳи кофӣ ва мутаносиб дониста шаванд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти ҷиноят шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида эътироф карда мешавад. Ин мафҳумро «субъекти умумӣ» низ меноманд, зеро аломатҳои зикршуда (мукаллафӣ ва синни ҷавобгарии ҷиноятӣ) ба ҳама субъектҳо хоссанд ва мавҷуд набудани онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар кирдори шахс таркиби ҷиноят ҷой надорад. Дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ меъёр муқаррар шудааст, ки танҳо шахси воқеӣ субъект буда метавонад, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз муҳаққиқон [252, с. 48] ба хулосае омадаанд, ки эътироф ва дар қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят комилан асоснок аст. К.Ҳ. Солиев бар он назар аст, ки «шахси ҳуқуқӣ (юридикӣ – яъне, корхона, ташкилот ва ғ.) субъекти ҷиноят ҳисоб шуда наметавонад» [124, с. 15]. Мавсуф дар илова ишора мекунад, ки шахси ҳуқуқӣ дорои аломатҳои субъекти ҷиноятро (мукаллафӣ ва синни ҷавобгарии ҷиноятӣ – Ҳ.С.Ҳ.) намебошад. Ҳамчунин, эътироф нагардидани шахси ҳуқуқиро ҳамчун субъекти ҷиноят, В.А. Абдуҳамитов низ дар таҳқиқоти диссертатсионии [228, с. 60] худ ҷонибдорӣ кардааст.

Ба Кодекси ҷиноятии амалкунанда мафҳуми нави «мукаллафии маҳдуд» ворид карда шуд, ки дар КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 ҷой надошт. Ин мафҳум маънои онро дорад, ки шахсони гирифтори нуқсонҳои руҳӣ қобилияти дарк кардани моҳияти воқеӣ ё хавфи ҷамъиятии кирдори худ ва идора кардани онро доранд, ҳарчанд ин қобилият дар онҳо заиф аст. Ин гуна шахсон як намуди мукаллаф мебошанд ва бинобар ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо истисно намегардад, аммо ҳангоми фардикунонии ҷазо баҳои объективиро тақозо мекунад.

Навгонии дигари КҶ ҶТ соли 1998 ин мафҳуми «номукаллафӣ» вобаста ба синни субъекти ҷиноят мебошад, «ки агар ноболиғ дар вақти содир

намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расида бошад, аммо дар натиҷаи ақиб мондан дар инкишофи руҳӣ, ки бо парешонҳолии руҳӣ алоқаманд намебошад, наметавонист ба таври пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онҳоро идора намояд, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад». Ба қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани ин мафҳум имкон медиҳад, ки ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ноболиғон принсипи инсондӯстӣ пурратар истифода шавад. Чунин муқаррарот дар қ. 4 м. 22 Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ [9] мустаҳкам гардидааст.

Дар Кодекси нави ҷиноятӣ то ҳол миқдори хеле зиёди меъёрҳое мавҷуданд, ки ҳамчун аломатҳои ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ аломатҳои иловагиеро, ки субъекти ҷиноят бояд дошта бошад, пешбинӣ мекунанд. Чи тавре аллакай ишора намудем, инро субъекти махсуси ҷиноят меноманд.

Аз нуқтаи назари қонунгузорӣ ва амалӣ, вобаста ба субъект, намудҳои гуногуни субъекти ҷиноятҳо ҳангоми шарикӣ дар ҷиноят, аҳаммияти калон доранд. Таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ нишон дод:

– агар кирдори барои ҷамъият хавфнок аз ҷониби ду ҷинояткор содир шуда бошад, ки яке аз онҳо бинобар син ё мукаллафӣ субъекти ин ҷиноят набошад, шарикӣ вуҷуд надорад. Амалҳои шахси дуюм бошад, бояд бо роҳи бавосита расонидани зарари ҳамчун иҷрокунандаи ҷиноят, эътироф карда шаванд;

– агар шахсе, ки субъекти ҷинояти махсусан дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ зикргардида набошад ва дар содир намудани ҷинояти дар ҳамин модда пешбинишуда иштирок дошта бошад, пас, ӯ барои ин ҷиноят ҳамчун ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчии ин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафе, ки ба синни муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидааст (м. 22 КҶ ҶТ). Ғайр аз ин, худи модда «Шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» ном дорад. Баъзе ҳуқуқшиносон

[225, с. 59] бар ин назаранд, ки мафҳуми «субъекти ҷиноят» маҳз шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ аст, на унсури таркиби ҷиноят. Ҷиҳати тасдиқи ин нуқтаи назар, дар м. 27 КМҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки «парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда намешавад ва парвандаи оғозшуда қатъ карда мешавад: ҳангоми дар кирдори содиршуда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят». Равшан аст, ки агар ҳадди ақал яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят ҷой надошта бошад, пас, худи ҷиноят ҳам вуҷуд надорад.

Муҳаққиқон [225, с. 59] ба таҷрибаи судӣ такя намуда, эътироф мекунанд, ки субъекти ҷиноят аз унсури таркиби ҷиноят хориҷ карда шавад. Тибқи муқаррароти б. 10 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, №6 аз 12-уми декабри соли 2002 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳои ноболиғон» [40, с. 13], содир намудани ҷиноят бо истифодаи шахсе, ки бинобар синну солаш (м. 23 КҶ ҶТ) ё номукаллафиаш (м. 24 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, шарикиро ташкил намекунад. Дар баробари ин, ҳангоми аз тарафи ноболиғ содир намудани ҷиноят, ки бо асосҳои дар боло қайдшуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, шахси ба содир намудани ин ҷиноят ноболиғро ҷалбнамуда, мувофиқи қ. 2 м. 36 КҶ ҶТ барои кирдораш ҳамчун иҷрокунанда ҷавобгар мешавад. Ҳамин тавр, ҳангоми содир намудани дуздӣ аз ҷониби шахси болиғ бо маслиҳати пешакӣ бо хурдсоли то 14-сола, дар сурати мавҷуд набудани ҳолатҳои дигари вазнинкунанда, кирдори шахси болиғ аз рӯйи аломатҳои ҷинояти пешбининамудаи қ. 1 м. 244 КҶ ҶТ баҳо дода мешавад.

Агар содир намудани дуздии айнан дар боло зикргардида аз ҷониби шахси болиғ бо маслиҳати пешакӣ бо ноболиғи ба синни 14 расида содир шуда бошад, пас, кирдори шахси болиғ аз рӯйи аломатҳои ҷинояти пешбининамудаи б. «б» қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ (аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ) баҳо дода мешавад. Чунин бармеояд, ки агар шахси болиғ хурдсоли ба синни 14 нарасидаро барои содир намудани ҷиноят ҷалб намояд, сабуктар аст аз оне, ки ҷиноятро дар якҷоягӣ бо ноболиғи ба синни 14 расида ё аз он калонтар содир намояд. Маълум аст, ки манфиатҳои хурдсоли ба

синни 14 нарасида ҳифз карда нашудаанд ва баръакс шароити мусоид барои ҷалби онҳо ба содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок фароҳам оварда шудааст. Дуздиро танҳо бо қасди бевосита содир кардан мумкин аст. Ҳангоми бо маслиҳати гурӯҳи шахсон бо ноболиғ, иштирокчии болиғи ҷиноят дарк мекунад, ки бо маслиҳати гурӯҳи шахсон бо ноболиғ дуздӣ карда истодааст ва мехоҳад ин ҷиноятро содир кунад. Маълум мешавад, ки қасди шахси болиғ ба дуздӣ бо маслиҳати гурӯҳи шахсон, ба дуздӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда нигаронида шудааст, вале дар асл вай танҳо барои дуздии «оддӣ» ҷавобгар хоҳад буд.

Ҳамин тавр, ба назари мо, субъекти ҷиноят яке аз унсури таркиби ҷиноят эътироф гардида, бе он умуман дар бораи ҷиноят тасаввур кардан номумкин аст, вале ин маънои онро надорад, ки бо ҷой доштани танҳо субъекти ҷиноят таркиби ҷиноят комил аст. Ҳамин тавр, номи м. 22 КҶ ҶТ «шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» муқаррар гардидааст, ки мафҳуми «таркиби ҷиноят»-ро маҳдуд месозад. Шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ мафҳуми васеъ буда, ба ақидаи мо, танҳо бо аломатҳои субъекти ҷиноят онҳоро маҳдуд сохтан нодуруст аст. Аломатҳои субъекти ҷиноят дар умум як шарти ҷавобгарии ҷиноятро таъмин карда метавонанд. Илова бар ин, ба андешаи мо, ба зумраи шартҳои дигари ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ чунин ҳолатҳо мансубанд: расонидани зарар ё ба миён овардани таҳдиди расонидани зарар ба он ё ин муносибати ҷамъиятие, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз мегардад (объекти ҷиноят); содир гардидани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шакли амал ё беамалӣ, ки бевосита ба объекти ҷиноят равона шудааст (тарафи объективии ҷиноят); инчунин мавҷуд будани гунаҳгории субъективӣ нисбат ба кирдори содиршуда (тарафи субъективии ҷиноят). Ҳамзамон, дар моддаи 11 КҶ ҶТ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври қонунӣ муқаррар гардида, мутобиқи он, асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре эътироф мешавад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят — объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят ва субъекти ҷиноят — мебошад, ки дар ҳамин Кодекс пешбинӣ

гардидаанд. Агар номи м. 22 «Субъекти ҷиноят» мебуд, пас, аломатҳои дар матни он муқарраргардида ба номаш дақиқан мувофиқат мекард. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки номи м. 22 КҶ ҶТ «субъекти ҷиноят» ифода карда шавад. Истилоҳи «Субъекти ҷиноят» дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон (м. 24) [12] ва Украина (м. 18) [15] муқаррар гардидааст.

Яке аз аломати асосии субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ «шахси воқеӣ» муқаррар гардидааст, ки бе он субъекти ҷиноятро тасаввур кардан ба назари мо ғайриимкон аст. Дар қонунгузории маданӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди давлати хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд шахси воқеӣ эътироф мешавад. Дар КҶ ҶТ шахси воқеӣ шарҳ дода нашудааст.

Бояд қайд кард, ки А.А. Пионтковский [109], В.В. Сташис, В.Я. Татсий [75], В.А. Широков [150] дар мафҳуми «субъекти ҷиноят» аз истилоҳи «шахси хусусӣ» истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки ин истилоҳ пурра ва дақиқ мазмуни воқеии субъекти ҷиноятро инъикос намекунад.

В. Пакутин бар он назар аст, ки дар мафҳуми субъекти ҷиноят аз истилоҳи «шаҳрвандон» истифода шавад [196, с. 40-42]. Вобаста ба ин назар, В.К. Матвийчук зикр менамояд, ки истифодаи истилоҳи «шаҳрвандон» ҳамчун аломати ифодакунандаи субъекти ҷиноят нодуруст аст [185, с. 63]. Дар асл, истифодаи «шаҳрванд» доираи субъекти ҷиноятро маҳдуд месозад, зеро шаҳрвандӣ ҳангоми таснифи субъекти махсуси ҷиноят танҳо як намуди он мебошад ва дар баробари ин шахсоне низ дар содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ки мавқеи «бешаҳрвандӣ»-ро доро ҳастанд.

А. Писарев низ иброз намудааст, ки барои муайян кардани субъект истилоҳи «ҳар гуна шахс» истифода мешавад [198, с. 7-10]. Мо бар ин боварем, ки чунин аломат дар субъекти ҷиноят доираи хеле васеи шахсро доро мебошад: ҳам шахси ҳуқуқӣ ва ҳам шахси воқеӣ. Зикр намудан

бамаврид аст, ки дар замони муосир, дар баробари шахси воқеӣ, инчунин, нуқтаи назар оид ба эътирофи шахси ҳуқуқӣ бештар ба назар мерасад ва олимон онро гуногун шарҳ медиҳанд. Дар м. 48 Кодекси мадании ҶТ мафҳуми «шахси ҳуқуқӣ» шарҳ дода шудааст, ки тибқи он шахси ҳуқуқӣ – «ташкилот» мебошад. Новобаста аз он ки мамлакатҳои аврупоӣ ва англосаксонӣ институтҳои ҷавобгарии ҷиноятии ташкилотроҳамчун субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ қабул кардаанд, дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ он эътироф намешавад. Б.В. Абдуллозода дар рисолаи илмии худ аз қонунгузории ҷиноятии иёлоти Ню-Йорки Америка, Фаронса [79, с. 54], Ҷопон [149, с. 69] ва аз таърихи инкишофёбии баъзе давлатҳо дар самти эътирофи шахси ҳуқуқӣ [179, с. 40] мисолҳо оварда, сабабҳои асосии дар КҶ ҶТ муқаррар нагардидани шахси ҳуқуқиро дар инҳо мебинад: «Кодекси ҷиноятии моделӣ барои мамлакатҳои аъзои ИДМ ин ниҳодро муқаррар накардааст; қонунҳои ҷиноятии мамлакатҳои пасошуравӣ, ки пеш аз КҶ ҶТ қабул гардида буданд, ин ниҳодро дастгирӣ накарданд; дар замони муосир масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ барои давлатҳои ИДМ нав набошад ҳам, аммо ба дараҷаи кофӣ инкишоф наёфтааст» [227, с. 136].

Тарафдорони эътироф кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ҳуқуқӣ таъкид мекунанд, «ки мақсади асосии онҳо аз ҷумла, чунинанд: «1) ҷуброни зарари расонидаи ташкилот ё пешгирии таҳдиди зарар дар оянда; 2) маҳдудсозӣ ё манъи фаъолияти ғайриқонунии ташкилот (монеъсозӣ) барои пешгирии қонуншиканӣ дар оянда» [151, с. 62]. Аз таҳлили адабиёти илмӣ маълум мегардад, ки аксари тарафдорони эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят, онро бо талаботи муосири инкишофёбии иқтисоди бозорӣ мувофиқ медонанд [184, с. 35; 188, с. 62-63]. Ҳамин тавр, Х.Х. Файзуллоев бар он назар аст, ки ворид намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ барои қаллобӣ ба низомҳои ҳуқуқии ҶТ ва Федератсияи Россия дар доираи қонунгузории ҷиноятӣ ва доктринаи ҳуқуқӣ метавонад ба тақвияти назорат ба соҳаи фаъолияти ташкилот ва кам намудани сатҳи ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодӣ мусоидат намояд. Бар замми ин, муаллиф ба

ақидаи худ шубҳа карда, илова менамояд, ки «бо вуҷуди ин, ҳангоми таҳияи тағйироти дахлдор ба қонунгузорӣ бояд хавфҳои эҳтимолӣ, ки бо васеъ намудани салоҳиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ алоқаманданд, ба назар гирифта шаванд, зеро ин метавонад боиси афзоиши ҳолатҳои сӯистифода аз механизмҳои татбиқи ҳуқуқ гардад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки байни самаранокии мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни боэътимоди фаъолияти соҳибкорӣ тавозун таъмин карда шавад» [280, с. 96].

Аз таҳқиқоти олимони ватанӣ, ки солҳои охир рисолаи илмӣ таълиф намудаанд, чунин бармеояд, ки аксар эътирофи шахси ҳуқуқиро ҳамчун субъекти ҷиноят инкор мекунанд. Ҳамин тавр, О.И. Сайдализода зикр намудааст, ки «шахсони ҳуқуқӣ худ аз худ ҳаракат карда ва ё кирдореро содир карда наметавонанд. Шахсони воқеие, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ ҷиноят содир мекунанд, шахсан худашон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд» [271, с. 27]. Ба назари «М.М. Акилова дар КҶ ҶТ «принсипи ҷавобгарии фардӣ» амал мекунад ва он чунин маъно дорад, ки ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад, ба ҷуз аз кирдори ҳаракат ё беҳаракатии шахсии худ. Аз ин рӯ, дар ҳоли ҳозир барои эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят асос вуҷуд надорад» [231, с. 146]. Б.В. Абдуллозода бар он ақида устувор аст, ки «муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ба принсипҳои ҷавобгарии гунаҳгории шахсӣ мухолифат намуда, ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии ҷиноят, тарбияи ҷиноятккор, ислоҳи маҳкумшуда мувофиқ нест» [227, с. 141].

Аз натиҷаи пурсишномаи гузаронидашуда миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум гардид, ки 76,5% пурсидашудагон мухолифи эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят буда, 23,5% пурсидашудагон ҷонибдори эътирофи он ҳамчун субъекти ҷиноят мебошанд (замимаи №1).

Бо асосҳои зерин, эътироф карданро бамаврид меҳисобем, ки шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят ғайриимкон мебошад:

1. Принсипи ҷавобгарии фардӣ (қ. 1 м. 7 КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ [5], бинобар ин, одилона эътироф намешавад дар ҳоле ки шахси воқеӣ ин ё он ҷиноятро содир кунад ва ташкилот ҷавобгар бошад. Дар чунин сурат, шахс бо далели дур мондан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, кирдори дахлдорро содир мекунад. Агар онҳоро шарик эътироф кунем, пас, яқинан ба мафҳуми «шарикӣ» мухолифат мекунад;

2. Танҳо шахси мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва маҳз ба хотири татбиқи ин адолат, шахси номукаллаф, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок аз доираи ин ҷавобгарӣ дур мондааст ва ҳатто барои муқаррар намудани номукаллафӣ ва мукаллафиву мукаллафии маҳдуд сохторҳои зиёд машғуланд ва миёни олимон баҳсҳо ҷой доранд. Мукаллафӣ аз рӯйи маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ, ки марҳилаҳои мушкили тафтишотиро аз амалия тақозо мекунад, муқаррар карда мешавад, ки дар сурати эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят, ҳамаи ин моҳияти худро гум мекунанд. Яъне, дар баробари шахси ҳуқуқӣ мебояд минбаъд шахси номукаллаф низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва зарурати муқаррар кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мазмуни мантиқии худро аз байн мебарад.

Қобили зикр аст, ки вобаста ба чолишҳои замони муосир, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ миёни аҳли ҷомеа ва олимону мутахассисони соҳаҳои гуногун муаммоҳо вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятии зеҳни сунъӣ ақидаронихо то рафт зиёд ба назар мерасанд [152; 192; 200; 201; 215].

Дар асри XXI рушди технологияҳои рақамӣ, хусусан зеҳни сунъӣ, ба ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ расонд. Системаҳои зеҳнӣ дар бахшҳои нақлиёт, тиб, молия ва амнийт ба таври васеъ истифода мешаванд. Бо вусъати чунин технологияҳо, эҳтимоли расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда тавассути алгоритмҳо ва системаҳои худомӯз зиёд мегардад. Зеҳни сунъӣ ин маҷмуи алгоритмҳоест, ки қобилияти

омӯзиш, коркарди маълумот ва қабули қарорро бе дахолати мустақими инсон дорост.

Тавре ки аз муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мушоҳидаҳои интернетӣ бармеояд, айни замон башарият дар фаъолияти худ рӯз аз рӯз аз кумаки зеҳни сунъӣ бештар истифода мебаранд. Сиёсати дурбинонаи Ҳукумати ҶТ дар чанд соли охир ба баланд бардоштани сатҳи рушди технологияҳои рақамӣ, таҳияи барнома ва технологияҳои нав, такмил додани сатҳи рақамигардонӣ дар ҷомеа равона шудааст. Зарурати таҳияи низоми махсуси танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ, ҳамчунин, бо он вобаста аст, ки ҶТ ташаббускори танзими он баҳри фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ эътироф мегардад. Ҳамин тавр, аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи Умумии СММ 24-уми сентябри соли 2024 лоиҳаи қатъномаи махсус зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» пешниҳод гардида буд. Лоиҳаи мазкур 25-уми июли соли 2025 дар Маҷмаи Умумии СММ қабул гардид [289]. Қабули қатъномаи мазкур аз нақши муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди муколамаи ҷаҳонӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва аҳаммияти таърихии сиёсати созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далолат медиҳад.

Бо вуҷуди ин, то ҳол норасоии фаҳмиши дақиқи ҳуқуқӣ нисбат ба сохторҳои рақамӣ ва механизмҳои танзими қонунгузории онҳо ба мушкилоти ҷиддӣ мубаддал гардидааст. Адамияти мустаҳкамкунии расмии ҳуқуқии чунин технологияҳо, ҳамчунин номуайянӣ дар масъалаҳои марбут ба истифодаи минбаъдаи онҳо, метавонад замина фароҳам оварад барои содир гардидани кирдорҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби шахсони манфиатҷӯ.

«Истифодаи зеҳни сунъӣ ва нейрошабакаҳо бо мақсадҳои ҷиноятӣ рӯз ба рӯз доманаи худро густариш медиҳад. Дар ин замина, афзоиши муроҷиат ва

шикоятҳои ҷабрдидагон нисбат ба кирдорҳои шахсоне ба мушоҳида мерасад, ки аз имкониятҳои нейрошабакаҳо, аз ҷумла платформаҳои маъруфи навъи чат-ботӣ, истифода мебаранд» [218, с. 167-172]. Маълум аст, ки чунин чат-ботҳо, мисли дигар нейрошабакаҳое, ки принсипи амалкарди шабеҳ доранд, дар асоси маҷмӯи бузурги маводе омӯзиш меёбанд, ки қаблан аз ҷониби инсон эҷод гардидаанд; баъдан ин иттилоотро коркард намуда, натиҷаҳои нави сунъиро пешниҳод мекунанд. Аз ин бармеояд, ки истифодаи васеи барномаҳо ва нейрошабакаҳои гуногун метавонад боиси нақзи қонунгузории миллӣ гардад, аз ҷумла дар самти ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва манфиатҳои қонунии шахсони алоҳида.

«Дар амалия аллакай ҳолатҳое маълуманд, ки шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд бо аризаҳо оид ба поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф тавассути нейрошабака мурочиат кардаанд. Масалан, моҳи январи соли 2023 чунин шикоят пешниҳод шуд. Як гурӯҳ рассомон изҳор намуданд, ки бидуни иҷозати онҳо, инчунин, бидуни ризоияти шумораи зиёди дигар муаллифон, нейрошабака бо истифода аз расмҳо ва санъати қаблан нашршудаи онҳо тасвирҳои нав тавлид мекунад. Ба андешаи шикояткунандагон, нейрошабака на танҳо аз асарҳои онҳо ҳамчун асос истифода намудааст, балки, услуби муаллифӣ, техника ва ҳатто қисмҳои комили аслиро нусхабардорӣ кардааст» [288].

«Илова бар ин, моҳи декабри соли 2023 рӯзномаи The New York Times нисбат ба ширкатҳои OpenAI ва Microsoft бо даъвои судӣ мурочиат намуд» [285]. Дар ин даъво ширкатҳои зикршуда ба вайрон намудани ҳуқуқи муаллиф муттаҳам карда шуданд, зеро онҳо маводҳои нашрияро бидуни иҷозати расмӣ барои омӯзиши нейрошабакаҳо ё истифодаи мустақим дар фаъолияти онҳо ба кор бурдаанд. Яке аз нейрошабакаҳое, ки дар доираи ин баҳси судӣ номбар гардид ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ маъруфият дорад, ChatGPT мебошад. Пас аз он ки ин баҳс дар воситаҳои ахбори омма ба таври васеъ бозтоб ёфт, ширкати OpenAI эътироф намуд, ки дар раванди омӯзиши нейрошабакаҳо воқеан аз объектҳои қаблан эҷодшудаи ҳуқуқи

муаллиф истифода шудааст ва изҳор дошт, ки дар шароити кунунӣ роҳи алтернативии омӯзиши чунин технологияҳо амалан мавҷуд нест. Дар айни замон, мурофиаи судӣ ҳамоно идома дошта, то ҳол қарор ё хулосаи ниҳоии суд қабул нагардидааст» [284]. Аввалин даъво оид ба вайрон гардидани ҳуқуқи муаллифӣ бар муқобили OpenAI моҳи июли соли 2023 аз ҷониби ҳаҷвнигор, ҳунарпеша, нависанда ва фаъол Сара Силверман ва ду муаллифи дигар пешниҳод шуда буд. Онҳо иддао карданд, ки моделҳои забони зеҳни сунъӣ бе огоҳӣ ё ризоияти онҳо дар асоси маводи ҳуқуқи муаллифӣ аз китобҳои онҳо омӯзонида шудаанд. Дар моҳи сентябри соли 2023, беш аз даҳ муаллифи маъруф, аз ҷумла, Ҷон Гришам, Ҷонатан Франзен ва Элин Ҳилдербранд, ба муқобили OpenAI барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ дар истифодаи китобҳои худ барои омӯзиши чатботи машҳури «ChatGPT» шикоят карданд [286].

Муҳаққиқон ва намояндагони назарияи ҳуқуқ бо пешниҳоди нуқтаи назар андешаҳои худро ироа намудаанд: аз як тараф, муаллифон ё эҷодкорони зеҳни сунъӣ метавонанд созандагони он бошанд ва аз тарафи дигар, шахсоне, ки аз хизматрасониҳои чунин системаҳо истифода кардаанд. Аз даъвои рӯзномаи The New York Times маълум аст, ки бо дарназардошти он ки объектҳои эҷодшуда бо кумаки нейросетҳо ҳосили объектҳои аслӣ мебошанд ва инчунин, аз ҷиҳати мазмуни эҷодӣ фарқ намекунанд, ҳуқуқ ба асарҳое, ки нейросет эҷод кардааст, шояд ба шахсе, ки аз ин технология истифода кардааст, тааллуқ надошта бошад.

Қонунгузор мафҳуми дақиқро оид ба зеҳни сунъӣ муайян накардааст, ки истифодаи мунтазам ва оммавии нейросетҳо метавонад хатари ҷиддӣ барои шахсият, ҷамъият ва давлат эҷод намояд. Аз байни хавфҳо метавон паҳншавии эҳтимолии маълумоти хато ва нофаҳмии муайян кардани шахсе, ки барои истифодаи нодурусти зеҳни сунъӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, номбар кард. Масалан, 22-юми майи соли 2023 дар ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ хабаре дар бораи таркиш дар назди бинои Пентагон дар Вашингтон паҳн гардид [293]. Вале ҳамон рӯз маълум шуд, ки ин тасвир бо истифода аз

нейросет эҷод шудааст ва асоси он як акс аз аввали солҳои 2000-ум гирифта шуда буд. Оид ба чунин гуна ҳолатҳо, ки оромии ҷамъиятиро дар кишварҳои гуногун халалдор мекунанд, мисолҳои зиёд овардан мумкин аст.

Бо дарназардошти чунин хавфҳои башариятро истиқболгиранда, санаи 23-юми сентябри соли 2025 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар мубоҳисаҳои иҷлоси 80-уми Маҷмаи Умумии СММ зикр намуданд, ки «… мукаммал гардидани технологияҳои рақамӣ, таҳдидҳои нави амниятӣ, бахусус ҷиноятҳои киберӣ низ меафзоянд. Бо дарназардошти ин таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъиро дар шаҳри Душанбе салоҳи кор шумориданд» [3].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки аз фаъолияти нейрошабакаҳо зарар дидани манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятии ҶТ аз назар дур нест.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан муносибатҳои ҷамъиятиро танҳо аз кирдори барои ҷамъият хавфноки шахси воқеӣ ҳифз мекунад, ки дорои ҳамаи аломатҳои субъекти ҷиноятро бошад.

Аз мавзуи баррасигардида маълум мегардад, ки дар баробари шахсони воқеӣ, инчунин, технологияҳое қарор доранд, ки қобилияти қабули қарорро бидуни дахолати инсон дороянд. Пас, савол ба миён меояд: оё зеҳни сунъӣ метавонад субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад? Агар ҳа, чӣ тавр ба ҷавобгарӣ ҷалб мегардад ва агар не, кӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад?

Савол аз назарияи ҳуқуқ: оё зеҳни сунъӣ субъект (шахс) ҳисобида мешавад? Дар қонунгузории ҷории Тоҷикистон ва аксари кишварҳо, танҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ субъекти ҳуқуқӣ шинохта мешаванд. Аз ин рӯ, зеҳни сунъӣ на шахсияти ҳуқуқӣ ва на шахси воқеӣ эътироф мешавад. Барои эътирофи он ҳамчун шахс, аллакай зеҳни сунъӣ мавқеи худро дар ҷомеа касб кардааст. Ӯ ҳамчун шахс аз шахси ҳуқуқӣ нисбатан ба шахси воқеӣ наздиктар аст, вале маънои онро надорад, ки шахси воқеӣ аст. Ин масъала то дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам нагардад, мо зеҳни сунъиро ҳамчун шахс

эътироф карда наметавонем ва дар сурати эътирофи он, дигар на зеҳни сунъӣ, балки, унвони «шахси сунъӣ»-ро дар худ касб мекунад.

Бояд гуфт, ки «зеҳни сунъӣ» дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун объекти ношинос эътироф мегардад. Бо дарназардошти хавфҳои зиёди ҷойдоштаи таҷрибаи татбиқгардии зеҳни сунъӣ, масъалаи ҷавобгарӣ аз кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки он мавриди ибрози ақидаи олимон ва ҷомеаи васеи инсоният гардидааст.

Аз рӯйи аломатҳои субъекти ҷиноят, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, зарур мешуморем ба зеҳни сунъӣ ҳамчун шахси сунъӣ баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ диҳем.

Дар КҶ ҶТ ҳайвонот ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда наметавонанд. Агар саг девона бошаду ба мардум ҳамла кунад, пас, нобуд карда мешавад ва ин маънои ҷазои ҷиноятиро надорад. Ҳайвонот дар содир кардани ҷиноят ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят баромад карда метавонанд. Мисол, фармон додани саг барои ҳамла ба шахси мушаххас бо мақсади расонидани зарар ба саломатӣ, ё ин ки партофтани мори заҳрнок ба ҷойи хоб ё автомашина бо мақсади аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси мушаххас ва ғайра.

Зеҳни сунъӣ шаҳрвандии ягон давлатро доро намебошад ва мавқеи ҳуқуқии он дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидааст. Бинобар ин, аз ин лиҳоз субъекти ҷиноят эътироф намешавад.

Дигар аломати субъекти ҷиноят, ин мукаллаф будани шахс аст, яъне, шахс бояд ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдорро дарк карда тавонад ва имконияти идора карда тавонистани онро доро бошад. Мукаллафӣ бо маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ шарҳ дода мешавад. Аз рӯйи ин аломат зеҳни сунъӣ шабеҳи мукаллафӣ аст.

Маҳаки ҳуқуқии зеҳни сунъӣ аз рӯйи нишонаҳои зеҳнӣ ва иродавӣ тавсиф мегардад.

Нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ дар «ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдорро дарк карда тавонистан» ифода

мегардад. Ин нишона ба инсони мукаллаф хос мебошад. Зеҳни сунъӣ дар асоси маҷмуи алгоритмҳо муқаррар карда мешавад, ки дар замони муосир он пурра кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро дарк карда метавонад. Мисол, бо зеҳни сунъии «ChatGPT» вобаста ба муқаррар кардани нишонаи зеҳнии он чунин саволу ҷавоб доир гардид:

Савол: оё ту дарк карда метавонӣ, ки «Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ» ба ҷамъият хавфнок аст ё ба ҷамъият фоидаовар аст?

Ҷавоби «ChatGPT»: «Ман равшан дарк мекунам: «Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ» ба амнийат фоидаовар нест, балки, хавфнок аст!».

Савол: Ба ҷамъият хавфнокии «Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ» дар чӣ ифода мегардад?

Ҷавоби «ChatGPT»: «Ба ҷамъият хавфнокии «Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ» дар чанд ҷиҳат дарк мешавад:

1. Эҷоди тарс ва воҳима. Паҳн шудани иттилооти бардурӯғ дар бораи амалҳои террористӣ метавонад мардумро тарсонид ва воҳима эҷод кунад, ки ба суботи иҷтимоӣ таъсир мерасонад.
2. Ноустувории равонии иҷтимоӣ. Омма метавонад боварии худро ба давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва расонаҳои хабарӣ аз даст диҳад, ки боиси ноустувории иҷтимоӣ ва ихтилофҳои ҷамъиятӣ мешавад.
3. Таҳрик ба амалҳои зиддиҷамъиятӣ. Ҳатто иттилооти дурӯғ метавонад шароити мусоид барои таҳрик ё даст задани баъзе шахсон ба амалҳои ҷиноятӣ ё хушунатомез фароҳам кунад.
4. Халал ба тарзи зиндагӣ ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ. Ин метавонад ба мушкилоти иҷтимоӣ, маҳдудияти ҳаракат, фароғат ва фаъолияти иҷтимоӣ таъсир расонад.

Яъне, дар маҷмуъ, хавфнокии чунин иттилоот барои ҷамъият дар суботи иҷтимоӣ, боварии мардум ва амнияти иҷтимоӣ ифода мешавад».

Нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ дар «имконияти идора карда тавонистани кирдори худ» ифода мегардад. Зеҳни сунъӣ имконияти

воқеии идора кардани кирдори худро надорад. Ҳарчанд зеҳни сунъӣ метавонад ба назар расад, ки «қарор мегирад» ё «таъсир мерасонад», ин ҳамеша натиҷаи барномарезӣ ва таҳлилҳои ҳисоббарорӣ аст, на иродаи мустақил. Яъне, қарорҳо танҳо бар асоси алгоритмҳо ва додаҳо бароварда шуда, зеҳни сунъӣ дар асоси маълумот ва қоидаҳои барномарезӣ амал мекунад ё ҷавоб медиҳад, на бо иродаи мустақил.

Синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар моддаи 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, аз рӯйи нишондоди ҷисмониву руҳии инсон муқаррар гардидааст ва дар синни муқарраргардида шахси воқеӣ ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдорро дарк карда метавонад ва имконияти онро идора карданро дорост. Зеҳни сунъӣ бошад, чи қадаре муосиртар бошад, ҳамон қадар навгониҳои ба худ хосро дорост.

Нейрошабакаи «gemini.google» низ аз ҷиҳати зеҳнӣ кирдори худро дарк карда метавонад, вале иродаеро, ки одатан бо шуур, ҳиссиёт, мақсади шахсӣ ва қобилияти қабули қарорҳо вобаста ба майлу хоҳишҳои дохилӣ алоқаманд аст, доро намебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло эътироф карда мешавад, ки зеҳни сунъӣ субъекти ҷиноят буда наметавонад.

Дар сурати бо истифода аз зеҳни сунъӣ ба манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ зарар расонидан вобаста ба ҳолати рухдода шахси воқеии онро тарҳрезинамуда, шахси воқеии ташкилоти истеҳсолкунанда ё онро истифодабаранда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб гардиданаш мумкин аст.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми аз барномаи таҳиянамуда (зеҳни сунъӣ) садҳо оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок фаро расидаанд. Мисол, дар муассисаи тиббӣ кӯдаки яксола бо ҳарорати баланд (40ºC), камобшавӣ ва заифии умумӣ ворид шуд. Ташхис тавассути низомии махсуси зеҳни сунъии тиббӣ гузаронида шуд, ки тибқи натиҷаҳои он кӯдак гирифтори зуком мебошад ва барои табобат истифодаи аналгетикҳо ва инфузияи моеъҳо зарур аст. Корманди соҳаи тиббӣ бо риояи қатъии тавсияҳои зеҳни сунъӣ амал кард, аммо пас аз панҷ соат кӯдак вафот кард.

Таҳлили ҷасад нишон дод, ки сабаби марги кӯдак сирояти вазнини бактериявӣ буд – ташхиси зеҳни сунъӣ нодуруст баромад [192, с. 463-465; 283].

Натиҷаи пурсишномаи гузаронидашуда миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум гардид, ки 75,5% пурсидашудагон мухолифи эътирофи зеҳни сунъӣ ҳамчун субъекти ҷиноят буда, 20,5% пурсидашудагон ҷонибдори эътирофи он ҳамчун субъекти ҷиноят буда, 4% фикри шахсии худро пешниҳод кардаанд (замимаи №1).

Тибқи қонунгзузории ҷиноятии ҶТ, зеҳни сунъӣ мумкин аст ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят баромад кунад, агар субъекти ҷиноят онро дар содир намудани ҷинояти худ истифода барад. Дар Федератсияи Россия лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба КҶ Федератсия Росия таҳия гардидааст, ки тибқи он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бо истифода аз зеҳни сунъӣ содир намудани ҷиноят муқаррар мегардад [290].

Дар айни замон, пешниҳод мегардад, ки танзими ҳуқуқии зеҳни сунъӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ба роҳ монда шуда, ҳамзамон дар меъёрҳои мушаххаси қонунгузории ҷиноятӣ он ҳамчун яке аз воситаҳои эҳтимолии содир намудани ҷиноят муайян ва муқаррар карда шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон зеҳни сунъиро ҳамчун падидаи наву муҳим бо назардошти ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати илму техника, инчунин воридшавӣ ва истифодаи технологияҳои пешқадами рақамӣ дар тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ аҳаммияти махсус медиҳад. Дар ин робита, лозим ба ёдоварист, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, №83 «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» қабул гардида, мувофиқи банди 47-уми он, вобаста ба зеҳни сунъӣ андешидани тадбирҳо ҷиҳати таҳия ва такмили як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин зарур дониста шудааст:

– таҳия ва пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зеҳни сунъӣ», ки заминаҳои асосии танзими давлатии ин соҳаро муайян менамояд;

– ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳо ва кодексҳои амалкунанда ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқии зеҳни сунъӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба он;

– таҳия ва тасдиқи қоидаҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногун, муайян сохтани механизмҳои татбиқи он дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, тартиби истифодаи манбаъҳои иттилоотӣ, ҳалли баҳсҳо, ҳифзи ҳуқуқӣ ва дигар ҷанбаҳои марбут;

– таҳияи қоида ва стандартҳои миллии баҳогузорӣ ва муайян намудани арзиши объектҳои зеҳни сунъӣ бо мақсади тиҷоратикунонӣ ва идоракунии самараноки онҳо;

– таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои муассири баҳисобгирӣ, истифода ва татбиқи натиҷаҳои фаъолияти зеҳни сунъӣ дар равандҳои истеҳсолӣ.

Бо дарназардошти таҳлили мавзуи баррасишуда, чунин хулоса карда мешавад:

1. Ба сифати субъекти ҷиноят зеҳни сунъӣ баромад карда наметавонад, зеро он бевосита дар амалҳои худ иродаи мустақил надорад, зеро дар асоси алгоритмҳои воридгардида хулоса мебарорад;

2. Зеҳни сунъӣ ба сифати воситаи содир намудани ҷиноят баромад карда метавонад;

3. Зеҳни сунъӣ дар меъёрҳои мушаххаси қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят муқаррар карда шавад;

4. Лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи зеҳни сунъӣ», ки асосҳои танзими давлатии ин соҳаро муайян менамояд, таҳия ва қабул карда шавад.

Бо дарназардошти таҳлили шахси воқеӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят, бар он назар ҳастем, ки шахси ҳуқуқӣ ва зеҳни сунъӣ ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда наметавонанд.

Ҳарчанд, ки шахси воқеӣ аломати субъекти ҷиноят эътироф шавад ҳам, аммо дар КҶ ҶТ мафҳуми он муқаррар нагардидааст. Аз муқаррароти КҶ ҶТ бармеояд, ки он шахси воқеиро бо истилоҳҳои шаҳрванди ҶТ (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, қ. 1 м. 16, м. 305, қ.қ. 1 ва 2 м. 323(1), м. 401(1) КҶ ҶТ), шаҳрванди

хоричӣ (қ.қ. 2 ва 3 м. 15, қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванд (қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматкунанда (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, м. 401(1) КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматнакунанда (қ.қ. 2 ва 3 м. 15 КҶ ҶТ), шаҳрванди дигар давлат намебошад (эзоҳ ба м. 401 КҶ ҶТ) ифода намудааст. Дар баробари ин, гуногунифодаёбии шахси воқеӣ, шахсоне, ки шаҳрвандии ду давлатро доранд, муқаррар нагардидааст. Ба назари мо, зарурати эътирофи шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро аст, ҷой дорад. Масалан, шахс шаҳрвандии давлати «А» ва «Б»-ро доро буда, аз тарафи яке аз онҳо дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ё амалиёти ҷангии давлати «Г» иштирок кунад, ӯро зархарид номидан мушкил аст. Агар шаҳрвандии яке аз давлатҳоро надошта, барои ҷалб гардидан ба шаҳрвандии он ноил гардида бошад ҳам, тибқи муқаррароти эзоҳ ба м. 401 КҶ ҶТ зархарид эътироф намешавад, зеро мавқеи шаҳрвандии ҳамон давлатро соҳиб гардидааст.

Пурсишномаи гузаронидашуда миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ нишон дод, ки 85% пурсидашудагон ҷонибдори он мебошанд, ки дар КҶ ҶТ муқаррар гардидани мафҳуми «шахси воқеӣ» муҳим мебошад ва 13,5% пурсидашудагон эътироф мекунанд, ки муқаррар кардани мафҳуми «шахси воқеӣ» дар КҶ ҶТ муҳим набуда, дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифодаи худро ёфтааст, инчунин, 1,5% пурсидашудагон фикри худро чунин пешниҳод кардааанд: «муқаррар кардани мафҳуми «шахси воқеӣ» ва «шахси ҳуқуқӣ» ногузир аст» (замимаи №1).

Ҳамин тавр, пешниҳод карда мешавад, ки шахси воқеӣ дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад ва бо дарназардошти ин ба ин Кодекс м. 22(1) дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Моддаи 22(1). Шахси воқеӣ

Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хоричӣ, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди

Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматнакунанда ва шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад, фаҳмида мешавад».

Зарурати ворид намудани ин модда ба КҶ ҶТ, ба назари мо, дар он аст, ки дар боби 4 ин Кодекс муқаррарот оид ба шахсе бошад, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, яъне, танҳо аломатҳои субъекти ҷиноят муқаррар карда шаванд, вале ғайр аз синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, аломатҳои дигари ин шахс ифода нагардидаанд: на шахси воқеӣ ва на мукаллафӣ. Бар замми ин гуфтаҳо, дар он ақида ҳастем, ки қ. 2 м. 24 ва м. 26 КҶ ҶТ барои эътирофи субъекти ҷиноят (аломатҳои он) аҳаммият надоранд ва бояд дар боби 15 КҶ ҶТ ба танзим дароварда шаванд.

Ҳамин тавр, вобаста ба таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ, нуқтаи назари олимон ва хулосаҳои ироагардида вобаста ба мафҳуми «субъекти ҷиноят», чунин пешниҳод карда мешавад:

1. Ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, субъекти ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебошад. Аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят дар м. 22 КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд. Аломатҳои иловагии (факултативии) субъекти ҷиноят: дорои аломатҳои иловагие, ки ба субъекти махсуси ҷиноят хос мебошанд.

2. Моддаи 22 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл қабул карда шавад:

«Моддаи 22. Субъекти ҷиноят

Субъекти ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф аст ва ба синни муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст»;

3. Пешниҳодҳо дар бораи ба қатори аломатҳое, ки субъекти ҷиноятро муайян мекунанд, ворид намудани он аломатҳоеро, ки шахсияти ӯро дар ҷамъият муайян мекунанд, асоснок ҳисоб кардан мумкин нест, зеро таркиби ҷиноят хусусияти меъёрии ҳуқуқии кирдори мушаххаси шахс мебошад (таркиби ҷиноят маҷмуи аломатҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраршудае мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро муайян мекунад). Хавфи ҷамъиятии субъекти ҷиноят, хусусиятҳои иҷтимоию

сиёсии ӯ тамоми маълумотро дар бораи ҷинояткор ҳамчун фард фаро мегирад ва ба як кирдори ҷиноятӣ нисбат додан мумкин нест ва ҳамчун яке аз асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат додан ғайриимкон аст;

4. Бо асосҳои зерин, эътироф карда мешавад, ки шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят ғайриимкон мебошад:

1) «Принсипи ҷавобгарии фардӣ (қ. 1 м. 7 КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ [5], бинобар ин, одилона эътироф намешавад дар ҳоле ки шахси воқеӣ ин ё он ҷиноятро содир кунад ва ташкилот ҷавобгар бошад». Дар чунин сурат шахс бо далели дур мондан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, кирдори дахлдорро содир мекунад. Агар онҳоро шарик эътироф кунем, пас, яқинан ба мафҳуми «шарикӣ» мухолифат мекунад;

2) Танҳо шахси мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва маҳз ба хотири татбиқи ин адолат, шахси номукаллаф, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, аз доираи ин ҷавобгарӣ дур мондааст ва ҳатто барои муқаррар намудани номукаллафӣ ва мукаллафиву мукаллафии маҳдуд сохторҳои зиёд машғуланд ва миёни олимон баҳсҳо ҷой доранд. Мукаллафӣ аз рӯйи маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ, ки марҳилаҳои мушкили тафтишотиро аз амалия тақозо мекунад, муқаррар карда мешавад, ки дар сурати эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят, ҳамаи ин моҳияти худро гум мекунанд. Яъне, дар баробари шахси ҳуқуқӣ мебояд минбаъд шахси номукаллаф низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва зарурати муқаррар кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мазмуни мантиқии худро аз байн мебарад;

5. Ба сифати субъекти ҷиноят зеҳни сунъӣ баромад карда наметавонад, зеро он бевосита дар амалҳои худ иродаи мустақил надорад ва он танҳо дар асоси алгоритмҳои воридгардида хулоса мебарорад;

6. Зеҳни сунъӣ дар меъёрҳои мушаххаси қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят муқаррар карда шавад;

7. Шахси воқеӣ дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад ва бо дарназардошти ин ба КҶ ҶТ м. 22(1) дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Моддаи 22(1). Шахси воқеӣ

Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ дар ҳамин Кодекс шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматнакунанда ва шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад, фаҳмида мешавад».

БОБИ 2. МУШАХХАСНАМОИИ МАФҲУМИ «МУКАЛЛАФӢ», «МУКАЛЛАФИИ МАҲДУД» ВА «НОМУКАЛЛАФӢ» ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Мушаххас намудани мафҳуми «мукаллафӣ» ва маҳаки он

Мукаллафӣ дар баробари шахси воқеӣ ва ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан, аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят эътироф гардида, бе онҳо, умуман, ҳамчун мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷой доштани субъекти ҷиноят ғайриимкон аст. Дар ҳоле, ки субъекти ҷиноят муқаррар набошад, пас, умуман таркиби ҷиноят ҷой надорад.

Ба андешаи В.С. Орлов ва Р.И. Михеев, ки қобили қабул ба шумор меравад, мукаллафӣ ҳамчун пояи ибтидоӣ барои муайян намудани гуноҳи субъекти ҷиноят нақши ҳалкунанда дошта, занҷири ягонаи мантиқии «мукаллафӣ - гуноҳ - ҷавобгарӣ»-ро ташкил медиҳад [106, с. 27; 262, с. 3]. Аз ин бармеояд, ки агар кирдори барои ҷамъият хавфнок аз ҷониби шахси номукаллаф содир шуда бошад, чунин кирдор ҷиноят эътироф намегардад ва, мувофиқан, мавҷудияти гуноҳ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ низ истисно мегардад. Дар ин замина, муқаррар намудани тамоми ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ дар ҷараёни тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ, инчунин натиҷаҳои хулосаи экспертизаи судӣ-психиатрӣ ба мақомоти судиву тафтишотӣ имконият медиҳанд, ки масъалаи мукаллафӣ ё номукаллафии шахси кирдори барои ҷамъият хавфнок содирнамуда дуруст ҳал карда шавад. Танҳо пас аз муайян намудани мукаллафии шахс мумкин мегардад исботи қобилияти ӯ ҷиҳати дарк намудани хусусият ва аҳаммияти иҷтимоии кирдор ва идора кардани рафтори худ ҳангоми содир намудани ҷиноят, новобаста ба қасдан ё аз беэҳтиётӣ будани он, яъне муайян намудани гунаҳгорӣ. Аз ин рӯ, дар сурати муайян накардани мукаллафӣ дар раванди тафтиши ҷиноят, сухан гуфтан дар бораи гуноҳи шахси кирдори барои ҷамъият хавфнок содирнамуда аз лиҳози ҳуқуқӣ асоснок нахоҳад буд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври умум эътироф гардидааст, ки «омӯзиши мукаллафӣ ба доираи масъалаҳои бунёдии назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мансуб мебошад» [138, с. 274]. Дар марҳилаи муосир ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддии намояндагони соҳаҳои гуногуни илмӣ – ҳуқуқшиносон, психологон, психиатрон, файласуфон ва сотсиологонро ба худ ҷалб намудааст. Мавзуи мукаллафӣ, номукаллафӣ ва мукаллафии маҳдуд ҳамчун муаммои мураккаб ва комплексӣ баррасӣ гардида, таҳлили он такя ба ҳамгироии дастовардҳо ва тамоюлҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, психиатрияи судӣ, психология ва фалсафаро тақозо менамояд.

Вобаста ба ин, зикр намудан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти мазкур таваҷҷуҳи бештар ба масоили баҳсталаби муаммоҳои мукаллафӣ, номукаллафӣ ва мукаллафии маҳдуд нигаронида шудааст.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода дар шарҳи мукаллафӣ зикр менамояд, ки «Аломати дуюми субъекти ҷиноят ин аст, ки ин шахс бояд мукаллаф бошад, яъне, қодир аст, ки характери воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии амалҳои худро дарк намуда, амалҳои худро идора кунад. Рафтори одамонро шуур ва иродаи ӯ равона ва идора мекунад. Мукаллафӣ, фаъолияти бошууронаи одам ва қобилияти ӯ дар қабули қарорҳо, ки бо дарназардошти шуур ва иродааш роҳбарӣ карда мешавад, дар назар дорад» [52, с. 87]. Ғ.С. Сатторов зикр намудааст, ки «Шахсе, ки дар вақти содир кардани ҷиноят қобилияти фаҳмидан ва саришта кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои онро дарк намуда, онро идора карда метавонад, мукаллафӣ номида мешавад» [146, с. 116].

Муаммоҳои мукаллафӣ, номукаллафӣ ва мукаллафии маҳдуд, ки дар қонунгузориҳои ҷиноятии қаблӣ (то соли 1998) ҷой доштанд, бо инкишофёбии муқаррароти комилтари худ дар КҶ ҶТ соли 1998 ифода гардидаанд. Меъёрҳои ҳуқуқии бавуҷудомада дарк ва таҳлили амиқро бо дарназардошти амалияи муқарраргардида, талаб мекунанд. Билохира, дар ин самт то ҳол зарурати бетаъхир такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ҷой

дорад. Ақидае роиҷ аст, ки «муаммои мукаллафӣ яке аз мушкилоти камтар омӯхташудаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад» [277, с. 7].

Олими ватанӣ Р.И. Шарипов қайд мекунад, ки «субъекти ҳама гуна ҷиноят танҳо шахси мукаллаф буда метавонад. Аммо, дар қонуни ҷиноятӣ мафҳуми «мукаллафӣ» вуҷуд надорад, балки, мафҳуми номукаллафӣ муайян шудааст» [219, с. 137].

С.С. Шарипов зикр менамояд, ки «Шахси воқеӣ он вақт ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки агар мукаллаф бошад. Ҳар як шахси руҳан солим, яъне, ҳар як шахсе, ки қобилияти фикрӣ ва иродавӣ дошта бошад, бошуурона рафтор намуда, кирдори худро идора мекунад. Аз ин рӯ, вай барои ҳаракати кирдорҳои худ, аз он ҷумла барои кирдорҳои ба ҷамъият содиркардааш ҷавобгар мебошад. Акнун аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки барои шахсро субъекти ҷиноят ҳисоб кардан мукаллафӣ нақши муҳимро мебозад. Мукаллафӣ ин ҳолати ҳуқуқии субъект, хусусияти ҷудонашавандаи он мебошад» [282, с. 133].

Ба ақидаи мо, муаммоҳои ҷойдоштаи номукаллафиро бе таҳлил ва хулосаҳои асоснок вобаста ба мукаллафӣ ва мукаллафии маҳдуд, худ ба худ ҳал намудан номумкин аст.

Ҳангоми муроҷиат ба таърихи масъала, бояд зикр кард, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ва қонунгузории ҷиноятии давраи солҳои 1917–1998 мафҳуми «мукаллафӣ» умуман ба таври возеҳ муайян карда нашуда буд. Ҳамзамон, мукаллафӣ ҳамчун нишонаи субъекти ҷиноят дар Асосҳои роҳбарикунанда солҳои 1919, 1924, Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР (1922), ҶШС Узбекистон (1926), ҶШС Тоҷикистон (1935, 1961), инчунин, дар КҶ ҶТ соли 1998 низ ба таври ҳуқуқӣ муқаррар нагардидааст.

Мукаллафӣ ва номукаллафӣ дар назари аввал ҳамчун мафҳумҳои ҷудо ва мустақил ба назар мерасанд. Чунин таассурот, одатан, дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба муайян намудани шахсе, ки метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, ба таври пурра дарк нашудаанд. Дар асл, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи

шахсони воқеиро, ки кирдорҳои муайян содир менамоянд, ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: гурӯҳи якум, шахсони мукаллаф (ё мукаллафи маҳдуд), ки дорои қобилияти ҷавобгарии ҷиноятӣ буда, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд; гурӯҳи дуюм, шахсони номукаллаф, ки бинобар ҳолати равонии худ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда намешаванд. Муайян намудани мукаллафӣ ё номукаллафии шахс ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳим ва масъулиятноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътироф мегардад. Муқаррар нагардидани мафҳуми «мукаллафӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ, ба ақидаи баъзе олимони соҳа, муқаррар нагардидани мафҳуми «мукаллафӣ» муаммои иловагиеро ба миён намеорад, зеро ин мафҳум ифодаи худро бевосита аз мафҳуми «номукаллафӣ» меёбад [83, с. 116]. Дар воқеъ, «мукаллафӣ ҳамон ҳадаферо доро мебошад, ки онро номукаллафӣ низ дорад – таъмини ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъйини ҷазои ҷиноятии танҳо ҳамон шахсоне, ки аз рӯйи ҳолати руҳии худ қобиланд, ба ин ҷавобгарӣ ҷалб карда шаванд», аммо ин маънои онро надорад, ки мукаллафӣ айнан номукаллафиро ифода карда метавонад. «Мо пурра ба ақидаи Ю.М. Антонян ва С.В. Бородин розӣ ҳастем: мукаллафӣ, ҳамчун категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, аломатҳои ба худ хосро доро буда, ҳамчун шарти фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ хизмат мекунад, бинобар ин, «муаммои мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф мешавад» [48, с. 132-135].

«О.И. Сайдализода сабабҳоеро асос овардааст, ки аз муқаррарот оид ба номукаллафӣ муайян кардани мафҳуми мукаллафӣ нодуруст мебошад: Аввалан, дар номукаллафӣ бемории руҳӣ ба психикаи инсон ва дар натиҷа, дар иродаи ӯ таъсир мегузорад. Дар баробари ин, дар баъзе мавридҳо ҳангоми нигоҳ доштани қобилиятҳои зеҳнии бемор, дар ҳоле ки ӯ қобилияти идора кардани кирдорҳои худро надорад, танҳо иродааш метавонад дар ҳолати паст қарор дошта бошад. Мукаллафӣ беҳбудии руҳии (ҳолати зеҳнӣ ва ирода) саломатии равонии шахсро дар назар дорад. Мукаллафӣ ҳолати равонии шахсро ҳангоми содир намудани ҷиноят ва қобилияти равонии ӯро тавсиф мекунад; Дуюм, қонунгузории ҷиноятӣ масъалаи ба истилоҳ «мукаллафии маҳдуд»-ро мусбат ҳал намудааст. Ин ҳолат худ ба худ,

аллакай, ба муайян кардани мафҳуми «мукаллафӣ» аз таърифи қонунгузории номукаллафӣ монеъ мешавад; Сеюм, оқибати ҳуқуқии ҳамчун номукаллаф эътироф шудани шахс ин асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани ӯ ба ҳисоб меравад. Аммо, номукаллафии шахс дар дарк накардани ҳолатҳои воқеии кирдори худ, ба ҷамъият хавфнокии кирдор ё идора карда натавонистани кирдори худ метавонад ҳам аз омилҳои иҷтимоию равонӣ ва ҳам психофизиологӣ иборат бошад. Аз ин рӯ, бояд байни номукаллафии иҷтимоӣ (ақибмонии инкишофи руҳии ноболиғ) ва номукаллафӣ (бо беморії руҳӣ ҳангоми содир кардани ҷинояти аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок алоқаманд) фарқ гузошта шавад. Азбаски ҳар ду намуди номукаллафӣ як механизми таъсиррасониро ба рафтор доранд, мукаллафиро метавон ҳамчун дараҷаи инкишофи руҳӣ ё ҳолати солимии равонии шахс муайян кард, ки қобилияти дарк кардани хусусияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва идора кардани онҳоро дорад» [271, с. 32-33].

Дар баробари ин, қонунгузории ҷиноятии ҶТ то кунун дар худ меъёри ҳуқуқиро оид ба мукаллафӣ муқаррар накардааст.

«Профессор Н.А. Қудратов зикр менамояд, ки дар КҶ ҶТ мафҳуми «мукаллафӣ» мавҷуд нест. Ин мафҳумро илми ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳия кардааст, на қонунгузории ҷиноятӣ» [80]. «Маънои «мукаллафӣ ҳолати руҳӣ мебошад, ки дар он шахс дорои озодии кирдор буда, метавонад маънои кирдори худро дарк кунад ва онҳоро роҳнамоӣ кунад» [80, с. 132].

«Мукаллафӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ, аҳаммият ва муаммоҳои ба худ хосро доро мебошад. Бо пешравии назарияҳои нави ҳуқуқи ҷиноятӣ, гурӯҳи муҳаққиқон дар он қарор ҳастанд, ки «бояд мафҳуми мукаллафӣ ифодаи худро дар қонунгузории ҷиноятӣ ёбад» [48, с. 135].

Ҳамин тавр, масъалаи дар сатҳи қонунгузорӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррар намудани мафҳуми «мукаллафӣ», баҳсталаб боқӣ монда, миёни ҷонибдорон ва мухолифони муқаррар намудани мафҳуми мукаллафӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, аммо дар бештари таҳқиқоти илмии минбаъда, тарафдорони мустаҳкам намудани мафҳуми «мукаллафӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар

гардидаанд. Ҳамин тавр, Р.И. Михеев эътироф менамояд, ки хуб мешавад, агар мафҳуми мукаллафӣ дар сатҳи қонунгузорӣ дар чунин шакл қабул карда шавад: «Шахси мукаллаф он эътироф мешавад, ки аз рӯйи ҳолати руҳии худ, дар вақти содир намудани ҷиноят қодир буд ҳолати воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) содирнамудаистодаи худро дарк намуда, онро идора карда метавонист» [262, с. 55].

«О.И. Сайдализода пешниҳод менамояд, ки бо дарназардошти он, ки аломати субъекти ҷиноят на номукаллафӣ, балки, мукаллафӣ ба шумор меравад ва аз мафҳуми «номукаллафӣ» баровардани мафҳуми «мукаллафӣ» нодуруст мебошад, беҳтар мешуд, ки моддаи 24 КҶ ҶТ ба мукаллафӣ бахшида шуда, масъалаи номукаллафӣ дар қисмҳои ниҳоӣ ва ё дар моддаи алоҳида муқаррар карда шавад» [271, с. 17-18].

«Ю.М. Антонян ва С.В. Бородин қабули ҳатмии меъёри ҳуқуқӣ оид ба мукаллафиро ҷонибдорӣ намуда, зикр мекунанд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ҷой надоштани «мафҳум ва аломатҳои мукаллафӣ, аз комилан баррасӣ нагардидани он далолат мекунад» [48, с. 135]. Албатта, ҳақ бар ҷониби онҳост, зеро ҳангоми ишора ба мукаллафӣ, ҳам қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳам қонунгузории ҷиноятӣ, бояд бо дарназардошти мафҳум ва аломатҳои (маҳакҳои) «мукаллафӣ» такя намоянд.

Психологҳо низ эътироф менамоянд, ки гарчанде мафҳуми «мукаллафӣ ифодаи худро аз номукаллафӣ ёбад ҳам» [120, с. 6], мантиқ тақозо менамояд, ки мафҳуми «мукаллафӣ» дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

Ба андешаи мо, дар ҳар як парвандаи ҷиноятии мушаххас мақомоти тафтишӣ ва судӣ пеш аз ҳама аз фарзияи мукаллафии шахс баромад менамоянд, яъне аз он ки шахс ба бемории рӯҳӣ гирифтор нест, мазмун ва аҳаммияти амал ё беамалии худро дарк мекунад ва қобилияти идора намудани онҳоро дорад. Тибқи моддаи 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаллаф будани шахси воқеӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии ҷалб намудани ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф гардидааст, аммо бо вуҷуди ин, дар ҳеҷ яке аз моддаҳои КҶ ҶТ мафҳуми «мукаллафӣ» ба таври мустақим

шарҳ дода нашудааст. Пештар таъкид гардид, ки мафҳуми «мукаллафӣ» аз тариқи раддия ё муқобилгузории «номукаллафӣ» пурра ифода намеёбад, зеро онҳо категорияҳои ҳуқуқии ҳамсон нестанд. Бо назардошти ин, ба назари мо, ворид намудани таърифи мафҳуми «мукаллафӣ» ба қонунгузории ҷиноятӣ ҳам аз лиҳози назариявӣ аҳаммияти муҳим дорад ва ҳам метавонад ба самаранокии амалияи татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намояд.

Воқеан, ақидаи Ю.М. Антонян ва С.В. Бородин вобаста ба «комилан баррасӣ нагардидани мафҳум ва аломатҳои мукаллафӣ» қобили қабул аст, зеро дар м. 25 КҶ ҶТ мафҳуми «мукаллафии маҳдуд» муқаррар гардидааст, вале дар сурати муқаррар нагардидани табиати ҳуқуқии худи мукаллафӣ, чӣ гуна метавон оид ба мукаллафии маҳдуд сухан гуфт?

«Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин ақидаҳо низ ҷой доранд, ки ақидаи дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мафҳуми «мукаллафӣ» зарур мебошадро эътироф менамоянд, вале, айни замон, дар ин давра, ворид намудани мафҳуми «мукаллафӣ»-ро ҳар ойина баҳснок баҳо медиҳанд» [234, с. 57]. «Ин ақида ба он асоснок карда шудааст, ки: мафҳуми «мукаллафӣ» дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври бояду шояд коркард нашудааст; бо сабаби камаҳаммият будани он дар таҷрибаи судию тафтишотӣ; бо сабаби барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ на он қадар аҳаммияти муҳимме дошта метавонад» [278, с. 23]. Ин нуқтаи назарро каме ноқис баҳо додан мумкин аст, зеро аз рӯйи натиҷаҳои назарсанҷиҳои гузаронидашуда дар доираи таҳқиқоти илмии мазкур, маълум гардид, ки талабот ҷиҳати дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мафҳуми «мукаллафӣ» аз тарафи кормандони муассисаҳои психиатрӣ, ки ҳаррӯза фаъолияти касбии онҳо бо ин алоқамандӣ дорад, бештар ба назар мерасад. 79% пурсидашудагон дар миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони муассисаҳои психиатрӣ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҷонибдори дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани мафҳуми «мукаллафӣ» буда, 21% пурсидашудагон онро муҳим намешуморанд (замимаи №1). Қ.Х. Мирзоев дар монографияи худ мафҳуми «мукаллафӣ»-ро то андозае «мураккаб» эътироф намуда, бар он назар аст, ки

«таҳқиқоти маҷмуиро аз ҷониби намояндагони илмҳои гуногун, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ талаб месозад» [94, с. 61].

Ғайр аз ин, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нишон дода шудааст, ки муаммои мукаллафӣ байни олимони намоёни гузашта ва муосир ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Чи тавре ишора карда шуд, зарурати муқаррар намудани мафҳуми «мукаллафӣ», дар баробари дар қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани меъёр оид ба ҷавобгарии ҷиноятии шахсони дорои парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, муҳим арзёбӣ мегардад. Мукаллафии маҳдуд қисми таркибии мукаллафӣ эътироф мегардад, вале новобаста ба ин, мафҳуми «мукаллафӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар нагардидааст. Мантиқан ва асоснок эътироф мешуд, ки агар дар қонунгузории ҷиноятӣ меъёри муқарраркунандаи ҳам мафҳуми «мукаллафӣ» ва ҳам «мукаллафии маҳдуд» ҷой дошта бошанд.

«Дар ҳолатҳои мушаххас, барои муқаррар намудани ҳолати мукаллафӣ ё номукаллафии субъекти ҷиноят, қонунгузор мақомоти судӣ ва тафтишотиро мувaззаф мекунад, ки барои мусоидат ва муқаррар кардани вазъи воқеии ҳолат, ба мутахассис, аз ҷумла, психиатр ва психолог муроҷиат намоянд. Вобаста ба ин ҳолат, қонунгузор эътироф менамояд, ки худи мақомоти судию тафтишотӣ дорои донишҳои зарурии махсус (тиббӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва ғ.) намебошанд ва масъалаҳои доир ба онҳо алоқамандро баррасӣ ё ҳаллу фасл карда наметавонанд. Муддатҳои тӯлонист, ки баҳсҳо оид ба тафриқагузории салоҳияти психиатрҳо ва ҳуқуқшиносон вобаста ба муқаррар намудани мафҳуми «мукаллафӣ» ва «номукаллафӣ» идома доранд» [197, с. 69]. Гурӯҳе аз таҳқиқотчиён тасдиқ менамоянд, ки истифодаи донишҳои махсуси эксперт дар доираи муайян хатогии судиро вобаста ба исботи мукаллафии шахс коҳиш медиҳад ва маҳз барои ҳамин, «муроҷиат ба ӯ, дар ҳар ҳолате ки агар суд ба дониши нобасандаи доштааш вобаста ба ҳолати кор шубҳа дошта бошад, ба мақсад мувофиқ ва муфид мебуд» [278, с. 25].

«Дар навбати худ, дар ин асно аз тарафи на танҳо олимон, ҳатто аз тарафи кормандони амалия ақидаҳои гуногун оид ба табиати ҳуқуқии мукаллафӣ пайдо мегардад, вале ин мумкин аст ба хулосаҳои беасос ва нодуруст оварда расонад. Ҳамин тавр, аз рӯйи эътирофи умум, мукаллафӣ мафҳуми ҳуқуқӣ мебошад, на тиббӣ. Эътироф карданро муфид медонем, ки вобаста ба масъалаи мазкур, мукаллафӣ – яке аз аломате мебошад, ки шарти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мебошад. Барои ҳамин, Р.И. Михеев зикр мекунад, ки «мукаллафӣ – ҳолати руҳии шахс набуда, воситаи баҳодиҳии ҳуқуқии ҳолати руҳии шахс мебошад» [95, с. 13]. Вазифаи муҳимми мукаллафӣ дар он ифода мегардад, ки он шарти асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Маҳз ана барои ҳамин, мукаллафӣ категорияи ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Ақидае низ вуҷуд дорад, ки «мукаллафӣ сифат ё ҳолати фард намебошад, ки ҳамчун дилхоҳ сифати руҳӣ ё ҷисмонӣ баҳо дода шавад, мукаллафӣ формулаи ҳуқуқӣ мебошад» [153, с. 120]. Маҳз дар ҳамин гуфтаҳо, ба ақидаи мо, воқеияти ҳуқуқии мукаллафӣ ифода мегардад, ки як талаботи муайян дар шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ (моддаи 22 КҶ ҶТ) мустаҳкам гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки м. 19 КҶ Украина [15] «мукаллафӣ» номгузорӣ гардида, дар қ. 1 мафҳуми «мукаллафӣ» ва дар қ. 2 мафҳуми «номукаллафӣ» муқаррар шудааст, яъне, моддаи алоҳида бо номи «номукаллафӣ» ҷой надорад. Ҳамчунин, дар м. 18 КҶ Ҷумҳурии Узбекистон [13] низ айнан чун КҶ Украина мафҳуми «мукаллафӣ»-ро муқаррар карда, дар сатҳи ин модда дар қ. 2 мафҳуми «номукаллафӣ» дода шудааст. Ба назари мо, муқаррароти қонунгузории ҷиноятии Украина ва Узбекистон тибқи мантиқ ва аз ҷиҳати техникаи ҳуқуқӣ мувофиқ аст, зеро мукаллафӣ ҳамчун аломати эътирофкунандаи субъекти ҷиноят мебошад, на номукаллафӣ.

«Бояд эътироф намуд, ки муаммои мукаллафӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз донишҳои дигари илмӣ – психология ва тиббӣ баррасӣ мегардад, аммо чун ақидаи Р.И. Михеев, ин маънои онро надорад, ки мукаллафӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ институти психологӣ ва тиббӣ бошад» [95, с. 48]. «Дар акси

ҳол, Н.С. Тагансев ҳанӯз таъкид намуда буд, ки суд «ба клиникаи психиатрӣ» мубаддал мегардид ва «масъалаи мукаллафӣ тиббӣ намебошад, балки, ҳуқуқӣ аст» [128, с. 413]. Дар баробари ин, мафҳуми ҳуқуқии «мукаллафӣ», дорои «мундариҷаи психологӣ-ҳуқуқӣ» [234, с. 52] мебошад».

«КҶ ҶТ, ки 21-уми майи соли 1998 қабул гардидааст, мафҳум ва истилоҳҳои зиёдеро ба кор бурдааст, ки бо соҳаи психология робитаи ҷудонашавандаро доро мебошанд ва ба ақидаи О.Д. Ситковская «психологизатсияи» меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мушоҳида мешавад» [120, с. 2]. Бе тардид, ин мулоҳиза ба мафҳуми «мукаллафӣ» низ дахл дорад. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки мукаллафӣ пеш аз ҳама категорияи ҳуқуқӣ мебошад ва онро наметавон танҳо ҳамчун таҷассум ё маҷмӯи сифатҳои иҷтимоию психологии субъект арзёбӣ кард. Ҳамзамон, ба андешаи муаллифони болозикршуда, маҳз чунин фаҳмиши мукаллафӣ чун ҳолати рӯҳӣ боиси он мегардад, ки он аз ду унсури зеҳнӣ ва иродавӣ иборат шуморида шуда, дар қонунгузории ҷиноятӣ мавҷуд бошад, аммо дар айни замон моҳияти мустақили ҳуқуқии ин мафҳум тадриҷан коҳиш ёфта ё ҳатто аз байн равад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, мафҳуми «мукаллафӣ» дорои мундариҷаи психологӣ чун «ҳангоми содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфноки худ, аз рӯйи ҳолати руҳӣ, шахс қодир буд хусусият ва ба ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намуда, онро идора карда метавонист», мебошад.

Муқаррар кардани асосҳо ва унсурҳои таркибии «мукаллафӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба Ю.М. Антонян ва С.В. Бородин имкон дод, ки чунин мафҳуми «мукаллафӣ»-ро пешниҳод кунанд: «Мукаллафӣ – ин ҳолати руҳии шахс аст, ки дар он бо дарназардошти сатҳи рушду иҷтимоӣ-психологӣ ва иҷтимоиёташ, синну сол ва ҳолати солимии руҳӣ ӯ қобилияти дарк кардани ҳаракат ё беҳаракатии худ (яъне дарк кардани хусусияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдор) ва ҳамчунин, идора кардани онҳоро ҳангоми содир кардани ҷиноят дорост ва вобаста ба ин, метавонад барои он ба ҷавобгарии

ҷиноятӣ ва ҷазо ҷалб карда шавад» [48, с. 56]. Ин мафҳум аз ҷониби аксар муҳаққиқон мавриди дастгирӣ қарор гирифта, онро нисбатан комилтар эътироф кардаанд [87, с. 271; 134, с. 177; 136, с. 299; 137, с. 172].

Қобили зикр аст, ки мафҳуми пешниҳоднамуда «оид ба мукаллафӣ аз тарафи Ю.М. Антонян ва С.В. Бородин аз баъзе ноқисӣ холӣ нест. Дар ин мафҳум мукаллафӣ ба ҳолати руҳии шахс баробар карда шудааст, на он қадар қобили қабул аст. Мукаллафӣ мафҳуми ҳуқуқӣ аст ва бояд аз назари ҳуқуқӣ таълиф гардад». Мукаллафӣ ҳолат намебошад, балки, дар баробари шахси воқеии ба синни муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан, ҳамчун аломати ҳуқуқии субъекти ҷиноят аст. Боқимонда ҳамаи ҷузъиёти мафҳуми пешниҳодгардида, ифодаи назариявии мукаллафиро пурра доро мебошад.

Мазмуни мафҳуми «мукаллафӣ», ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар назар дошта мешавад, тавассути мавҷудияти маҷмуи ду маҳак: ҳуқуқӣ ва тиббӣ ошкор карда мешавад.

Категорияҳои мукаллафӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бо роҳҳои гуногун фаҳмида мешуданд ва аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос муайян карда мешуданд, зеро аксаран аз муносибати худи муҳаққиқ ва тасаввуроти субъективии ӯ дар бораи ин аломати субъекти ҷиноят вобаста буданд. Вазъияти бавуҷудомада, албатта, бо набудани мафҳуми «мукаллафӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ шарҳ дода мешуд, ки ин пешниҳодҳои гуногунро барои муайян кардани мафҳуми ягонаи мукаллафӣ ба вуҷуд меовард.

Маҳаки ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки шахс хусусияти воқеӣ ва аҳаммияти иҷтимоии кирдори барои ҷамъият хавфноки худро дарк менамояд, яъне маънои амал ё беамалӣ, робитаи сабабӣ ва натиҷаи ба ҷамъият хавфноки онро фаҳмида метавонад, ҳамчунин қобилияти идора намудани рафтори худро дорад. Дар ин замина ду аломати асосии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ пешбинӣ мегарданд: аломати зеҳнӣ ва аломати иродавӣ.

Ҳамчунин, аз тарафи баъзе олимон нишонаҳои эҳсосотии (ҳаяҷони сахти руҳии) маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ низ ҷудо карда шудааст, ки ҳангоми муқаррар кардани мукаллафӣ бояд ба инобат гирифта шавад, «чунки, дар

баъзе мавридҳо, ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, мукаллафии субъектро истисно карда метавонад» [95, с. 15].

Дар баробари ин, нуқтаи назари иддае аз муҳаққиқон баён карда шудааст, ки «хусусияти мазмуни мукаллафӣ ҳамчун аломати ба ҳамдигар ҷудошавандаи субъекти ҷиноят маҷмуи анъанавии меъёрҳои психологӣ ва ба истилоҳ тиббиро талаб намекунад», зеро «саломатӣ ягона омиле нест, ки ба мавҷуд будани ин қобилият барои рафтори даркнамоӣ-иродавӣ ва татбиқи он дар вазъияти мушаххас таъсир расонад». Муаллиф таъкид мекунад, ки мафҳумҳои «маҳаки психологӣ» ва «маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ», ки ҳамчун якхела истифода мешаванд, чунин нестанд. «Меъёри ҳуқуқии мукаллафӣ умуман вуҷуд надорад: сухан дар бораи хулосаҳои мақомоти судӣ дар бораи мавҷудият ё набудани худи мукаллафӣ меравад», қайд мекунад О.Д. Ситковская [120, с. 5].

Муаллиф барои тасдиқи ин ақида ҳолатҳоеро мисол меорад, ки ҳатто дар сурати мавҷуд набудани меъёри тиббии (психиатрии) номукаллафӣ, инҳо аҳаммияти ҳалкунанда доранд:

– ақибмонии назарраси инкишофи руҳии ноболиғ, ки бо бемории руҳӣ алоқаманд набуда, он дар натиҷаи тарбияи нодуруст, беэътиноии педагогӣ ва ғайра алоқаманд мебошад;

– набудани қобилияти рафтори бошуурона-иродавӣ аз сабаби номувофиқатии байни қобилиятҳои психологии инфиродӣ ва талаботи вазъияти фавқулоддаи бавуҷудомада;

– набудани интихоби рафтори бошуурона аз сабаби маҷбуркунии мунтазами беруна.

Муаллиф эътироф мекунад, ки «дар ҳамаи ин мавридҳо эксперт-психологҳо метавонанд мавҷудияти меъёри психологии номукаллафиро дар сурати мавҷуд набудани меъёри тиббӣ муқаррар кунанд». Аз ин хулосаи зерин мебарояд: «Барои татбиқи принсипи гунаҳгорӣ донистан лозим аст, ки

оё субъект барои дарк намудани маънои кирдори худ ва идора кардани онҳо қодир буд ё не» [120, с. 7].

Ба андешаи мо, пешниҳоди О.Д. Ситковская дар бораи фаҳмиши мафҳуми «мукаллафӣ» ва меъёри он аз нигоҳи назариявӣ нодуруст мебошад, зеро чунин равиш пурра ба «психологизатсия»-и ин мафҳум оварда мерасонад, ки он, пеш аз ҳама, маҳаки ҳуқуқиро доро аст. Ҳолатҳои ишоранамудаи муаллиф асос барои озод гардидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҳолати сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ шуданаш мумкин аст, на ҳамчун номукаллафӣ, ки дар он таркиби ҷиноят ҷой надорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло зикргардида, хулоса кардан мумкин аст, ки мукаллафӣ аломати ҳуқуқии субъекти ҷиноят эътироф гардида, ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, ба асос гирифта мешавад, яъне, мукаллафӣ асоси ҳуқуқии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содирнамуда мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки мукаллафӣ категорияи ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад, ки ҳолати руҳии шахсро ҳангоми содир намудани ҷиноят тавсиф мекунад ва дар он ӯ қобилияти пурра дарк намудани ҳаракати (беҳаракатии) худро нигоҳ дошта метавонад. Чунин ақидаро дигар олимони соҳа, аз ҷумла, Р.В. Вереша низ ҷонибдор аст [58, с. 18-19].

Вобаста ба ин, тавсифи маҳаки ҳуқуқии мукаллафиро зарур мешуморем. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии шахс дар хусусияти воқеии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнокро дарк кардан ва онҳоро идора карда тавонистани шахс ифода мегардад. Қонунгузории ҷиноятии ҶТ нишонаи зеҳниро ба таври маҳдуд дар дарк намудани танҳо кирдори барои ҷамъият хавфнок муқаррар намудааст, вале аз тарафи гунаҳгор дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани онро ишора накардааст. Ин мавқеи анъанавӣ ҳамчун хусусияти қонунгузории ҷиноятии давраи шуравӣ эътироф гардида, хусусияти зеҳнии маҳаки ҳуқуқии мукаллафиро ҳамчун қобилияти дарк кардани ҳолати воқеии кирдори худ ва дарк намудани моҳияти иҷтимоии онро муайян мекунад [86, с. 239].

Дар баробари ин муқаррарот, принсипҳои муосири қонунгузории ҷиноятӣ чандон мувофиқ нест. Чунин ба назар мерасад, ки он куҳна шудааст ва бояд бо дарназардошти ҳолатҳои зерин ислоҳ карда шавад. Як қатор таркибҳои (меъёрҳои) Қисми махсуси КҶ ҶТ (одамкушӣ, расонидани зарар ба саломатӣ, ҷиноятҳо вобаста ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, тасарруфи молу мулк ва ғайраҳо) дарк кардани зиддиҳуқуқӣ будани ин кирдорҳоро пешбинӣ мекунанд. Ғайр аз ин, сохтори як қатор таркибҳои махсуси Қисми махсуси КҶ ҶТ дар баробари дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ, инчунин, дарк намудани зиддиҳуқуқии онро муқаррар намудааст. Мисол, дар моддаи 206(1) КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани қоидаҳои истеҳсол, тайёр кардан, коркард, нигаҳдошт, баҳисобгирӣ, додан, фурӯш, тақсимот, интиқол, фиристодан, соҳиб шудан, истифода, воридот, содирот ё нобуд кардани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, агар ин кирдор аз ҷониби шахсе анҷом дода шуда бошад, ки он вазифадор аст қоидаҳои зикргардидаро риоя кунад. Аз мазмуни сохтори меъёри мазкур маълум аст, ки шахси ин ҷиноятро содирнамуда дорои дониши махсус вобаста ба қоидаҳои муносибат бо предметҳои зикргардида мебошад ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк мекунад. Дар акси ҳол, на фақат ҳолати зеҳнӣ ҷой дошта наметавонад, балки, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс боиси риоя нагардидани принсипи гунаҳгорӣ мегардад. Вобаста ба ин, зарур медонем, ки ҳолати зеҳнии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ на ҳамчун «дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худ», балки, ҳамчун «дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии зиддиҳуқуқӣ будани ҳаракати (беҳаракатии) худ» эътироф карда шавад. Бар замми ин, яке аз аломатҳои ҷиноят, ки дар моддаи 17 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст ва бе он таркиби ҷиноят ҷой дошта наметавонад, «зиддиҳуқуқӣ будани кирдор» аст.

Ақида оид ба он, ки бояд дар нишонаи зеҳнӣ «дарк карда натавонистани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори содирнамудаи шахс» [213, с. 152] ҷой дошта бошад, ҳанӯз дар оғози асри ХХ аз тарафи В.С. Трахтеров садо дода буд. Дар

айни замон, ин ақида аз тарафи на ҳама ҷонибдорӣ мегардад. Онҳо зикр менамоянд, ки дар натиҷаи ворид намудани «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдор» дар баробари «дарк намудани барои ҷамъият хавфнокии кирдор» ба нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ, ба гумроҳӣ ва ба ҳам зид гардидани онҳо оварда расониданаш мумкин аст [159, с. 89].

Тибқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятии амалкунанда аз субъекти мукаллаф талаб карда мешавад, ки қобилияти дарк кардани ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва оқибатҳои онро доро бошад. Бо дарназардошти ин, мо тахмин мекунем, ки имрӯз ҳам қонунгузор гӯё бар ин назар аст, ки ҳамаи шахсони воқеӣ ба ҷамъият хавфнокии кирдорҳои худро дарк мекунанд, зеро сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ доранд, ки ба назари мо, ҳоло ба воқеият мувофиқат намекунад.

Дар ҳамин ҳол, истилоҳи «ба ҷамъият хавфнокӣ», ки дар КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, номуайян аст, ки маҳаки дақиқ надорад. Илова бар ин, ҳар як кирдори пешбининамудаи Кодекси ҷиноятии амалкунанда на танҳо бо ҳар гуна дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ, балки, бо дараҷаи он, ки танҳо ба ҷиноят хос аст, тавсиф карда мешавад. Нишонаи хавфи ҷамъиятӣ дар баробари ҷиноят, инчунин, дар ҳуқуқвайронкуниҳо, ки бо қонунгузории маъмурӣ муқаррар мегарданд, муайян карда мешаванд, аммо он ба сатҳи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят намерасанд. Дар асл, ин аломат барои ҷудо кардани ҷиноят аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ асос мебошад. Бо дарназардошти ин, ҳангоми содир кардани ягон кирдори ҷиноятӣ, шахс бояд на танҳо хавфи ҷамъиятии ин кирдорро дарк кунад, балки, дарк кунад, ки дараҷаи хавфнокии он то чӣ андоза баланд аст, ки онро ҳамчун ҷиноят тавсиф мекунад. Дар акси ҳол, бе риояи ин шарт ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс маънои онро дорад, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ гунаҳгоркунии объективӣ роҳ дода шудааст, ки ин ғайриқобили қабул аст. Аммо, гумон кардан, ки дар ҳар як ҳолат шахс ин дараҷаи хавфи ҷамъиятиро дарк мекунад, нодуруст мебуд ва ба воқеият мувофиқат намекард.

Ақидаҳо оид ба нишонаҳои «ба ҷамъият хавфнокӣ» ва «зиддиҳуқуқӣ» вобаста ба масъалаи баррасишавандаи мукаллафӣ, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ қаблан садо дода буд ва то кунун ақидаҳо ягона нестанд. Ҳамин тавр, қайд гардидааст, ки «ҷиноят – кирдори зиддиҳуқуқии шахс мебошад. Нишонаи ба ҷамъият хавфнокӣ ҳоло барои эътироф кардани кирдор ҳамчун ҷиноят нобасанда аст» ва «зиддиҳуқуқӣ барои ифодаи ҳуқуқии ба ҷамъият хавфнокӣ хизмат мекунад» [122, с. 75-76].

Баъзе олимони муосир зикр менамоянд, ки «зарурати ворид кардани зиддиҳуқуқии кирдор ба нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ (чун мукаллафӣ ва мукаллафии маҳдуд) ҷой надорад, чунки дарк накардани зиддиҳуқуқӣ будани кирдор натиҷаи бемории руҳӣ буда наметавонад, вале далели танҳо надонистани қонун аст, ки ҷавобгарии шахсро истисно намекунад, бинобар ин, ворид кардани «зиддиҳуқуқӣ бо мулоҳизаҳои овардашуда асос надорад» [48, с. 126-127].

Дар эътироз ба ин ақида, зикр намуданро зарур мешуморем, ки ибораҳои «надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад», ки аксар муҳаққиқон бо он розӣ ҳастанд, маҳз аз вайрон кардани принсипи айбдоркунии субъективӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад, ки он имкон медиҳад шахсро ҳатто дар сурати набудани ягон муносибати руҳии ӯ ба кирдораш ҷавобгар ҳисоб кунад.

Дар робита ба ин, зарур мешуморем, ки «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори барои ҷамъият хавфноки худ» ҳамчун нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ баҳо дода шавад, зеро дарк намудани ҳолати воқеии кирдори содирнамудаашро, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ манъ карда шудааст, ба самти татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ эътироф мекунем.

Маҳаки ҳуқуқии «мукаллафӣ» имрӯз дар дигар соҳаи ҳуқуқ – ҳуқуқи маъмурӣ низ ҷой дорад. Аз рӯйи қиёс ба муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, моддаи 26 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ зикр гардидааст, ки «шахси воқеие, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ҳолати номукаллафӣ қарор дошт, яъне, бар асари бемории руҳии доимӣ,

парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории руҳӣ хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқии кирдори (амал ё беамалии) худро дарк ё онро идора карда наметавонад, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад».

Қобили қайд аст, ки меъёри ишорашудаи қонунгузории маъмурӣ нисбат ба меъёри муқарраркунандаи номукаллафӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ комилтар ва дақиқтар мебошад, зеро дар он мазмуни ҳолати зеҳнии маҳаки ҳуқуқӣ дақиқ нишон дода шуда, ба ҷойи ибораҳои «кирдори худро дарк карда наметавонад ва ба он ҷавоб гуфта наметавонад» ибораҳои «хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқии кирдори (амал ё беамалии) худро дарк ё онро идора карда наметавонад» муқаррар карда шудааст, аммо ин маънои онро надорад, ки бо муқаррар кардани аломатҳои номукаллафӣ, дар моддаи 24 қонунгузории маъмурии ҶТ мукаллафии субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нишон дода нашавад, зеро дар ҳама маврид мукаллафӣ нишонаи ҳатмии субъекти ҳуқуқвайронкунанда мебошад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки мафҳуми «объекти ҷиноят» дар аксари адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ бо мазмуни нисбатан ҳамсон шарҳ дода шудааст [43, с. 11; 114, с. 103; 132, с. 107; 144, с. 88]. Тибқи ин дидгоҳ, объекти ҷиноят муносибатҳои муҳимми ҷамъиятие мебошанд, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз гардида, ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шакли амал ё беамалӣ ба онҳо зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд. Дар қонунгузории ҷиноятӣ доираи васеи объектҳои ҳифзшаванда пешбинӣ гардидааст, ки ба онҳо, аз ҷумла, ҳаёт ва саломатӣ, обрӯ ва эътибор, озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ҳуқуқу озодиҳои конституцсионии инсон ва шаҳрванд, оила ва ноболиғон, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, амнияти экологӣ ва муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, иқтисодиёт, амнияти иттилоотӣ, асосҳои сохти конституцсионӣ ва амнияти давлат, ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ, тартиботи идоракунӣ, адолати судӣ, хизмати ҳарбӣ, инчунин сулҳ ва амнияти башарият мансубанд.

Дар вақти содир намудани ин ё он ҷиноят, субъекти ҷиноят бояд дарк кунад, ки кирдори ӯ ба муқобили кадоме аз ин арзишҳо равона карда мешавад. Мисол, ҳангоми таҷовуз ба номус субъект дарк мекунад, ки ба ҷамъият хавфнокии кирдори ӯ ҳамчун таҷовуз ба номус на дар «хавфнокии» кирдори ӯ пурра ифода мегардад, балки, дар зидди хоҳиши – ҳуқуқи озодона интихоб намудани шарики ҷинсии зан-ҷабрдида аст, яъне, дар алоқаи ҷинсӣ зан ҳуқуқи озодии ҷинсиро доро аст ва дар сурати алоқаи ҷинсӣ кирдор зидди ин ҳуқуқ равона карда шавад, баъдан ҳаракатҳои содирнамудаи субъекти ҷиноят ба ҷамъият хавфнок эътироф мешаванд.

Пурсишномае, ки миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ гузаронида шуд, маълум гардид, ки 86% онҳо ҷонибдори эътирофи «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори барои ҷамъият хавфнок» ҳамчун нишонаи зеҳнии критерияи ҳуқуқии мукаллафӣ мебошанд ва 14% пурсидашудагон эътирофи онро муҳим намешуморанд (замимаи №1).

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, асоснок мешуморем, ки дар мукаллафӣ «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори барои ҷамъият хавфнок» ҳамчун нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии он ворид карда шавад.

Дар мавриди эътироф намудани «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори барои ҷамъият хавфнок» ҳамчун нишонаи зеҳнии маҳаки тиббии мукаллафӣ, бояд матни баъзе меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла, моддаҳои 28, 29 ва 31 КҶ ҶТ) аз нав мавриди таҳрир қарор гиранд, зеро танҳо шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад (моддаи 27 КҶ ҶТ), аммо дар содир кардани ҷиноят танҳо шахси мукаллаф гунаҳгор ҳисобида мешавад.

Чунин ақида дар таҳқиқоти илмии бархе аз олимон садо медиҳад. Мисол, Н.Г. Иванов аз нуқтаи назари илмӣ ва таҷриба чунин меҳисобад, ки: «Ҷиноят қасдан содиршуда эътироф мешавад, ки агар субъекти онро содирнамуда хусусияти ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори худро дарк намуда бошад» [173, с. 56].

Ақидаи Н.Г. Ивановро ҷонибдорӣ мекунем, зеро дар сурати ҷой доштани аломати зеҳнии қасд бе нишонаи зиддиҳуқуқӣ будани кирдор, он бегуноҳ эътироф мешавад ва дар чунин сурат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс, ба роҳ додан ба гунаҳгоркунии объективӣ, ки дар моддаи 7 КҶ ҶТ оварда шудааст, мисол шуда метавонад.

Баъзе нигарониҳо иброз гардидаанд, ки дар натиҷаи ворид кардани «дарккунии зиддиҳуқуқӣ будани кирдор» дар сохтори гуноҳ «барои моҳиятан исбот кардани гуноҳ» вобаста ба ҳар як парвандаи ҷиноятии мушаххас мушкилӣ эҷод мекунад [89, с. 36]. Воқеан, чунин навгонӣ дар сохтори гуноҳ, мукаллафӣ ва номукаллафӣ барои ҳуқуқтатбиққунандагон мушкилиҳои зиёдеро ба бор оварданаш мумкин аст. Аммо зарур мешуморем, ки барои бартараф намудани баъзе ҳолатҳо вобаста ба роҳ додан ба гунаҳгоркунии субъективӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, ворид кардани нишонаи зикршуда муҳим мебошад. Истилоҳи «зиддиҳуқуқӣ» нисбатан фаҳмову равшантар аст нисбат ба истилоҳи «ба ҷамъият хавфнокӣ», зеро ҳолати дуюм дар ҳадде баҳодиҳии муайянро талаб мекунад ва ба ин ё он вазъият вобастагӣ дорад.

Нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун «аз тарафи шахс имконияти идора карда тавонистани ҳаракатҳои (беҳаракатии) худ» фаҳмида мешавад. Ҳарчанд ки «дар доираи ҳуқуқшиносӣ мафҳуми имконияти «идора намудан» онро дар назар дорад, ки аз тарафи субъекти ҷиноят қобилияти амалӣ намудани дарки зеҳнии танзимнамоии ҳаракатҳои зиддиҳуқуқии худ, яъне, дарки назорати мутобиқатии амалҳои худ тибқи меъёрҳои иҷтимоӣ ва тибқи талаботи қонунгузорӣ барои идора намудан равона гардидааст» [81, с. 125], аз рӯйи моҳият, нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ дар қодир будани шахс ҷиҳати амал кардан бо озодии ирода ифода мегардад.

Мафҳуми «озодии ирода», ки дар ҳуқуқ, психология ва фалсафа ифода гардидааст, бо ифодаи мафҳуми он дар мукаллафӣ робитаи зич дорад. Муайян намудани озодии ирода, аҳаммияти принсипиалӣ барои асоснок

намудани мукаллафӣ (номукаллафӣ) ва ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ [234, с. 30], эътироф мешавад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда мешавад, ки масъалаи озодии ирода мушкилоти фалсафӣ мебошад, ки бо мушкилоти фалсафии инсон алоқаманд аст [278, с. 44]. Ин изҳорот комилан дуруст аст: масъалаи озодии ирода умумифалсафӣ аст. Дар баробари ин, масъалаи мазкур бевосита бо масъалаи мукаллафӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқаманд аст ва таносуби ин категорияҳо мавзуи таҳлил хоҳад буд. Р.Р. Тугушев аз Г.И. Начкебия иқтибос овардааст, чунин мешуморад, ки «психологизатсияи мушкилоти шахсияти ҷинояткор моҳияти ҷиноятҳоро дар ҷомеаи иҷтимоӣ таҳриф мекунад». Дар ин таҳқиқот минбаъд нишон дода мешавад, ки чунин ақидае, ки таъсири омилҳои психологиро ба рафтори инсон рад мекунад, хатост [278, с. 44].

Озодии ирода ҳамчун имконияти интихоби навъҳои гуногуни рафтор «шарти зарурии субъективии масъулияти инсон барои амалҳои худ мебошад» [116, с. 25]. Инсон метавонад барои кирдорҳои худ танҳо дар сурате масъул бошад, ки бо иродаи озод, новобаста аз ягон сабаб ё таъсири беруна, амал кунад. Г.В. Назаренко қайд мекунад, ки «мавҷудияти иродаи озод ҳангоми содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок дар асл маънои қобилияти гунаҳгорона амал кардани субъектро дорад. Ин қобилият дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун мукаллафӣ ишора карда мешавад» [265, с. 41]. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки масъалаи озодии ирода бояд ба шахси дорои солимии руҳӣ (мукаллаф) хос бошад, на ба бемории руҳӣ, ки дар он «озодии ирода ва мукаллафӣ нобуд аст».

Аз рӯйи хулосаҳои психология, физиология ва ҳуқуқшиносӣ моҳияти муаммои ирода дар он ифода мегардад, ки инсон ба кирдорҳои худ ҷавобгар аст [118, с. 437-443].

Вобаста ба масъалаи он, ки оё ҳангоми содир намудани ин ё он ҳаракат иродаи шахс озод аст, яъне, оё шахс метавонад дар ин маврид озодона вобаста ба ният, эътиқод ё хоҳиши худ ҳаракат кунад ё не, таърихан нуқтаи назари гуногун ташаккул ёфтааст, зеро дар гузашта ин муаммо «дихотомӣ

баррасӣ мегардид» [265, с. 86]. Дар ин ҷо сухан оид ба мафҳуми фалсафии «озодии ирода» меравад. Маъмулан баҳс миёни ду равия ҷой дорад – детерминизм ва индетерминизм.

Гурӯҳи аввал тасдиқ мекунанд, ки иродаи шахс озод намебошад [170, с. 64], зеро вай аз ангезае вобаста аст, ки дар он лаҳза ҳукмфармост. Вале, намояндагони дигари ҳамин равия эътироф менамоянд, ки ирода мумкин аст озод бошад. Равияи индетерминистӣ тасдиқ намудааст, ки инсон дар интихоби навъи рафтори худ мустақил аст [278, с. 46]. Ягон чиз наметавонад ба хулосабарории инсон таъсир расонад, кореро ӯ анҷом диҳад ё не.

Аз ин рӯ, имконияти интихоби вариантҳои рафтор озодии иродаро ташкил медиҳад. Тавре А.И. Дзема дуруст қайд мекунад: «Аксар вақт, дар бораи озодӣ сухан ронда, мо ду маънои асосии онро дар назар дорем. Ин озодии ирода (хоҳиш: хостан ё нахостан – Ҳ.С.Ҳ.) аст, яъне, имконияти бе маҳдудият муайян кардани хоҳишҳо, орзуҳои худ ва озодии кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), яъне, набудани монеаҳо барои амалӣ кардани кирдори дилхоҳ» [168, с. 94-99].

Мустақилияти иродаи шахс аз таъсири омилҳои беруна, эътирофи озодии мутлақи ирода, нуқтаи назари мазкурро идеалистӣ мекунад. Идеалистон эътироф менамоянд, ки ирода раванди мустақили руҳӣ мебошад, қувваи руҳӣ, ки бо муҳити атроф алоқаманд намебошад. Ирода озод ва мустақил аст, бинобар ин, инсон метавонад ҳамин тавр рафтор кунад, ки ба фикри ӯ мувофиқ аст.

Нуқтаи назари материалистон вобаста ба мукаллафӣ ва озодии ирода аз гуфтаҳои Гегел, К. Маркс, Ф. Энгелс ва В.И. Ленин гирифта шудааст. Диди марксистон доир ба озодии ирода дар он ифода мегардад, ки амалҳои инсонӣ аз муҳити зист, тарзи ҳаёт бурдан ва тарбия вобаста аст. Дар баробари ин, онҳо зикр мекунанд, ки «… озодии ирода дар қодир будан оид ба қабули қарор вобаста ба ҳолати кор аст» [92, с. 116].

Ҳамчунин, Ибни Сино дар тавсифи ирода мефармояд, ки «Агар мо чизеро бихоҳем, мо он чизро тасаввур мекунем – ё ба гумон, ё ба хаёл ва ё ба

илм, ки он чизи тасаввуршаванда мувофиқ аст, мувофиқ маънои онро дорад, ки чиз хуб ё манфиатнок аст. Сипас, ин тасаввурро пайгирӣ намуда, шавқи эътиқод ва ба даст овардани онро ҳосил мекунем» [170, с. 68].

Таълимоти зардуштия иродаи инсонро озод медонад. А. Салимов зикр намудааст, ки «Таълимоти зардуштияро дар шинохти озодии ирода метавон ҳамчун индикатори ташаккули руҳияи одамони ҳамон давра фаҳмид, зеро зардуштия ду идеяи бузургеро тарғиб намуд, ки онҳо идеяи некӣ ва идеяи Худо буданд. Нуқтаи либералӣ дар ин таълимот иборат аз он аст, ки Зардушт бори нахуст «Иродаи инсонро озод» эълон менамояд. Ин идеяҳо на танҳо барои оромии башар хидмат мекарданд, балки, болотар аз он, як нав муборизa барои адолати иҷтимоӣ буданд» [292].

Вобаста ба ҳолатҳои зикргардида, мо дар чунин ақида ҳастем, ки озодии ирода дар фаҳмиши ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамеша бо инсони мукаллаф ҳамқадам аст. Ҳангоми содир намудани ин ё он ҷиноят, субъекти ҷиноят, ки мукаллаф аст, аз ҷиҳати иродавӣ озод аст ва вобаста ба имконоти руҳиву ҷисмонӣ содир намудани ҷиноят танҳо аз хоҳиши ӯ вобаста аст. Мисол, дар назди субъекти ҷинояти одамкушӣ интихоби озод гузошта шудааст: хоҳиши куштори одами дигар ё аз ин хоҳиш даст кашидан. Ӯ оқибатҳои аз хоҳишаш бавуқӯъояндаро пешбинӣ мекунад: марги шахси дигар ва дар баробари ин ҷазои маҳрум шудан аз озодӣ, якумра маҳрум гардидан аз озодӣ ё маҳкум ба қатл гардад. Инсон маҳз ҳамон навъи кирдорро интихоб мекунад, ки онро таҷриба, виҷдон, номус ва идроки ӯ (он аз муҳити иҷтимоӣ ва тарбияи ахлоқӣ вобаста аст) роҳнамоӣ мекунад. Мисоли мазкур, албатта, ба қасди бевосита (қ. 2 м. 28 КҶ ҶТ) хос аст ва, дар баробари ин, мо набояд нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафиро бо ин нишонаи маҳаки ҳуқуқии қасди бевосита ягона эътироф намоем.

Дар муқаррароти нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии шаклҳои гуноҳ (қасди бевосита ва бавосита, беэҳтиётӣ дар шакли худбоварӣ ва бепарвоӣ) «хоҳиш» дар хостан ва нахостан ифода мегардад, ки он аз нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ сарчашма мегирад.

Мо мафҳуми анъанавии «маҳаки тиббии мукаллафӣ»-ро ҷонибдор буда, эътироф менамоем, ки нишондиҳандаи он, пеш аз ҳама, солимии руҳӣ мебошад, яъне, далели он – вазъияти руҳии инсон, дар ҳолати муқаррарӣ ва ё муътадил (меъёрӣ) қарор дорад. Чи тавре, ки қаблан ишора намудем, ҳолати солимии руҳӣ яке аз ҷузъи таркибии мукаллафӣ буда, ба баррасии махсус ниёз дорад.

Дар шарҳи маҳаки тиббии мукаллафӣ Н.Г. Иванов меафзояд, ки «Дилхоҳ ҷиноят маҳсули раванди руҳӣ мебошад» [254, с. 220], аз ин лиҳоз, зимни содир кардани ҷиноят муайян кардани ҳолати руҳии шахс муҳим аст, ки он то чӣ андоза ба ҳолати руҳии муқаррарӣ мутобиқат менамуд. Имрӯзҳо ин муаммо, вобаста ба он ки «дар айни ҳол дар илми психология то кунун оид ба ҳолати муқаррарӣ тасаввуроти ягона ҷой надорад» [183, с. 46] ҳамчун масъалаи рӯзмарра боқӣ мондааст.

Қобили қайд аст, ки нишондиҳандаи маҳаки тиббии мукаллафӣ, пеш аз ҳама, солимии руҳӣ мебошад, яъне, далели он ки вазъи руҳии субъект дар ҳолати муқаррарӣ қарор дорад. Дар баробари ин, солимии руҳӣ ягона хусусияти муайянкунандаи маҳаки тиббии мукаллафиро доро намебошад, зеро дар доираи мукаллафӣ, инчунин, ҳолатҳое баҳо дода мешаванд, ки дар моддаи 25 КҶ ҶТ ҳамчун парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад (мукаллафии маҳдуд) муқаррар гардидааст. Р.Р. Тугушев изҳори назар мекунад, ки тоза кардани сарҳади миёни «меъёри руҳӣ» ва «солимии руҳӣ» беасос васеъ кардани ҳудуди бемории руҳӣ эътироф мегардад. Ин ҳолат метавонад барои ворид кардани чунин шаклҳои ҳолатҳои руҳӣ ба мафҳуми «беморӣ» ҳамчун васила баромад кунад, ҳол он ки, дар асл ҳолати беморӣ эътироф намешавад. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқи ҳолати руҳии шахс, саломатии ӯ зери шубҳа қарор мегирад [287, с. 66].

Изҳори назари мазкурро ба инобат гирифта, ба ақидаи Б.В. Шостакович ва В.В. Горинов розӣ шудан мумкин аст, ки зикр намудаанд: «он сатҳи зарурии фаъолияти муътадили руҳӣ ва механизмҳои психологии таъмини он

нишон дода нашудааст» [223, с. 102], ки онҳо дарачаи «ба кирдори худ ҷавоб гуфта натавонистани шахс»-ро муқаррар мекунанд.

Дар баробари баррасии проблемаҳои рӯзмарраи психиатрӣ, О. Виггинс ва М. Швартс (ИМА) ба чунин хулоса меоянд, ки дар айни замон «дар соҳаи психиатрӣ консепсияи ягонаи солимии руҳӣ ҷой надорад, яъне, мафҳуме, ки чӣ будани онро муайян мекунад» [161]. Бинобар ин, баъзе аз муҳаққиқони илми тиб бар он назаранд, ки «илм наметавонад мафҳуми бемории руҳӣ ва солимии руҳиро муайян кунад» [104, с. 40].

Оид ба солимии руҳӣ, муқаррарӣ (меъёр) ва ғайримуқаррарӣ (аномалӣ), Б.С. Братус зикр менамояд: «Ин масъалаҳо умуман ҳалли ниҳоӣ надоранд, зеро онҳо бештар ба категорияи «абадӣ» тааллуқ доранд». Мисли ҳама чизи ҷовидонӣ, онҳо ҳар вақт рӯзмарра ҳастанд, аммо ба ҳар ҳол, давраҳое ҳастанд, ки онҳо махсусан муҳим мешаванд [55, с. 4].

Дар робита ба ин, бояд бо пешниҳоди Н.Г. Иванов дар бораи зарурати ҷудо кардани «тартиби сезинагии хусусиятҳои равонӣ: меъёр, патология ва аномалия» [254, с. 220] розӣ шуд. Дар ин хусус, аз тарафи Н.Г. Иванов мафҳуми ин се хусусиятҳои руҳии шахс шарҳ дода шудаанд: «Меъёр чунин ҳолати низоме мебошад, ки он ҳамчун миёна дар байни зиёдатӣ ва норасоӣ тавсиф мегардад. Аномалия (ғайримуқаррарӣ – Ҳ.С.Ҳ.) чунин тафриқа дар бораи ин миқдор аст, ки метавонад тавозунро вайрон кунад, аммо аз ҳадди патология нагузарад. Патология баръакси меъёр аст, ки онро ҳамчун як навъ таназзул тавсиф кардан мумкин аст». Бо дарназардошти чунин дидгоҳ дар бораи таносуби меъёр, аномалия ва патология, зикр намуданро мувофиқ мешуморем. Азбаски аномалия ин дуршавӣ аз меъёр буда, метавонад номувозинатро ба вуҷуд орад, онро низ мисли патология, баръакси меъёр баррасӣ кардан лозим аст. Аммо, набояд аномалияро бо патология дар як радиф қарор дод, зеро аномалия дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун мукаллафии маҳдуд ва патология ҳамчун номукаллаф муқаррар гардидааст. Мукаллафи маҳдуд ҷузъи мукаллафӣ эътироф гардида, ба номукаллафӣ иртиботе надорад.

Ҳамин тавр, маҳаки тиббии мукаллафӣ ин ҳолати солимии руҳии шахс буда, дар худ дараҷаи меъёрӣ (муқаррарӣ) ва аномалиро (ғайримуқаррарӣ – мукаллафии маҳдуд) дорост. Дараҷаи патологӣ дар ҳама ҳолатҳои илми тиб беморӣ эътироф мегардад. Дар хулосаҳои экспертизаи судӣ-психиатрӣ, ки ҳангоми омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ мушоҳида гардид, ҳангоми эътирофи (пешниҳоди) шахс ҳамчун мукаллаф, ҷой надоштани ин ё он намудҳои бемории руҳӣ дарҷ шудааст [294; 295; 296].

Аз мазмуни маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббии мукаллафӣ зарур дониста мешавад, ки мафҳуми он чунин эътироф гардад: «Шахси воқеие, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят хусусияти воқеии ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк ва онро идора карда метавонад, мукаллаф эътироф мешавад». Қобили қабул мешуморем, ки дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ ин мафҳум ифода гардад.

Вобаста ба ақида, пешниҳод ва хулосаҳои олимони соҳа дар баррасии масъалаи мукаллафӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят, чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

1. Мукаллафӣ аломати ҳуқуқии субъекти ҷиноят эътироф гардида, ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, ба асос гирифта мешавад, яъне, мукаллафӣ асоси ҳуқуқии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷинояткор мебошад.

2. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии шахс дар хусусияти воқеии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнокро дарк кардан ва онҳоро идора карда тавонистани шахс ифода мегардад.

3. Асоснок мешуморем, ки дар мукаллафӣ «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори барои ҷамъият хавфнок» ҳамчун нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии он ворид карда шавад.

4. Бо дарназардошти «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори барои ҷамъият хавфнок» ҳамчун нишонаи зеҳнии маҳаки тиббии мукаллафӣ, зарур мешуморем, ки ба КҶ ҶТ тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

– қисмҳои 2) ва 3) моддаи 27 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

2) «Ҷиноят бо қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад».

3) «Ҷиноят бо қасди бавосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда, фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ дода бошад, ё ба онҳо беэътиноёна муносибат карда бошад».

– қисми 1) моддаи 31 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

1) «Кирдор бегуноҳ содиршуда эътироф мешавад, агар шахси содирнамудаи он хавфнокии ҷамъиятӣ ва зиддиҳуқуқии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк накарда бошад ва вобаста ба ҳолатҳои кор намебоист ё наметавонист онҳоро дарк кунад ё имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ накарда бошад ва вобаста ба ҳолатҳои кор намебоист ва наметавонист онро пешбинӣ кунад».

– Моддаи 22(2) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи 22(2) Мукаллафӣ.

Шахси воқеие, ки дар вақти содир намудани ҷиноят хусусияти воқеии ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк ва онро идора карда метавонад, мукаллаф эътироф мешавад.».

2.2. Мушаххас намудани мафҳуми «мукаллафии маҳдуд»: мавқеъ ва аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятии он

Дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани меъёри вобаста ба мукаллафии маҳдуд натиҷаи баҳсҳои тӯлонии илмӣ мебошад, ки асосан дар атрофи масъалаҳои татбиқи ин навоварии ҳуқуқӣ сурат гирифтааст. Институти ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд яке аз мавзуъҳои душвор ва камомӯхташуда ё мушкиломӯхташаванда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб

рафта, хулосаи умумиэътирофшуда надорад. Масъалаи мукаллафии маҳдуд дар даврахои гуногун то ҳадде кам таҳқиқ шудааст, ки ҳуқуқшиносон бештар ба дастовардҳои рушди босуръати психиатрияи судӣ дар ин самт такя менамуданд. Дар шароити кунунӣ низ муносибати тиббӣ ба ин масъала, дар маҷмуъ, ҳифз гардидааст.

Татбиқи консепсияи мукаллафи маҳдуд дар амал аксар вақт мушкилот эҷод мекунад. Онҳо бо набудани тасаввуроти дақиқ дар бораи он, ки кадом бемориҳои руҳӣ мукаллафиро маҳдуд мекунанд, бидуни пурра истисно кардани он, инчунин, давомнокӣ ва дараҷаи маҳдудияти он алоқаманданд.

Мувофиқи моддаи 17-и КҶ ҶШСФР соли 1922: «Аз ҷазо он шахсоне озод мебошанд, ки ҷиноятро дар ҳолати бемории доимии руҳӣ ё парешонҳолии муваққатии руҳӣ, ё умуман дар чунин ҳолате содир кардаанд, ки натавонистаанд маънои кирдорҳои худро дарк намоянд…». Агар суд ба хулоса ояд, ки будани чунин шахс дар озодӣ барои ҷомеа хатарнок аст, тибқи моддаи 47 нисбати ӯ қарор дар бораи ҷойгиркунии маҷбурӣ дар «муассисаи махсус барои ашхоси дорои нуқсонҳои руҳӣ ё ахлоқӣ» ё муассисаи тиббӣ қабул карда мешавад. Илова бар ин, мувофиқи моддаи 50 КҶ имкони ҳамзамон бо ҷазо татбиқ намудани чораҳои зарурии муҳофизати иҷтимоӣ низ пешбинӣ намудааст.

Масъалаи мукаллафии маҳдуд дар қонунгузорӣ ба таври возеҳ инъикос наёфта, баҳсҳои илмиро ба вуҷуд овард.

Ҳамин тавр, М.М. Исаев бар он назар буд, ки моддаи 17 Кодекси ҷиноятии соли 1922 ҳолатҳои шахсони мукаллафи маҳдудро дар бар мегирад ва мутобиқи моддаи 47, нисбати ин гурӯҳи шахсон танҳо чораҳои муҳофизати иҷтимоӣ, аз ҷумла, ҷойгиркунӣ дар муассисаҳо барои шахсони дорои бемориҳои руҳӣ ё табобати маҷбурӣ, татбиқ гарданд [211, с. 60].

А.А. Жижиленко бар ин ақида буд, ки моддаи 17 ҳолатҳои мукаллафии маҳдудро фаро намегирад, аммо имкони сабук кардани ҷазо барои чунин шахсонро бо истинод ба б. «д» моддаи 25 КҶ дуруст мешуморид. Ин меъёр муқаррар менамуд, ки ҳангоми таъйини ҷазо бояд муайян карда шавад, ки оё

шахс «пурра аз ба ҷамъият хавфнок будани кирдораш огоҳ» будааст ё ҷиноятро «аз сабаби нодонӣ ва беогоҳӣ» содир кардааст [169, с. 46]. В.С. Трахтеров бар он таъкид дошт, ки ҳуқуқ ба сабук намудани ҷазо аз сабаби шабоҳати ҳолати заъфи қобилиятҳои руҳии шахсони «мукаллафи маҳдуд» ба ҳолатҳое ба миён меояд, ки қонун барои онҳо сабукшавии ҷазоро пешбинӣ кардааст. Аз ҷумла, моддаи 25 («нодонӣ ва беогоҳӣ», «тезҳисобӣ»), моддаи 202 («ноогоҳии ошкоро»), моддаи 144 («ҳаяҷони сахти руҳӣ») ва дигар ҳолатҳо [212, с. 54].

Ҳамзамон, назари дигаре низ вуҷуд дошт, ки мувофиқи он моддаи 17 КҶ ин гурӯҳи шахсонро дар бар намегирифт ва сабук кардани ҷазо барои онҳо асос надошт. Ин мавқеъ бо истинод ба моддаи 24 КҶ асоснок мешуд, ки тибқи он «ҳангоми таъйини ҷазо дараҷаи хавфнокии ҷинояткор ба назар гирифта мешавад» [212, с. 55].

Тавре мушоҳида гардид, набудани ҳалли қонунгузорӣ дар ин масъала боиси баҳси навбатӣ дар бораи имкон ё набудани сабуккунии ҷазо ва роҳҳои татбиқи табобати маҷбурӣ нисбати шахсони дорои «бемориҳои руҳӣ» гардид. Бо вуҷуди ин, муассисаҳо барои ашхоси дорои бемориҳои руҳӣ ва ахлоқӣ таъсис дода нашуданд ва қонунгузории минбаъдаи шуравӣ дигар чунин чораро дар бар нагирифт.

Оғоз аз соли 1960 нуқтаи назар ба гунаҳгоркунии субъективӣ тағйир меёбад. Дар Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 бори аввал мафҳуми «номукаллафӣ» (м. 11) ворид карда шуд, ки матни он дар шакли каме тағйирёфта дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 муқаррар карда шуд.

Мақсадҳои ҷазо дар м. 20 КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 муайян гардиданд: ҷазо на фақат сазои ҷинояти содиршуда мебошад, балки, мақсади ҷазо низ он аст, ки маҳкумшудагонро дар руҳияи муносибати софдилона ба меҳнат, айнан иҷро намудани қонунҳо, ҳурмат намудани қоидаҳои зиндагии умумии сотсиалистӣ, ислоҳ ва аз нав тарбия кунад, инчунин, ҷиноятҳои нав содир кардани чи маҳкумшудагон ва чи шахсони дигарро пешгирӣ кунад.

Илова бар ин, дар боби алоҳида, чораҳои маҷбурие, ки хусусияти тиббӣ доранд дар м. 55 муқаррар шуданд.

Мафҳуми «мукаллафии маҳдуд» дар КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 ҳанӯз муқаррар нагардид, аммо нуқтаи назари олимон оид ба он иброз мешуданд.

Соли 1965 Д.Р. Лунтс дар Институти умумииттифоқии омӯзиши сабабҳо ва таҳияи тадбирҳои пешгирии ҷиноятқорӣ бо маърузае дар мавзуи баҳодиҳии судӣ-психиатрии аномалияҳои руҳӣ баромад намуд. Дар натиҷаи ин баромад дар миёни олимон нуқтаи назари ягона вуҷуд надошт: Гурӯҳи аввал (В.И. Каминская, В.П. Божев) ҷонибдори дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани мафҳуми «мукаллафии маҳдуд» буданд. Ба андешаи онҳо, ин иқдом имкон медод, ки ба таъйини ҷазо нисбати чунин шахсон муносибати дуруст амалӣ гардад, дар ҳоле ки ташхис бояд бар асоси меъёрҳои қатъии клиникӣ гузаронида шавад. Гурӯҳи дуюм (Г.В. Морозов, В.Н. Кудрявтсев) ба мушкилоти норавшанӣ мафҳуми «мукаллафии маҳдуд», набудани маҳаки ҳуқуқии он ишора карданд, ки набудани нуқтаи назари дақиқ эҳтимоли татбиқи он ба ҳар як шахси солим ҷой дорад. Бо вуҷуди ин, аксарият зарурати омӯзиши парешонҳолии руҳиро, ки мукаллафиро истисно намекунанд, эътироф карданд. Ба андешаи онҳо, чунин таҳқиқот имкон медиҳад, ки шахсияти ҷиноятқор ва фардикунонии ҷазо дуруст муқаррар карда шавад ва тадбирҳои таъсиррасонӣ дар муассисаҳои иҷрои ҷазо дуруст интихоб карда шаванд [256, с. 42].

Соли 1966 С.Ф. Семёнов – ҷонибдори дар сатҳи қонунгузорӣ танзим шудани масоили марбут ба «мукаллафии маҳдуд», зикр намуд, ки «ҳамаи баҳсҳо дар бораи иллатнокии ин мафҳум танҳо ноқисии шарҳ ва татбиқи онро нишон медиҳанд» ва набояд падидаҳои воқеиятро бо инъикоси ин падидаҳо дар мафҳумҳо омехта кард. Ба гуфтаи ӯ, ин категория «сатҳи воқеан пасти дарк кардан ва имкони идора кардани кирдори шахсро инъикос мекунад» ва, дар ҳамин замина, ӯ бори аввал мафҳуми «мукаллафи маҳдуд»-ро истифода кард [205, с. 1270-1271].

Далелҳои асосии муқобилони дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардидани мукаллафии маҳдуд, асосан далелҳои дар марҳилаҳои гузаштаи таърихӣ баёншударо такрор мекарданд: 1) тақсим нашудани мукаллафӣ ва гунаҳгорӣ: «мукаллафӣ нисбат ба кирдор ё вуҷуд дорад ё нест» (П.С. Дагел) [62, с. 88]; 2) норавшанӣ, душворӣ дар муқаррар намудани маҳакҳои мушаххас: «ба институти мукаллафӣ «фишурдан» ҳамаи тафсирҳои имконпазири аномалияҳои руҳӣ лозим нест» (Р.И. Михеев) [95, с. 90]; 3) имконияти сабук гардидани ҷазо барои ҷиноятқорони барои ҷамъият хавфноктар, ки сазовори ҷазои сахттар мебошанд (Р.И. Михеев, А.В. Михеева) [191, с. 50-51].

Далелҳои қайдшуда як қатор мушкилотро ба миён гузоштанд: таносуби категорияҳои ҳуқуқии ҷиноятии мукаллафӣ ва номукаллафӣ бо ҳолати руҳӣ, ки асоси онҳоро ташкил медиҳанд; таносуби мукаллафӣ ва гуноҳ; муайян кардани маҳаки тиббӣ ва ҳуқуқӣ; ҳалли масъалаи имконияти сабук кардани ҷазо нисбати мукаллафони маҳдуд.

Аз солҳои 60-ум ин ҷониб асарҳои илмӣ пайдо шуданд, ки ба ҳалли масъалаҳои зикршуда нигаронида шудаанд. Ғайр аз ин, ҳангоми интихоби усулҳои гуногун, баъзе муаллифон истилоҳоти худро пешниҳод карданд: 1) мукаллафи маҳдуд (С.Ф. Семёнов, 1966; Ю.С. Богомягков, 1980); 2) мукаллафи ҳудудӣ (марзӣ, сарҳадӣ) (Н.И. Фелинская, 1982; Ю.М. Антонян, С.В. Бородин, 1987); 3) қисман мукаллаф (С.В. Полубинская, 1985); 4) мукаллафи нопурра (каме баъдтар таъкид шудааст – Г.В. Назаренко, 2002) [256, с. 43].

Бо пешниҳоди ин ё он истилоҳ, аксар муаллифон ба фаҳмиши категорияи ҳуқуқии баррасишаванда, муайян кардани моҳияти он ва табиати моддӣ-ҳуқуқӣ ба таври гуногун муносибат мекунанд. Ҳамин тавр, мафҳумҳои илмӣ пайдо мешаванд, ки барои ҳалли масъалаҳо равишҳои гуногунро пешниҳод мекунанд, аз ҷумла: 1) таносуби мукаллафӣ, номукаллафӣ ва мукаллафии маҳдуд; 2) муайян кардани мафҳум; 3) тавсифи маҳаки тиббӣ ва маҳаки ҳуқуқӣ; 4) таносуби парешонҳолии руҳӣ бо гуноҳ, ба

назар гирифтани парешонҳолии руҳӣ ҳангоми таъйин кардани ҷазо; 5) якҷоя кардани чораҳои маҷбурии хусусияти тиббӣ бо адои ҷазо.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX қонунгузор имконият дошт, ки назари мавҷудбударо дар бораи мушкилоти қонунгузории категорияи ҳуқуқии баррасишаванда ҷамъбаст ва таҳлил кунад.

Дар Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС соли 1991 (бо сабаби пошхӯрии ИҶШС эътибор пайдо накард) категорияи ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд аввалин таҷассуми қонунгузориро дар м. 15 «Мукаллафии маҳдуд» муқаррар кард: «Шахсе, ки ҳангоми содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок дар ҳолати мукаллафии маҳдуд қарор дошт, яъне, наметавонад аҳаммияти кирдорҳои худро пурра дарк кунад ё онҳоро бо сабаби бемории парешонҳолии руҳӣ роҳбарӣ кунад, бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад». «Ҳолати мукаллафии маҳдуд метавонад ҳангоми таъйин кардани ҷазо ба назар гирифта шавад ва барои истифодаи чораҳои маҷбурии хусусияти тиббӣ асос гардад».

Баъдан, мафҳуми мукаллафии маҳдуд бо фарогирии мазмуни дар м. 15 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС соли 1991, дар м. 25 КҶ ҶТ соли 1998 мустаҳкам гардид.

Таҳқиқоти муосир бар он назар аст, ки масоили мукаллафии маҳдуд, нисбат ба он вазъе, ки дар таърихи наздик (асри XX) ҷой дошт, на он қадар мушкилҳалшавандаанд. Ин мафҳум низ дигар он қадар норавшан ва тӯлкашанда нест, ки қаблан ҳисоб мешуд. Дар илми психиатрияи судӣ меъёрҳои дақиқтари клиникӣ ва ташхисии намудҳои гуногуни беморихои руҳӣ таҳия мегарданд. Истифодаи таснифоти байналмилалии беморихо (ТББ-МКБ)-10 ва лоиҳаҳои таҷдиди минбаъдаи он имконият медиҳанд, ки усулҳои ягонаи методӣ таъмин ва натиҷаҳои дастовардҳои илмӣ дар сатҳи байналмилалӣ муқоиса карда шаванд. Саҳв ва сӯиистифода аз тарафи ҳуқуқтатбиққунандагон ҳангоми таъйини ҷазо нисбати шахсоне, ки ба парешонҳолии муваққатии руҳӣ гирифтор нестанд, ба назар мерасид [49, с. 218-219].

Дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд барои татбиқи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гирифтори парешонҳолии руҳӣ дуруст ба роҳ монда шавад [103, с. 213; 177, с. 110].

Мақсади дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мафҳуми «мукаллафии маҳдуд» – дар баробари муайян кардани мазмун, моҳият ва маҳакҳои он, равшан мегардад.

Дар замони муосир як қатор давлатҳо, аз ҷумла, Куба, Ҷумҳурии Халқии Хитой соли 1979, Олмон, Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея, Муғулистон мукаллафии маҳдудро дар сатҳи қонунгузории ҷиноятии худ мустаҳкам намудаанд. Қонунгузории ҷиноятии Чехия мукаллафии маҳдуд бо номукаллаф баробар донистааст [265, с. 54-55].

Ҳамин тавр, КҶ ҶТ соли 1998 бори аввал мафҳуми «мукаллафии маҳдуд»-ро ба низоми ҳуқуқии ҷиноятии худ ворид намуд. Тибқи муқаррароти қ. 1 м. 25 КҶ ҶТ мукаллафии маҳдуд – шахси мукаллафе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бар асари парешонҳолии руҳӣ наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд. Дар баробари ин, тибқи муқаррароти қ. 2 моддаи зикргардида, ҳолати мукаллафии маҳдуд ҳангоми таъйини ҷазо ба назар гирифта шуда, барои таъйин намудани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ асос шуда метавонад

Аз матни қонунгузории ҷиноятӣ дақиқан бармеояд, ки мафҳуми воридгардида то чи андоза мукаллафии маҳдуд мебошад ё як категорияи мустақил ба ҳисоб меравад. Саволи муҳим ин аст, ки чӣ гуна ҳангоми фардикунонии ҷазо бояд парешонҳолии руҳие ба ҳисоб гирифта шавад, ки ба меъёрҳои м. 25 КҶ ҶТ мутобиқат дорад?

Масъалаи баҳодиҳии ҳуқуқии ҷиноятии парешонҳолии рӯҳӣ, ки худ аз худ мукаллафиро истисно намекунад, нисбат ба шахсоне, ки кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок содир намудаанд, ба доираи масъалаҳои мураккаби байнисоҳавӣ мансуб мебошад. Ҳалли ин масъала ҳамгироии дониш ва

усулҳои илми психиатрия, психология ва ҳуқуқро таҳозо менамояд. Дар доираи ин мафҳум, парешонҳолии рӯҳӣ чунин ҳолат арзёбӣ мегардад, ки дар он қобилияти шахс ҷиҳати дарк намудани хусусият ва дараҷаи хавфнокии иҷтимоии кирдори содирнамуда ё идора кардани рафтори худ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст.

Ин ҳолат дар натиҷаи парешонҳолиҳо ва инҳирофоти равоние ба миён меояд, ки, дар айни замон, имкон медиҳанд шахс ҳамчун мукаллаф эътироф гардад. Ҳангоми баррасии парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, Н.Н. Белокобилский, Е.Ю. Комиссарова онро бо категорияи «мукаллафи маҳдуд» алоқаманд мекунанд, яъне, онро қодир набудани шахс барои пурра идора кардан ва дарк кардани хусусияти кирдори худ мефаҳманд. Ҳамчунин, зикр намудаанд, ки «дар ин ҳолат ҷиноятқор мукаллаф аст» [157, с. 156-157].

Мафҳуми «парешонҳолии руҳӣ», ки дар заминаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди назар қарор мегирад, чунин ҳолати махсуси шахс фаҳмида мешавад, ки қобилияти ӯ барои дарк намудани хусусияти иҷтимоӣ ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиркарда, инчунин, барои идора ва назорат кардани рафтори худ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат дар шароите ба миён меояд, ки шахс аз як қатор парешонҳолиҳои равонӣ ранҷ мебарад, ки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба сатҳи зеҳн ва ирода ба таври комил қобилияти ҳуқуқии ӯро истисно намесозанд. Ба ибораи дигар, чунин шахс дар маънои ҳуқуқӣ мукаллаф эътироф мегардад, аммо сатҳи маҳдудияти қобилияти зеҳнӣ ва иродаи ӯ бояд ҳамчун омили дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ дар муайянсозии андозаи ҷавобгарӣ ва интихоби чораҳои ҷазо ба назар гирифта шавад. Фаҳмотар ишора намоем, КҶ ҶТ ҷавобгариро барои шахсони дорои парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, муқаррар кардааст.

Бо дарназардошти мукаллафӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқии ҷиноятӣ, вобаста ба таносуби мукаллафӣ ва мукаллафии маҳдуд савол гузошта мешавад, ки мушаххас намудани он ба мақсад мувофиқ аст.

Мукаллафии маҳдуд аз рӯйи маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ муқаррар карда мешавад.

Мавҷудияти парешонҳолии руҳӣ ҳанӯз имкон намедиҳад, ки дар бораи мукаллафии маҳдуд сухан ронем. Барои ин, маҳаки ҳуқуқӣ бояд муқаррар карда шавад, яъне, қобилияти нопурраи шахс дар дарки кирдори барои ҷамъият хавфноки худ ва идора кардани кирдори барои ҷамъият хавфноки худ.

Дар адабиёти илмӣ ва таҷриба масъалаи маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд мушкилиҳои ба худ хос дошта, атрофи он нуқтаи назари гуногун иброз гардидаанд. «Аксар олимон нуқтаи назари худро дуруст баён мекунанд, ки дар он муқаррароти қонунгузор ба таври зерин баён шудааст: наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк кунад ё онҳоро идора кунад». Он имкони тафсирҳои гуногунро фароҳам меорад ва хусусияти норавшанро доро мебошад. Дар фазои илмӣ ва таҷриба тасаввуроти ягонаи устувор ҷой надорад: кадом меъёрро «пурра» ва кадомеро «нопурра» эътироф бояд кард, ки ба татбиқи дурусти м. 25 КҶ ҶТ боис гардад. Чунин муқаррароти қонунгузорӣ қонеъкунанда намебошад, ки дар натиҷа «мушкилии муқаррар намудани маҳз ҳамон меъёре, ки субъекти ҷиноятро мукаллафи маҳдуд эътироф мекунад» [156, с. 112], ба миён меорад.

Барои дарки дурусти сохтори мазкури қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, зарур аст маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд муайян карда шавад, ҳамчунин мазмуни мафҳуми «пурра» дар дарки хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии амал ё беамалӣ, инчунин қобилияти дарк намудани онҳо равшан гардад. Албатта, муайян намудани ин категорияи баҳогузорӣ ба таври комил ва мутлақ ғайриимкон аст, аммо имкон вуҷуд дорад, ки он то ҳадди имкон мушаххас гардонда шуда, доира, ҳудуд ва нишондиҳандаҳои асосии фаҳмиши он муайян карда шаванд.

Мукаллафи маҳдуд бояд як навъ мукаллафе фаҳмида шавад, ки дар он бинобар парешонҳолии руҳии шахс қобилияти ӯ ба дарк намудани ва ирода

дар кирдори худ ҳангоми содир кардани ҷиноят ба таври назаррас паст (маҳдуд) шудааст. Танҳо дар чунин ҳолат мукаллафи маҳдуд барои ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммият дорад (аз ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани он ҳангоми принсипи фардикунонии ҷазо). Аз ин рӯ, ифодаи «наметавонист ба пуррагӣ» ки дар қ. 1 м. 25 КҶ ҶТ оварда шудааст, танҳо дар ҳолате ки қобилияти шахс ба дарк намудан ва ирода дар кирдори худ ба таври назаррас паст (маҳдуд) шуда бошад, барои таъйини ҷазо аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад. Дар КҶ ҶТ мукаллафии маҳдуд ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо муқаррар нагардидааст, вале бо дарназардошти қ. 3 м. 61 КҶ ҶТ мумкин аст ҳангоми таъйини ҷазои ҷиноятӣ суд онро ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба назар гирад. Вобаста ба ин, В.Н. Бурлаков ва Н.Д. Гомонов дуруст таъкид мекунанд, ки «лозим аст хусусиятҳо ва ҳолатҳои шахсияти гунаҳгорро ба назар гирифт, ки барои фардикунонии ҷазо аҳаммияти хос доранд» [160, с. 157-158].

Вобаста ба этибор гирифтани мукаллафии маҳдуд, мо ҷонибдори он ҳастем, ки минбаъд чун ҳозира махсус дар м. 25 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо мустаҳкам карда нашавад, зеро ин ҳолат аз имконияти сӯиистифода онро дур намесозад.

«Бо муайян намудани мафҳуми «наметавонист пурра», мумкин аст хусусиятҳои ҷузъии нишонаҳои зеҳнӣ ва иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд шарҳ дода шаванд. Нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии мукаллафи маҳдуд дар «дар вақти содир намудани ҷиноят наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд» ифода мегардад. Дар аксарияти сарчашмаҳои ҳуқуқӣ муаллифон бо ифодаи ин мазмун дар шаклҳои гуногун қарор дошта, барои ба таври зарурӣ муайян ва ошкор намудани мазмун ва моҳияти он диққат надодаанд» [72, с. 286-287; 73, с. 38].

Дар адабиёти психиатрияи судӣ ба хусусияти маҳаки ҳуқуқии мукаллафи маҳдуд диққати бештар дода шудааст. Ҳамин тавр, ба ақидаи «И.А. Кудрявтсев, ифодаи «наметавонист пурра дарк намояд» ба «хусусияти

воқеии ҳаракати (беҳаракатии) худ» хос буда, маънои нопурра (нокифоя) тасаввур намудани воқеияти вазъияти муҳит, ҳолат, моҳияти объективии кирдори худ, маҳдудияти таҷассуми руҳии мазмуни асосии рафтори худ (аз ҷумла, ҷанбаҳои технологӣ, меъёрӣ ва ахлоқию маънавӣ)-ро дорад. Доир ба «хавфи ҷамъиятии худ», ин маънои нопурра (нокифоя) тасаввур намудани воқеияти мазмуни объективӣ ва ҳуқуқии кирдори худ, норасоии баҳодиҳии мазмунӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ, маҳдудияти қобилияти пешгӯии оқибатҳои манфии иҷтимоӣ дар вазъияти интихоби рафтор, дар раванди ташаккул ва амалӣ гардидани нияти ҷиноятиро дорад» [69, с. 111-112]. Чунин нуқтаи назар, аз мафҳуми «ба ҷамъият хавфнокӣ», ҳамчун аломати ҷиноят, сарчашма мегирад.

Бо шарҳи нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии мукаллафи маҳдуд, ки И.А. Кудрявтсев иброз кардааст, ҳамфикр буда, илова намудани якчанд ҳолатҳои дигарро лоиқ мешуморем:

1. Дарки нопурра нисбат ба «ба ҷамъият хавфнокӣ» сатҳи баландтари самти руҳиро дар бар мегирад ва ба андозаи мафҳуми «хусусияти воқеии кирдор» он қадар аниқ нест, зеро он дарки нопурраро на танҳо нисбат ба аҳаммияти объективии кирдорҳои худ, балки, ҳамчунин, нисбат ба маънои иҷтимоии онҳо, робитаҳои иҷтимоӣ ва заминаи ҷамъиятии кирдор дар назар дорад.

2. Дарки нопурраи шахс нисбат ба «хусусияти воқеии кирдори худ» ногузир боис мегардад, ки дарки ӯ нисбат ба «хавфнокии ҷамъиятии ин кирдорҳо» низ маҳдуд шавад. Агар ба ин масъала аз дидгоҳи назарияи сабабият назар кунем, коҳиш ёфтани қобилияти дарк намудани аҳаммияти объективии кирдори содиргардида ҳамчун сабаб, ба халалдор шудани пайванди ибтидоии сабабӣ меорад, ки дар натиҷа дарки оқибатҳои иҷтимоии кирдори худ низ ба таври назаррас маҳдуд мегардад. Ба ибораи дигар, маҳдуд шудани дарки хусусияти воқеии кирдор боиси маҳдуд гардидани дарки ба ҷамъият хавфнокии он ҳамчун натиҷа мегардад.

Г.В. Назаренко зикр менамояд, ки «мукаллафӣ ду дараҷаро доро мебошад: пурра ва нопурра». Нопурраро ӯ ба «мукаллафии маҳдуд» истифода мебарад [265, с. 104] ва ифодакунандаи ба таври назаррас паст гардидани қобилияти дарк кардани моҳияти кирдорҳои худ ва идора кардани он мебошад.

С.В. Бородин зикр менамояд, ки дар меъёри қонунгузорӣ оид ба мукаллафии маҳдуд «сухан на танҳо оид ба дараҷаи парешонҳолии руҳӣ, инчунин, дараҷаи таъсири ин парешонҳолӣ ба кирдори ҷиноятӣ меравад» [110, с. 33].

Дар назар дошта мешавад, ки оид ба муқаррар намудани маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд, нуқтаи назари психологии он муҳим мебошад. Психологон нуқтаи назари худро иброз менамоянд, ки муаммои мукаллафии маҳдуд сирф хусусияти ҳуқуқӣ ва психиатрӣ мебошад, вале бе ҷалби далелҳои психологӣ ғайриимкон аст [121, с. 168]. Таъсири парешонҳолии руҳӣ ба ҳолати руҳии шахсоне, ки кирдорҳои аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ манъшударо содир намуда, вале ҳамчун мукаллаф эътироф шудаанд, метавонад гуногун бошад: дар чунин ашхос мумкин аст оғози ҳиссиёт, устувории эҳсосот ва қобилияти худидоракунии бошуурона тағйир ёбанд; ҳамчунин, метавонанд хусусиятҳои шахсиятӣ, мисли набудани ҳамдардӣ, майл ба худбарангехтан ва дигар аломатҳо, шиддат гиранд. Ҳангоми содир намудани кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, дар онҳо метавонад аломатҳои раҳоии ҳавасҳо, зиёдшавии таъсирпазирӣ, вайроншавии хислат ва дигар зуҳурот ба мушоҳида расанд, ки ин ҳама ба қобилияти пурра дарк намудани хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии кирдор, идора кардани кирдор ва нигоҳ доштани худидоракунӣ таъсир мерасонад. Бисёре аз чунин шахсон сатҳи пасти донишҳои умумӣ, камбуд ва сода будани манфиатҳо, норасоии меъёрҳои ахлоқӣ ва нотакмилёбии тафаккур доранд. Бо вуҷуди ин, чунин сатҳи пасти фаъолияти руҳӣ бо қобилияти кофии арзёбии интиқодии кирдор, дарки пурраи зиддиҳуқуқӣ ва сазовори ҷазо будани онро аз даст намедиҳад. Аҳаммияти парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, дар он

аст, ки он ба кирдорҳои мушаххаси ба ҷомеа хавфнок алоқаманд аст. Бояд муайян кард, ки оё ва чӣ гуна ба омодагӣ, қабул ва татбиқи қарор дар бораи ҷиноят парешонҳолиҳои руҳӣ таъсир мерасонанд, ки хусусият ва шиддати онҳо барои эътироф кардан ҳамчун номукаллаф кофӣ нест [119, с. 61].

Нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд дар он ифода мегардад, ки иродаи шахс ба ҳадде парешон мешавад, ки дар ин маврид ӯ наметавонад рафтори худро ба ҳадди пурра идора намояд. Ба андешаи И.А. Кудрявтсев, ин ҳолат ба он ишора мекунад, ки шахс ҳангоми интихоби роҳҳои расидан ба мақсадҳо – кофӣ ва огоҳона амал намекунад, назорати муътадили худро ҳангоми татбиқи онҳо аз даст медиҳад, вазъиятро дуруст баҳо дода наметавонад ва таъсирҳои зарурии худидоракуниро пурра татбиқ намесозад [69, с. 111-112].

Ҳамзамон, баъзе муҳаққиқон ибрози назар мекунанд, ки нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд метавонад ҳатто дар набудани нишонаи зеҳнӣ низ зоҳир гардад [73, с. 38]. Тавре ки В.Х. Кандинский таъкид кардааст, интихоби озод танҳо дар ҳолате имкон дорад, ки инсон озодии андеша ва баҳо доданро дошта бошад, аммо доштани озодии андеша ва баҳо додан ҳанӯз маънои доштани озодии интихобро надорад [115, с. 135]. Баъзан ҳолатҳое ҷой доранд, ки зеҳн қобилияти «дарк кардани кирдори худро» нигоҳ медорад, вале имкони боздоштан аз анҷом додани кирдор коҳиш меёбад. Ин бештар дар ҳолатҳои бемориҳои шахсият, пиромания (майли беморона ба оташзанӣ), клептомания (майли идоранашаванда ба дуздӣ), лудомания (қиморбозии беморона) ва дромомания [107, с. 23] (майли беморона ба гурехтан ё сафарҳои беасос) дида мешавад, ки дар ин маврид на нуқс дар шуур, балки, нуқс дар эҳсосот вуҷуд дорад.

Нуқтаи назареро во хӯрдан мумкин аст, ки тибқи он мукаллафии маҳдуд танҳо нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқиро доро мебошад. Гарчанде ин андеша то дараҷае қонеъкунанда набошад ҳам, бояд таъкид кард, ки нишонаи иродавӣ мазмуни асосии маҳаки ҳуқуқии мукаллафи маҳдудро ташкил медиҳад, яъне, пурра мекунад ва мазмуни онро надорад, ки бе ҷой доштани

нишонаи зеҳнӣ мукаллафиро маҳдуд созад. Мисол, А.В. Вилкова ва Б.А. Спасенников иброз мекунанд, ки дар бештари ҳолатҳо «чунин шахсон пурра хусусияти воқеии кирдори худро дарк мекунанд, вале ба ҳадди пурра оқибати ба ҷамъият хавфнокии онро дарк карда наметавонанд» [162, с. 31]. Воқеан чунин ҳолатҳо дар таҷриба зиёд ба назар мерасанд. Мисол, шахсони дорои парешонҳолии афзалиятҳои ҷинсӣ (педофилия) комилан дарк мекунанд, ки бо шахси хурдсол алоқаи ҷинсӣ доранд, вале аксаран наметавонанд пурра хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорро дарк кунанд: гумон мекунанд, ки ба инкишофёбии руҳӣ ва ҷисмонии хурдсол зарар намерасонанд ва эътироф мекунанд, ки хурдсолон худ мехоҳанд дар муносибати шаҳвонӣ иштирок кунанд ё ин кирдорро ифодаи меҳрубонӣ нисбати онҳо меҳисобанд [165, с. 38; 287]. Ба назари мо, дар чунин ҳолат ҳарчанд ки нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд ҷой дошта бошад ҳам, яъне, ба пуррагӣ ба ҷамъият хавфнокии кирдорро дарк накунад ҳам, вале, аз ҷиҳати зеҳнӣ пурра хусусияти воқеии кирдори худро дарк мекунад: бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни 16 нарасидааст, ҳаракати бадахлоқона, баччабозӣ, ҷимои зан бо зан ё дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонӣ мумкин нест.

Ҳамин тавр, маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд чунин эътироф мешавад, ки дар фарқ аз шахси мукаллаф шахс дар вақти содир намудани ҷиноят на он қадар метавонист хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд. Аз ин бармеояд, ки маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд мавқеи марказиро барои эътирофи он ишғол мекунад ва ҳангоми баҳо додан бояд муайян карда шавад, ки парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно мекунад, чи дараҷа ба кирдори ҷиноятӣ таъсир расонидааст. Яъне, ҳангоми баррасии масъалаи фарқгузории мукаллафи маҳдуд аз мукаллафӣ ва номукаллафӣ, бояд дар назар дошт, ки дар м. 25 КҶ ҶТ сухан дар бораи дараҷаи таъсири парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба рафтори ҷиноятӣ меравад:

наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд.

Маҳаки тиббии мукаллафи маҳдуд бо дарназардошти муқаррароти қ. 1 м. 25 КҶ ҶТ, дар ҷой доштани парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, ифода мегардад.

Байни олимон, аксаран кормандони соҳаи тиб – психиатрҳо оид ба маҳаки тиббии мукаллафи маҳдуд, нуқтаи назари мухталиф ҷой дорад. Ибрози ақидаҳои гуногун асосан оид ба шакли баёни м. 25 КҶ ҶТ нишон дода мешавад: «парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно намекунад».

Қайд мегардад, ки чунин шакли муқарраргардида ба ҳуқуқтатбиққунандагон имкон намедиҳад мафҳуми «парешонҳолии руҳӣ»-ро ягона шарҳ диҳанд. Онро мафҳуми «васеъ» эътироф мекунанд, ки дар худ ҳам ҳолати беморӣ, ҳам ҳолати ғайримеъёрӣ, «ва ҳам дар худ ҳама ҳолатҳои патологӣ (номукаллафӣ – Ҳ.С.Ҳ.)-ро» [99, с. 19] дорост.

Ҳамин тавр, профессор М.Ғ. Ғуломов зикр менамояд, ки «… вобастагии фаъолияти руҳӣ ва олами зоҳирӣ дар ашхоси мубталои бемории руҳӣ коставу таҳриф мегардад ё билкул рафъ мешавад» [61, с. 4]. Муаллиф дар умум ду маҳакҳои бемориҳои руҳиро бо истилоҳҳои «фаъолияти руҳӣ ва олами зоҳирӣ дар ашхоси руҳкасал коставу таҳриф мешардад» ва «фаъолияти руҳӣ ва олами зоҳирӣ дар ашхоси руҳкасал билкул рафъ мешавад» ҷудо намудааст. Ҳолати аввал ба мукаллафи маҳдуд хос буданаш мумкин аст, вале ҳолати дуюм танҳо хосси номукаллафӣ мебошад.

Бояд эътироф кард, ки дилхоҳ бемории ба фаъолияти муътадили руҳии субъект таъсиррасонанда ба сифати маҳаки тиббии мукаллафии маҳдуд баромад карда метавонад, агар дар ин ҳолат шахс на он қадар (ба ҳадди бояду шояд) хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк кунад ё онро идора намояд. Психиатрияи судии муосир барои ифодаи васеи вайроншавии (ихтилоли) дардмандонаи руҳӣ, истилоҳи «парешонҳолии руҳӣ»-ро истифода мебарад [64, с. 44]. Худи истилоҳе, ки дар матни м. 25 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ифодакунандаи он аст, ки

маҳаки тиббии мукаллафи маҳдудро маҳз парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ташкил медиҳад.

Истилоҳи «парешонҳолии руҳӣ» дурусттар ва ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқтар дар боби V (F) «Парешонҳолии руҳӣ ва парешонҳолии рафтор» ТББ-10 тасниф гардидаанд [82, с. 9].

Дар илм мафҳуми ягонаи умумиэътирофшудаи «парешонҳолии руҳӣ» ба назар намерасад. Тибқи адабиёти соҳаи психиатрия, «парешонҳолии руҳӣ» вайроншавии функсияҳои мағзи сар мебошад, ки дар шаклҳои вайроншавии фаъолияти руҳӣ ифода гардида, аксар вақт ба номувофиқатии иҷтимоӣ оварда мерасонад [105, с. 8]. Б. Спасенников зикр менамояд, ки ин вайроншавии фаъолияти мағзи сар буда, дар он вайроншавии инъикоси дақиқи ҷаҳони воқеӣ бо номуташаккилии рафтори хилофи муносибатҳои воқеӣ ба амал меояд [207, с. 49].

Дар ТББ-10 [4, с. 313-392], ин истилоҳ ҳамчун «як гурӯҳи нишонаҳо ё рафторҳое, ки ... боиси изтироб мешаванд ва ба фаъолияти шахсӣ халал мерасонанд», муайян карда шудааст.

Баъзе муаллифон хулоса баровардаанд, ки шакли муқарраргардидаи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба мукаллафии маҳдуд (дар м. 25 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст) пурра ба дараҷаи инкишофи муосири илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, психиатрия ва психология ҷавобгӯ буда, такмили иловагиро талаб намекунад. Ҳамин тавр, Н.В. Артеменко истилоҳи «парешонҳолии руҳӣ»-ро бо «бемории руҳӣ» ҳаммаъно дониста, вобаста ба пешниҳоди як қатор психиатрҳо, иброз менамояд, ки мазмуни м. 22 КҶ ФР (м. 25 КҶ ҶТ – Ҳ.С.Ҳ.) оид ба истилоҳи ҳолати сарҳадии руҳии субъект, ки хусусияти бемориро дорост, розӣ аст [234, с. 90]. Баъзе муаллифон эътироф менамоянд, ки мафҳуми «аномалияи руҳӣ» нисбатан хусусияти умумиро дорост [96, с. 57].

Дар таҳқиқоте, ки ба мавзуи мукаллафии маҳдуд бахшида шудаанд, бештар истифода бурдани «аномалияи руҳӣ»-ро ба мақсад мувофиқ мешуморанд, ки, албатта, шарҳи ин тарзи баёнро талаб мекунад. Ғайр аз ин, худи мафҳуми «беморӣ» дар психиатрияи умумӣ ва психиатрияи судӣ

гуногун шарҳ дода шудааст. Ҳамин тавр, дар баъзе ҳолатҳо баҳодиҳии психиатрияи умумӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки баъзе ин ё он бемориҳо аз рӯйи муқаррароти психиатрияи судӣ ҳамчун беморӣ баҳо дода намешавад [278, с. 87].

Бояд тазаккур дод, ки олимони соҳаи ҳуқуқ ва психиатрия бар он назаранд, ки ба ҷойи истилоҳи «парешонҳолии руҳӣ» бояд «аномалияи руҳӣ» истифода бурда шавад. Солҳои охир ҷонибдори ин нуқтаи назар байни олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар садо медиҳад. Ҳамин тавр, таҳқиқоти гузаронидаи ҳуқуқшиносон ва психиатрҳо тасдиқ менамояд, ки байни шахсоне, ки ҷиноят содир намудааанду мукаллаф эътироф шудаанд, миқдори муайянеро шахсоне ташкил медиҳанд, ки мубталои аномалияҳои руҳӣ ҳастанд (майзадагии музмин, ҷароҳатҳои маҳдуди мағзи сар ва ба инҳо монанд) [114, с. 137].

Вобаста ба ин масъала, баъзе таҳқиқотчиён бар он назаранд, «ки ҳамаи бемориҳои руҳиро мумкин аст шартан ба ду гуруҳ ҷудо намуд: парешонҳолии руҳие, ки ба дараҷаи психотикӣ расидааст ва парешонҳолии руҳие, ки ба дараҷаи психотикӣ нарасидааст» [276, с. 66-67]. Р.И. Михеев пешниҳод мекунад, ки гурӯҳи якуми парешонҳолии руҳиро аномалияҳои руҳӣ дар маънои васеи ин калима номида, гурӯҳи дуюмро бошад – аномалияҳои руҳӣ дар маънои маҳдуди ин калима номидан лозим аст [96, с. 57].

Маҳз аномалияҳои руҳӣ дар маънои маҳдуди ин калима, яъне, «парешонҳолии фаъолияти руҳӣ, ки ба дараҷаи психотикӣ нарасидаанд ва бинобар ин, мукаллафиро истисно намекунанд, вале боиси тағйирёбии шахсият мегарданд, мутобиқшавии иҷтимоии фардро душвор месозанд ва боиси вокуниши рафтори номувофиқ ба ангезаҳои беруна мешаванд», ҳамчун меъёри тиббии мукаллафии маҳдуд пешниҳод карда мешаванд [276, с. 67].

Дидгоҳи дигар оид ба ин масъала дар он ифода меёбад, ки мафҳуми «парешонҳолии руҳӣ», ки ҳолатҳои беморонаи фаъолияти руҳиро ифода

мекунад, илова кардани «аномалияҳои дигаре, ки ҳамчунин, қобилияти маҳдуд сохтани имкониятҳои субъектро доранд», талаб мекунад [171, с. 54]. Маҳз ҳамин аномалияҳоро муаллиф пешниҳод мекунад, ки, ҳамчун меъёри тиббии мукаллафии маҳдуд эътироф карда шаванд.

Аз нуқтаи назари И.А. Кудрявтсев, аномалияҳои руҳӣ шароитҳое мебошанд, ки ҷавобгариро вазнин мекунанд, зеро ба шахс бо чунин аномалияҳо вазифаи иловагӣ бор мешавад, ки ҳолати носолими худро назорат намояд [178, с. 108].

Зери истилоҳи «аномалияҳои руҳӣ» чунин ҳолатҳое фаҳмида мешаванд, ки фаъолияти руҳии шахсро ба дараҷае халалдор месозанд, ки «имкон намедиҳанд ӯро комилан солими руҳӣ эътироф кард, аммо дар айни ҳол, ӯро мансуб ба зумраи беморони руҳӣ донистан мумкин нест» [48, с. 6]. Ба таъкиди равонпизишкон, ин мафҳум «доираи васеи вайроншавии руҳиро дар бар мегирад, ки аз рӯйи нишондоди клиникӣ, дараҷаи ифода ва хусусияти нозологӣ, гуногун мебошанд» [127, с. 91].

Дар айни замон, дар илм нуқтаи ягонаи умумиэътирофшуда оид ба муайян намудани мафҳуми «аномалияи руҳӣ» ҷой надорад ва вобаста ба ин, ин истилоҳ дар таҷрибаи психиатрияи муосири Тоҷикистон истифода бурда намешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ се муносибати асосиро ба мафҳуми «аномалияи руҳӣ» ҷудо кардан мумкин аст:

1. Дар доираи муносибати аввал, ба аномалияҳои руҳӣ ҳолатҳои марзӣ (пеш аз дардмандӣ) ва ё ҳолати дардмандонаи руҳӣ, ки ба сатҳи психотикӣ нарасидаанд, дохил карда мешаванд. Ҳамин тавр, В.П. Сербский яке аз аввалинҳо мафҳуми «аномалияи руҳӣ»-ро истифода бурд ва онро ҳамчун парешонҳолии руҳӣ ва ҳолатҳои патологӣ муайян кард, ки ба ҳадди номукаллафӣ намерасанд [256, с. 62; 117]. Дар ин маврид ҳолати патологӣ – ин тағирёбии устувор аз меъёр аст, ки барои ҷисми инсон аҳаммияти биологии манфӣ дорад, ки бо нишонаҳои клиникӣ-психопатологӣ ва номутобиқатии иҷтимоӣ зоҳир мешавад. Н.И. Фелинская, Я.П. Фрумкин ва

С.М. Лившитс танҳо ҳолатҳои марзиро (психопатияҳо, неврозҳо, ҳолатҳои реактивӣ ва ғ.) ба ин гурӯҳ дохил мекарданд. Ю.М. Антонян, С.В. Бородин ва С.В. Долгова, ки зарурати ворид кардани ҳамаи парешонҳолиҳои руҳиро, ки ба сатҳи психоз нарасидаанд, вале ба рафтори шахс таъсир мерасонанд, таъкид менамоянд ва ин рӯйхатро бо як қатор беморихои руҳӣ пурра мекунанд (шизофрения дар марҳилаи ремиссия, эпилепсия, олигофренияи дараҷаи сабук, парешонҳолиҳои органикӣ ва ғайра) [48, с. 7-8; 250, с. 88-89].

2. Дар доираи равияи дуюм мафҳуми «аномалияи руҳӣ» бо дохил намудани ҳолатҳои ғайрибемории руҳӣ васеъ карда мешавад. Т.А. Голумб бар он назар аст, ки такя кардан ба рӯйхати оддии парешонҳолиҳое, ки аз ҷониби психиатрия муайян шудаанд, нодуруст мебошад, зеро чунин равиш монеаи рушду таҳияи консепсияи аномалияҳои руҳӣ дар доираи мукаллафӣ мегардад. Аз ин рӯ, ӯ ин рӯйхатро бо ишора ба «дигар парешонҳолиҳои фаъолияти асабию руҳӣ» [245, с. 5] пурра мекунад. Н.Г. Иванов, И. Брика [67, с. 191; 172, с. 9-10] ва И.А. Семенсова [274, с. 41] зери мафҳуми «аномалияҳои руҳӣ» ноустувории раванди ҳаяҷон ва боздориро мефаҳманд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, то ҳолатҳои пешазбеморӣ (психопатияҳо, неврозҳо), инчунин, як қатор ҳолатҳои ғайрибемориро, ки ба рафтори инсон таъсир мерасонанд, ба маҳаки тиббӣ мансуб донанд.

3. Дар доираи равияи сеюм ба аномалияҳои руҳӣ танҳо ҳолатҳои ғайрибемории руҳӣ мансуб дониста мешаванд. С.К. Бураева таъкид мекунад, ки равияҳои зикршуда қобили қабул нестанд, зеро онҳо парешонҳолиҳои руҳиро дар бар мегиранд, ки маҳаки тиббии номукаллафиро ташкил медиҳанд [240, с. 6] ва, аз ин рӯ, марзи байни мукаллафии маҳдуд ва номукаллафиро норавшан месозанд. Дар робита ба ин, В.А. Авдеев, С.В. Векленко ва М.В. Гончарова бар он назаранд, ки парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, беморӣ ё патология нест, балки, таъсири сабук ва на он қадар возеҳ ба руҳия ва қобилияти танзими рафтор мерасонад [229, с. 27].

Ҳамин тавр, дар илм мафҳуми «аномалияи руҳӣ» ба таври аз ҳад васеъ маънидод карда мешавад, то ҷое, ки он метавонад қариб ҳар гуна дуршавӣ аз меъёри руҳиро дар бар гирад. Ба назари мо, ҳангоми маънидодкунии маҳаки тиббии мукаллафии маҳдуд истифодаи истилоҳи «аномалияи руҳӣ» номувофиқ аст, зеро он дорои маънои аз ҳад васеъ мебошад. Ин гуна муносибат ба Н.Г. Иванов имкон медиҳад, ки ба ҳолатҳои руҳие, ки мукаллафиро маҳдуд месозанд, шиддатёбии хислат, миҷози (темпераменти) холерикӣ ва меланхоликӣ, аномалияҳое, ки дар натиҷаи падидаҳои соматикии ғайрибеморӣ (масалан, ҳомиладорӣ) ба вуҷуд меоянд, шомил намояд [65, с. 110-116; 67, с. 191]. Бо вуҷуди ин, муаллиф як қайди муҳим мегузорад: чунин аномалияҳо танҳо дар ҳолате бояд ба эътибор гирифта шаванд, ки онҳо воқеан ба содиршавии ҷиноят таъсир расонида бошанд.

Агар барои тасниф аномалияи руҳӣ ба ТББ-10 назар афканем, пас, дар ягон ҳолати боби V (F) доир ба он маънидодкуние ба назар намерасад. Ҳатто дар таҷрибаи психиатрияи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истилоҳ умуман ба кор бурда намешавад.

Зикр намуданро бамаврид мешуморем, ки дар таҷрибаи судию тафтишотии Тоҷикистон муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд тибқи муқаррароти м. 25 КҶ ҶТ ба назар намерасад. Яъне, таҷриба нишон медиҳад, ки хулосаҳои экспертизаи психиатрияи судӣ танҳо ба номукаллаф будани шахс манзур карда мешаванд.

Ҳамчунин, ишора намуданро ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар КМҶ ҶТ масъалаи муайян намудани мукаллафии судшаванда муқаррар гардидааст. Ҳамин тавр, тибқи муқаррароти қ. 1 м. 339 ин Кодекс суд вазифадор аст ҳангоми баровардани ҳукм масъалаи мукаллафии судшавандаро муҳокима кунад.

Дар КМҶ ҶТ ҷиҳати муайян намудани парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно месозад, тартибе муқаррар нагардидааст. Дар қ. 2 м. 98 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст: «ба шахсоне, ки барои дар ҳолати мукаллафӣ содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс маҳкум шудаанд,

вале ба табобати … беморихои рухии мукаллафиро истиснонакунанда эҳтиёҷ доранд, суд дар баробари ҷазо чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар шакли назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобатро дар назди духтури беморихои рухӣ таъйин карда метавонад». Агар хулосаи психиатрияи судӣ оид ба тасдиқи беморихои рухии мукаллафиро истиснонакунандаи шахс набошад, суд наметавонад ҳангоми эълони ҳукм субъекти ҷиноятро ҳамчун мукаллафи маҳдуд эътироф намояд, ки ин боис мегардад ҳолати мукаллафии маҳдуди субъекти ҷиноят норавшан боқӣ монад. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дар КМҶ ҶТ тартиби муайян кардани ҳолати мукаллафии маҳдуди субъекти ҷиноят муқаррар карда шавад.

Вобаста ба баррасии илмии масоили мукаллафии маҳдуд дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, манзури чунин пешниҳодҳоро ҷоиз мешуморем:

1. Дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд барои татбиқи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гирифтори парешонҳолии рухӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

2. Мафҳуми «парешонҳолии рухӣ», ки дар заминаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди назар қарор мегирад, чунин ҳолати махсуси шахс фаҳмида мешавад, ки қобилияти ӯ барои дарк намудани хусусияти иҷтимоӣ ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиркарда, инчунин, барои идора ва назорат кардани рафтори худ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат дар шароите ба миён меояд, ки шахс аз як қатор парешонҳолиҳои равонӣ ранҷ мебарад, ки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба сатҳи зеҳн ва ирода, ба таври комил қобилияти ҳуқуқии ӯро истисно намесозанд. Ба ибораи дигар, чунин шахс дар маънои ҳуқуқӣ мукаллаф эътироф мегардад, аммо сатҳи маҳдудияти қобилияти зеҳнӣ ва иродаи ӯ бояд ҳамчун омили дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ дар муайянсозии андозаи ҷавобгарӣ ва интихоби чораҳои ҷазо ба назар гирифта шавад.

3. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд чунин эътироф мешавад, ки дар фарқ аз шахси мукаллаф шахс дар вақти содир намудани ҷиноят на он қадар

метавонист хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд. Аз ин бармеояд, ки маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд мавқеи марказиро барои эътирофи он ишғол мекунад ва ҳангоми баҳо додан бояд муайян карда шавад, ки парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно мекунад, чи дараҷа ба кирдори ҷиноятӣ таъсир расонидааст. Яъне, ҳангоми баррасии масъалаи фарқгузории мукаллафи маҳдуд аз мукаллафӣ ва номукаллафӣ, бояд дар назар дошт, ки дар м. 25 КҶ ҶТ сухан дар бораи дараҷаи таъсири парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба рафтори ҷиноятӣ меравад: наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд.

4. Дар КМҶ ҶТ тартиби муайян кардани ҳолати мукаллафии маҳдуди субъекти ҷиноят муқаррар карда шавад.

2.3. Мушаххас намудани мафҳуми «номукаллафӣ»: мафҳум ва маҳаки он

Номукаллафӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун баръакси мукаллафӣ баҳо дода мешавад [107, с. 105; 108, с. 58]. Чунин назарро олимони ватанӣ низ иброз намудаанд. Мисол, Ғ.С. Сатторов зикр намудааст, ки «Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми «мукаллафӣ» ба таври алоҳида шарҳ дода нашудааст, барои ҳамин, аз рӯйи мафҳуми «номукаллафӣ», ки дар м. 24 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, онро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст» [146, с. 116]. Дар ин ҷо номбурда мафҳуми «мукаллафӣ»-ро шарҳ додааст, ки дар зербоби аввали ҳамин боб ишора шудааст. Нуқтаи назари ибрознамудаи Ғ.С. Сатторовро А.М. Саидзода низ баён намудааст [270, с. 131]. Нуқтаи назари худро дар зербоби 1-уми ҳамин боб баён намуда будем ва мукаллафӣ ифодаи худро аз номукаллафӣ наёфта, тавсифи алоҳидаро талаб мекунад. Агар ба нуқтаи назаре, ки «мукаллафӣ ифодаи худро аз мафҳуми «номукаллафӣ» меёбад» такя намоем, пас, бояд на «мукаллафӣ ифодаи худро аз номукаллафӣ ёбад», балки, баръакс, «номукаллафӣ ифодаи худро аз мукаллафӣ меёбад», зеро нишонаи ифодакунандаи субъекти ҷиноят

«мукаллаф будан» аст. Вобаста ба ин, ҳақ бар ҷониби Б.В. Абдуллозода, ки зикр намудааст: «Танҳо шахси мукаллаф қобилияти дарк намудани кирдор ва роҳбарӣ намудани онро дорад. Шахсони чунин қобилиятнадошта, яъне, шахсе, ки хавфнокии кирдори худро дарк ва онро идора карда наметавонад, номукаллаф эътироф шуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад» [227, с. 128]. Дар ин ҷо Б.В. Абдуллозода ишора намудааст, ки баръакси «мукаллафӣ» ин «номукаллафӣ» аст. Р.А. Абдуллоева дар рисолаи диссертатсионии худ аз муҳаққиқон Р.У. Хабриев ва Б.А. Спасенников мисол меорад, ки «…муайян намудани мукаллафӣ аввалиндараҷа эътироф гардида, ҳолати номукаллафӣ дуюминдараҷа мебошад» [226, с. 59].

Бинобар мухталифии нуқтаи назар, масъалаи муқаррар намудани «номукаллафӣ»-ро ҷудо аз масъалаи «мукаллафӣ» афзал мешуморем.

Номукаллаф субъекти ҷиноят эътироф намешавад. Ба шахсе, ки дар ҳолати номукаллафӣ ҷиноят содир мекунад, чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта таъйин карда мешавад, зеро ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад ва ба ӯ ҷазои ҷиноятӣ таъйин карда намешавад. Бо дарназардошти ин, номукаллаф субъекти ҷиноят эътироф намешавад.

Дар давраҳои инкишофёбии қонунгузории ҷиноятӣ миёни олимон нуқтаи назари ягона оид ба мафҳуми «номукаллафӣ» ҷой надошт. Чунин ҳолат то кунун ҷой дорад.

«Номукаллафӣ» мафҳуми мураккаб буда, аз рӯйи якчанд нуқтаи назар баҳо дода мешавад. «Дар назарияи ҳуқуқ ба мафҳуми «номукаллафӣ» ҳамчун факти ҳуқуқӣ баҳо дода шуда, он ба сифати ҳолати истиснокунандаи ҷиноят ва хосси муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ эътироф карда мешавад». Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад номукаллафӣ ҳамчун категирияи ҳуқуқии ҷиноятӣ баҳо дода мешавад, яъне, шахсони дорои беморихои руҳиро аз доираи субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳориҷ мекунад; субъект ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок қодир нест гунаҳгорона амал кунад. Тибқи муқаррароти м. 24 КҶ ҶТ, шахси номукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

«Психиатрҳо зикр менамоянд, ки ба номукаллаф чунин вижагиҳо хос мебошанд: а) ҷой доштани андешаҳои бемантиқ (нодуруст) ва галлютсинатсияҳо (диди хаёлотӣ) ҳангоми содир намудани одамкушӣ ё дигар ҷиноятҳо ба муқобили шахсият (одатан дар ҳолати шизофрения); б) қодир набудан оид ба дарк намудани хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии кирдори худ ҳангоми таҷовуз ба моликияти ғайр ё тартиботи ҷамъиятӣ (беандешагӣ, ки ба олигрофенҳо хос аст); в) заифии назарраси идоракунии инстинктҳои худ, аксар вақт дар вобастагии шаҳвонӣ, ки дар содир намудани ҳаракатҳои маҷбурии хусусияти шаҳвонӣ ва ҳаракати бадахлоқона нисбат ба хурдсолон зоҳир мегардад; г) вайроншавии аффективӣ дар намуди аблаҳӣ, ки ба шизофрения хос аст. Чунин ҳолат ба содир намудани таҷовуз ба шахсият ва тартиботи ҷамъиятӣ равона месозад; д) набудани ангезаи воқеӣ дар ҳолати вайроншавии шуур (мастии патологӣ)» [74, с. 241].

В.Г. Павлов эътироф намудааст, ки «номукаллафӣ дар худ намудҳои гуногуни парешонҳолиҳои дардмандонаи руҳии шахсро доро мебошад, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани ин зарарро ба вуҷуд меорад ва наметавонад хусусияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онҳоро идора карда тавонад, ки гунаҳгории ин шахс ва эътирофи ӯро ҳамчун субъекти ҷиноят истисно мекунад, ҳамчунин, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъйини ҷазо ба онҳоро» [108, с. 66]. Ин нуқтаи назари муаллиф бо дарназардошти нуқтаи назари Р.И. Михеев баҳсталаб мебошад. Р.И. Михеев зикр мекунад, ки «номукаллафӣ – ин чунин ҳолатест, ки гуноҳ ва ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад, аммо на қодир будани шахс оид ба дарк намудани (дар вақти содир намудани ҷиноят) хусусият ва ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои (беҳаракатии) содиршаванда ё идора кардани онҳоро» [95, с. 123].

Бо ақидаи олимони болозикр ҳамфикр шудан мушкил аст, зеро номукаллафӣ асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашидани шахс шуда

метавонад, аммо ба истисно кардани гуноҳ робитае надорад ва мукаллафӣ ё номукаллафӣ ифодакунанда ё ифода накардани гуноҳ ё муқаррар кардан ё накардани онро надорад. Номукаллафӣ аломати гуноҳ намебошад.

Мафҳуми нисбатан комили «номукаллафӣ»-ро Ю.М. Антонян ва С.В. Бородин пешниҳод намудаанд, ки тибқи он «… номукаллафӣ – ин ҳолати руҳии шахс аст, ки дар қодир набудани ҳисобот додан ба кирдори худ ҳангоми содир намудани ҳаракат, беҳаракатӣ (дарк намудани ҳусусияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдор) ё идора кардани онҳо ҳангоми содир намудани онҳо дар натиҷаи ҳолати бемории руҳӣ ё заъфи ақл ифода мегардад, ки натиҷаи он озод гардидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо бо имконияти таъйини қарори суд оид ба чораҳои маҷбуркунии хусусияти тиббидошта, эътироф мешавад» [48, с. 123].

Б.В. Абдуллозода ба м. 24 КҶ ҶТ такя карда, зикр намудааст, ки «Дар фарқият аз мукаллафӣ қонунгузор мафҳуми «номукаллафӣ»-ро дар қонуни ҷиноятӣ бевосита муайян намудааст, ки мутобиқи он: «Шахсе, ки ҳангоми содир кардани кирдори барои ҷамъият хатарнок дар ҳолати номукаллафӣ қарор дорад, яъне, дар асари бемории руҳии доимӣ парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ё ҳолати дигари беморӣ хавфнокии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, субъекти ҷиноят эътироф намегардад ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад» (қ. 1. м. 24 КҶ ҶТ)» [227, с. 129].

Мафҳуми «номукаллафӣ» дар қ.1 м. 24 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, «ки тибқи он шахсе, ки ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буд, яъне, бар асари бемории руҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории руҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад».

Дар баробари ин, дар адабиёти қаблӣ мафҳуми «номукаллафӣ» возеҳ шарҳ дода намешуд. Ҳамин тавр, Н.В. Артименко эътироф мекунад, ки:

- нисбатан дурусттар истифодаи баёни на «ҳангоми», балки, «дар вақти» содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок мебошад, зеро шумораи зиёди ҷиноятҳо ҷой доранд, ки содир шудани онҳо дар ҳамон ҳангом ба вуқӯъ намеоянд, балки, дар муддати гузариши вақти муайян ба вуқӯъ меоянд;

- номукаллаф яке аз асосҳои озод гардидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ намебошад, балки, номукаллафӣ ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад [234, с. 66].

Зикр намудан бамаврид аст, ки назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷриба ҳамчун анъана эътироф мекунанд, ки маҳз номукаллафӣ ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад. КҶ ҶТ имконияти озод гардидан аз ҷавобгарии ҷиноятиро бо ҷой доштани якчанд сабабҳо алоқаманд медонад (пушаймонӣ аз кирдор, оштӣ шудан бо ҷабрдида, тағйир ёфтани вазъият, гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ғ.).

Ғайр аз норавшаниҳои мафҳумҳои зикргардида, инчунин, мумкин аст инҳоро низ иброз намуд:

- ибораи «ҳаракатҳои худро фаҳмида наметавонист ё ки ин ҳаракатҳои худро саришта карда наметавонист», ба қонунгузории ҷиноятии қаблӣ, ки ҳоло амал намекунад, хос буд. Истилоҳи нисбатан комил: «дарк намудани хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худ» дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда муқаррар гардидааст;

- номукаллафӣ – ин ҳолати руҳии шахс намебошад, ки дар қодир набудан ифода гардад. Истилоҳҳои «ҳолати руҳӣ», «ҳолати руҳ», «ҳолати парешонҳолии руҳӣ» - тиббӣ буда, фарқгузории онҳо бо мафҳуми ҳуқуқии «номукаллафӣ» мумкин нест.

Ақида оид ба он, ки фарқгузорӣ миёни номукаллафӣ бо ҳолати махсуси руҳӣ хато аст, дар адабиёти илмӣ ҳанӯз ҷой дорад [193, с. 66]. Бояд зикр намуд, ки баъзе муҳаққиқони муосир номукаллафиро ҳамчун ҳолати руҳӣ баҳо медиҳанд, вале дар баробари ин эътироф мекунанд, ки номукаллафӣ – мафҳуми на тиббӣ, на психиатрӣ, балки, ҳуқуқӣ мебошад [51, с. 247].

Г.В. Назаренко дар он ақида аст, ки мавҷудияти мафҳуми «ҳолати номукаллафӣ» ва «номукаллафӣ» ҳар ду қонунӣ эътироф мешаванд ва миёни онҳо фарқ гузоштааст. Ба ақидаи ӯ, агар ҳолати номукаллафӣ ҳамчун бемории руҳӣ, заъфи ақл ё дигар бемории руҳӣ бошад (дараҷаи онтологии маҳаки «номукаллафӣ»), пас, дар дараҷаи гносеологии ин мафҳум, дар худ тавсифи ҳолати патологии руҳии дар қонунгузорӣ мустаҳкамгардидаро дар назар дорад [265, с. 59]. Дар баробари ин, худи муаллиф меъёреро оид ба номукаллафӣ пешниҳод мекунад, ки дорои мафҳуми «ҳолати номукаллафӣ» нест: «Кирдори гунаҳгорона ба шахсе нисбат дода намешавад, ки ҳангоми содир намудани он дар ҳолати бемории руҳӣ қарор дошта, наметавонист хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдораш ва оқибатҳои онро дарк намояд ё рафтори худро идора кунад» [265, с. 59].

Ба назари мо, хуб мешуд аз меъёр оид ба номукаллафӣ истилоҳи «ҳолат» ба «номукаллафӣ» хориҷ карда шавад. Ибораи мазкур қобили қабул намебошад, зеро чунин ҳолат ҷой надорад. Чи тавре зикр гардид, номукаллафӣ ҳолат нест ва он категорияи ҳуқуқӣ мебошад. На мукаллафӣ ва на номукаллафӣ парешонии руҳӣ ё ҳолати парешонии руҳӣ нест. Парешонии руҳӣ, заъфи ақл, бемории руҳӣ ва дигар намудҳои беморихои руҳӣ ҳолатҳое мебошанд, ки номукаллафиро муқаррар мекунанд.

Ҳамчунин, бо он ақида, ки «номукаллаф наметавонист оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии кирдорашро дарк намояд», розӣ шудан мушкил аст. Чунин шакли баёнро дар мафҳуми «номукаллафӣ» илова намудан нодуруст мебошад, зеро чи тавре маълум аст, барои як қатор ҷиноятҳо фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок ҳамчун нишонаи тарафи объективии ҷиноят, ҳатмӣ намебошад ва чунин ҷиноятҳо аз лаҳзаи содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, хотимаёфта эътироф мешаванд, новобаста аз фаро расидани оқибат ё фаро нарасидани оқибат. Бо дарназардошти он, ки оқибати барои ҷамъият хавфнок дар ин таркибҳо мавқеи марказиро доро намебошанд, пас, зарурати ҷой доштани

«наметавонист оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии кирдорашро дарк намояд», намебошад.

Г.В. Назаренко пешниҳод намудааст, ки ибораи «Кирдори гунаҳгорона ба шахсе нисбат дода намешавад» ба ҷойи «ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад» истифода карда шавад. Бо ин ӯ эътироф намудааст, ки номукаллафӣ ҳолате мебошад, ки кирдори гунаҳгоронаи ӯ истисно мешавад. Дар ин асно, бояд илова намуд, ки оқибати ҳуқуқии номукаллафӣ он аст, ки шахси номукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Дар мурофиаи ҷиноятӣ марҳилаи аввали исботи гунаҳгории шахс бо эълони айб оғоз мегардад. Аз хусусиятҳои тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ маълум аст, ки дар марҳилаҳои аввал ба шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намудааст, айб эълон мекунанд ва минбаъд барои муқаррар намудани ҳолати руҳии ӯ экспертиза таъйин карда мешавад. Танҳо пас аз муқаррар намудани он, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок шахс номукаллаф буд, мақомоти тафтишотӣ ва минбаъд суд қарори ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашидани шахсро қабул мекунад (новобаста аз он, ки дар ин ҳолат ба ӯ айб эълон гардидааст). Вобаста ба ин, Н.А. Қудратов ва К.Ҳ. Солиев зикр намудаанд, ки «Нисбати ҷиноятҳое, ки шахсони номукаллаф содир намудаанд ва ё баъд аз содир кардани ҷиноят мубталои бемории руҳӣ гардидаанд, тафтишоти пешакӣ ҳатмист. Ҳатмӣ будани тафтиши пешакӣ дар парвандаҳои мазкур ба он мақсад аст, ки баъд аз гузаронидани амалҳои мурофиавӣ (пурсиш, таъйини экспертиза ва ғ), муфаттиш метавонад ҳолати бемориро пурра исбот намояд [98, с. 509]. Аз ин бармеояд, ки ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ, номукаллафӣ ҳамчун оқибати ҳуқуқӣ баҳо дода шуда, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Тасаввуроте оид ба номукаллафӣ ҷой дорад, ки тибқи он «номукаллафии ҳуқуқии ҷиноятӣ … – ин ҳолати бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраргардидае мебошад, ки субъекти ҷиноятро истисно мекунад ва бо моҳияти ҷойдоштаи худ, ҳодисаи содир намудани кирдори зиддиҳуқуқии барои ҷамъият хавфноки шахсе, ки дар вақти содир намудани он дар ҳолати бемории руҳӣ ё

дигар намуди беморӣ наметавонист ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк ё онҳоро идора намояд» [158, с. 108]. Дар мафҳуми овардашуда нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии мукаллафиро истисно кардааст, ки он дар «дарк накардани хусусияти воқеӣ» дар баробари «дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ» ифода мегардад. Дар баробари ин, зикр намудан бамаврид аст, ки оқибати ҳуқуқии номукаллафӣ «истисно кардани субъекти ҷиноят» намебошад, балки, барои субъекти ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намегардад, ки бевосита аз муқаррароти м. 25 КҶ ҶТ бармеояд.

Муаммои комплексии номукаллафиро бе кумаки экспертизаи судӣ бартараф намудан ғайриимкон аст. Дар хулосаи экспертизаи психиатрияи судӣ бояд намуди ҳолати бемории руҳӣ муқаррар карда шавад, на номукаллафии шахс. Мукаллафӣ ё номукаллафии шахсро суд дар асоси хулосаи экспертизаи психиатрияи судӣ муқаррар мекунад. Вобаста ба ин, нуқтаи назар ҷой дорад, ки тибқи он хулосаи экспертон дар бораи мукаллафӣ ё номукаллафӣ дахолат ба ҳуқуқи судҳо намебошад, зеро барои чунин ҳолатҳо ва ҳодисаҳо аз ҷониби илм тавассути усулҳои психиатрӣ омӯхта шудаанд [90, с. 94].

Вобаста ба он, ки коршиносон бояд мушаххасан чиро муқаррар кунанд, як қатор олимон устуворона зикр мекунанд, ки «вазифаи эксперт-психиатр дар ин ҷо бо пешниҳоди хулоса вобаста ба донишҳои махсуси касбии дахлдораш маҳдуд мешавад, – оид ба ҳолати руҳии шахс дар вақти содир намудани кирдор …» [126, с. 440-442; 202, с. 53; 208, с. 57].

Вобаста ба ақидаҳои болозикр, номукаллафӣ категорияи ҳуқуқӣ буда, муқаррар намудани он ба салоҳияти ҳуқуқшиносон махсусан ба мақомоти тафтишӣ ва судӣ дохил мешавад. Дар ин асно, бо дарназардошти талаботи м.м. 28 ва 29 Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25-уми июли соли 2005, коршинос вобаста ба мавҷудияти парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл, бемории доимии руҳӣ ё дигар намуди бемори руҳӣ (ки шахс дар ин ҳолатҳо хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии кирдори худро дарк ё онҳоро идора карда наметавонад), хулоса пешниҳод мекунад, вале набояд

номукаллафиро тасдиқ кунад. Ӯ метавонад дар хулосаи худ танҳо тавсия оид ба эътирофи номукаллафӣ пешниҳод кунад. Доир ба ин масъала Н.А. Ғаффорӣ дуруст зикр намудааст, ки «… масъалаи мукаллафӣ ё номукаллафии шахс вобаста ба содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар асоси маҷмуи далелҳо, аз ҷумла, дар асоси хулосаи экспертизаи судӣ-тиббӣ аз ҷониби суд, муайян карда мешавад» [60, с. 120]. Ҳамчунин, аз таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ [297; 298; 299] ва хулосаҳои судӣ-психиатрӣ [301; 302; 303; 304; 305; 306] маълум гардид, ки доир ба ҳолати руҳии шахс, дар баробари намуди бемории руҳи, инчунин, «номукаллаф» пешниҳод карда шудааст.

Вобаста ба ҳолати зикргардида, бар он назар ҳастем, ки коршинос-эксперт бояд нуқтаи назари худро на фақат оид ба ҷой доштани парешонии руҳӣ дар шахс, балки, муайян кунад, ки чи тавр ин ҳолат ба «дарки хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии кирдори ин шахс ё онҳоро идора карда тавонистани ӯ» таъсир мерасонад. Бе муқаррар намудани таъсири намудҳои парешонҳолии руҳӣ ба «дарки хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии кирдор ё онҳоро идора карда тавонистан», ки маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ эътироф мешавад, аз тарафи мақомоти тафтишию судӣ муайян намудани мукаллафӣ ё номукаллафӣ ғайриимкон аст. Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда бо роҳи пурсиши саволнома нишон дод, ки аксарияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, соҳаи тиббӣ - психиатрӣ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар посух ба саволи «Оё коршинос-психиатр ҳуқуқ дорад дар хулоса шахсро номукаллаф эътироф кунад?» – 78% пурсидашудагон ҷавоби «не» додаанд; 20% пурсидашудагон бошад, ҷавоби «бале» ва 2% фикри худро пешниҳод карданд. (замимаи №1).

Чун мукаллафӣ ва мукаллафии маҳдуд, барои муқаррар намудани табиати ҳуқуқии ҷиноятии номукаллафӣ низ муайян намудани маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббии он муҳим эътироф мешаванд.

Хусусияти маҳаки ҳуқуқии номукаллафиро ба инобат гирифта, Н.С. Тагансев зикр намудааст, ки танҳо бо дарназардошти муҳиммияти

мавқеи ин маҳак дар суд байни табибон ва ҳуқуқшиносҳо ҳамдигарфаҳмӣ ба миён ояд [128, с. 385].

В.П. Сербский ишора намуда буд, ки «парешонии руҳӣ барои судҳо на ҳамчун беморӣ аҳаммият дорад, балки, ҳамчун зуҳуротест, ки ҷавобгариро истисно мекунад, барои он шахс номукаллаф мегардад, ки ӯ бемор аст, балки, танҳо барои он ки беморӣ ӯро аз озодона дарк намудан ва озодона интихоб намудани ин ё он тарзи ҳаракат (беҳаракатӣ – Ҳ.С.Ҳ.) маҳрум месозад» [117; 143, с. 37].

Маҳаки тиббии номукаллафӣ, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун «бемории руҳӣ» ифода гардидааст, бояд аз тарафи экспертизаи психиатрияи судӣ муқаррар карда шавад, на ҳуқуқшиносон. Маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ бошад, дар вақти гузаронидани экспертиза, он бояд якҷоя бо психиатр, психолог ва минбаъд аз тарафи мақомоти тафтишию судӣ дар маҷмуъ бо дарназардошти ҳамаи маводи ҷамънамудаи парвандаи ҷиноятӣ таҳлил карда мешавад.

Маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ аз рӯйи нишонаҳои зеҳнӣ ва иродавӣ баҳо дода мешавад.

Н.Г. Назаренко дуруст зикр намудааст, ки «маҳз нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқиро идрок (дарк карда тавонистан) номидан мумкин аст» [99, с. 16].

Қонунгузории ҷиноятии амалкунанда аз ибораи «маънои ҳаракатҳои худро фаҳмида наметавонист ё ки ин, ҳаракатҳои худро саришта карда наметавонист», даст кашидааст. Ин ибора ба шакли нав тағйир шудааст, ки тибқи он «хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист». Қобили эътироф аст, ки мафҳуми дуюм аз мафҳуми аввала муваффақтар ва дурусттар аст, зеро нисбатан дақиқ ҷиҳати иҷтимоии кирдори содирнамуда ва аҳаммияти ҳуқуқии онро нишон додааст.

Дараҷаи дарккунӣ, ки ҳангоми муқаррар кардани мукаллафӣ ё номукаллафӣ ҳамчун нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад, мумкин аст бо дарназардошти назарияи дарккунӣ, ки дар сатҳи

баланд аз тарафи психологҳо ва философҳо [187, с. 75-79] коркард шудааст, муқаррар карда шавад. Бо дарназардошти ин назария чор дараҷаи дарккунӣ мавҷуд аст:

- қобилияти мазмунан дарк намудани тарафи берунии падидаҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим (вақт, ҷой, пайдарпаии рӯйдодҳо ва ғайра);

- дарк кардани он, ки воқеан субъект дар лаҳзаи муайяни вақт чӣ кор мекунад;

- дарк кардани аҳаммияти иҷтимоии падидаҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим;

- дарки шахсии рӯйдодҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим дар сатҳи аҳаммияти иҷтимоии онҳо.

Ишора мегардад, ки барои ба хулоса омадан оид ба қобилияти дарк намудани хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии кирдори худ, зарур аст, ки ҳамаи дараҷаҳои зикршудаи дарккунӣ ҷой дошта бошанд, дар ҳоле ки барои баровардани хулосаи муқобил (яъне набудани чунин қобилият) кофӣ аст, ки вайроншавӣ дар яке аз ин дараҷаҳо муайян гардад.

Чи тавре ки дар зербоби 1 боби 2 ҳамин диссертатсия зикр намудем, м. 26 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии номукаллафиро дар «дар дарк карда натавонистани кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқии худ» муқаррар кардааст. Бо дарназардошти ин, мафҳуми «мукаллафӣ» ва «номукаллафӣ» сирф категорияи ҳуқуқӣ буда, онҳо дар ҳам қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳам қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ягона инъикос карда шаванд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки «дарки зиддиҳуқуқӣ будани хавфнокии ҷамъиятӣ» дар мафҳуми «номукаллафӣ»-и ин қонунгузориҳо ворид карда шавад.

Вобаста ба маҳаки ҳуқуқии (психологии) номукаллафӣ нуқтаи назаре иброз мегардад, ки тибқи он бояд нишонаи эҳсосот (ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ) муқаррар карда шавад, зеро «ҳангоми баҳодиҳии ҳолати зеҳнии гуноҳ ҳатман ҳолати эҳсосотии субъект ба инобат гирифта шавад. Эҳсосоти манфӣ метавонад зеҳни субъектро фалаҷ кунад, доираи фаъолияти ӯро танг кунад, имкониятҳои пешгӯии ӯро коҳиш диҳад» [90, с. 37]. Дар баробари ин, ҳолати

ҳаяҷони сахти руҳӣ дар КҶ ҶТ танҳо дар м. 106 (одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ) ва м. 113 (қасдан расонидани зарар (вазнин ва миёна) ба саломатӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ) ба назар гирифта шудааст. Бо чунин нуқтаи назар мувофиқ будан номумкин аст, зеро нишонаҳои зеҳнӣ ва иродавии маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ ҳама намудҳои парешонҳолии руҳиро дар бар мегиранд, аз ҷумла, парешонҳолиро дар самти эҳсосоти дараҷаи вазнин (патологӣ). Ҳолати ҳаяҷони сахти руҳии (аффекти) физиологиро дар хулосаи худ психолог пешниҳод мекунад ва ҳолати ҳаяҷони сахти руҳии патологиро психолог дар якҷоягӣ бо психиатр пешниҳод мекунад.

Нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ дар «идора карда натавонистани ҳаракат ё беҳаракатии худ» ифода мегардад, аммо Д.А. Кузмин чунин пешниҳод мекунад: «ҳолатҳое ҷой доранд, ки шахс хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии кирдори худро дарк мекунад, вале вобаста ба ҳолати бемориаш онро идора карда наметавонад» ва мисол меорад, ки «шахс дар ҳолати зарурат доштан ба истеъмоли (вобастагии дараҷаи зиёди – Ҳ.С.Ҳ.) маводи нашъаовар ва бо мақсади ба даст овардани он ба кормандони беморхона ҳуҷум мекунад, хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро хуб дарк мекунад, аммо дар баробари ин, бинобар вайроншавии зиёди самти ирода аз сабаби вобастагии зиёди маводи нашъаовар, худро идора карда наметавонад». Дар баробари ин, Д.А. Кузмин бар он назар аст, ки «барои эътирофи маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ, мавҷудияти яке аз аломатҳои он кифоя аст» [258, с. 41-42]. Дар таҷриба чунин ҳолатҳо зиёд ба назар мерасанд, вале бояд дар назар дошт, ки чунин ҳолати руҳӣ номукаллаф эътироф намешавад. Бояд ҳангоми муқаррар намудани номукаллафӣ, ҳам нишонаи зеҳнӣ – «хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк карда наметавонист» ва ҳам иродавӣ – «хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро идора карда наметавонист» муқаррар карда шавад. Дар

сурати ҷой надоштани яке аз ин нишонаҳои маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ, шахс номукаллаф эътироф намешавад.

Вобаста ба маҳаки тиббии номукаллафӣ, бояд зикр кард, ки қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар таҳрири амалкунандааш дар худ ин маҳакро нигоҳ доштааст, ки онро чор намуди парешонҳолии руҳӣ ташкил медиҳад: беморії руҳии доимӣ; парешонии муваққатии руҳӣ; заъфи ақл; ҳолати дигари беморії руҳӣ. Бо муқаррар намудани чор намуди парешонҳолии руҳӣ, қонунгузор яқинан ишора мекунад, ки ин парешонҳолиҳои руҳӣ дараҷа ва хусусиятҳои гуногунро доро мебошанд.

Вазифаи қонунгузор ин нест, ки рӯйхати пурраи парешонҳолиҳои руҳиро дар худ доро бошад ё рӯйхати комил ё тафриқагузорії ин намуди беморӣ барои рушди қонунгузорії ҷиноятӣ ягон таъсир расонида наметавонад. Ҳатто дар адабиёт нуқтаи назари «барзиёдӣ» [222, с. 35] нисбати чунин ҳолат ифода гардида, пешниҳод шудааст, ки истилоҳи ягонаи «парешонҳолии руҳӣ» кифоя аст [216, с. 50]. Дар ягон моддаи Кодекси тандурустии ҶТ аз 30-юми майи соли 2017 [8] намудҳои беморії руҳӣ номбар нагардида, дар умум, истилоҳи «беморії руҳӣ» истифода шудааст.

Ба ақидаи мо, ибораи «парешонии руҳӣ» бояд дар «мафҳуми номукаллафӣ» (м. 24 КҶ ҶТ) ҳамчун маҳаки тиббӣ нигоҳ дошта шавад, кифоя аст, ки ҳама намудҳои беморіҳои руҳиро дар бар мегирад. Дар боби V (F) ТББ-10 ҳама намудҳои парешонии руҳӣ бо ибораи «Парешонии руҳӣ ва парешонии кирдор» мустаҳкам гардида, он дар 10 намуд тасниф шудааст.

Ҳамчунин, ба назари мо, набояд мафҳуми маҳакҳои тиббии номукаллафиро бо мафҳуми муқаррарнамудаи м. 25 КҶ ҶТ қиёс намуд, ки ибораи «парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад» истифода кардааст. Дар ин маврид мазмуни м. 24 КҶ ҶТ бояд ибораи «парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно мекунад»-ро доро бошад, на «номукаллафӣ»-ро.

Парешонҳолии руҳӣ, ки ҳамчун маҳаки тиббии номукаллафист, ба назари В.В. Денисович, ҳолате мебошад, ки аз сабабҳои беруна ё дохилӣ ба

вуҷуд меояд ва бо вайроншавии функсияҳои мағзи сар тавсиф мешавад, ки дар натиҷа мағзи сар наметавонад воқеияти муҳити атрофро дуруст инъикос кунад ва рафтори шахс ба таври номуташаккил ба вуҷуд меояд, ки бо муносибатҳои воқеӣ мувофиқат намекунад [167, с. 51].

Дар муайян намудани маҳаки тиббии номукаллафӣ, ҳатман бояд парешонҳолии руҳӣ хусусияти дардмандонаро доро бошад, зеро он метавонад маҳаки тиббии номукаллафиро тавсиф кунад. Ҳама намудҳои парешонҳолиҳои руҳии нодардмандона наметавонанд ба сифати маҳакҳои тиббии номукаллафӣ баромад кунанд. Ю.С. Богомягков ба сифати ин намудҳои парешонҳолиҳои руҳӣ – дараҷаи зиёди мастии физиологӣ, инкишофи нопурраи психофизиологии ноболиғон, аффекти физиологӣ, ҳолати изофабории асабию руҳӣ, норасоиҳои ҷисмонӣ ва баъзе ҳолатҳои дигар, агар онҳо дигар тағйироти патологиро дар руҳи инсон ба бор наоранд [158, с. 107], номбар кардааст.

С.Н. Шишков дар асарҳои худ пешниҳод намудааст, ки ба сифати маҳаки тиббии номукаллафӣ, ибораи «бемории руҳӣ ё дигар намуди ҳолати беморӣ» истифода бурда шавад [221, с. 28].

Дар доираи муқаррар намудани маҳаки тиббии номукаллафӣ, инчунин, нуқтаи назаре ҷой дорад, ки тибқи он «… муқаррароти маҳаки тиббии номукаллафӣ муваффақ эътироф карда намешавад, зеро вобастагии бемории руҳӣ ба ин ё он нишонаҳои маҳаки тиббии номукаллафӣ дар як қатор ҳолатҳо шартӣ мебошад» [276, с. 175]. В.Х. Кандинский зикр мекунад, ки «парешонҳолии нодардмандонаи руҳӣ набояд дар мо мукаллафиро истисно кунад, балки, мукаллафиро танҳо парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ истисно мекунад» [68, с. 22].

Ба назари аксари олимон, «маҳаки тиббии номукаллафӣ аз тарафи экспертизаи психиатрияи судӣ муайян карда мешавад» [158, с. 107].

Ба назари мо, аз мафҳуми «номукаллафӣ» рӯйхати маҳдуди намудҳои бемории руҳӣ хориҷ карда шаванд, зеро ин ба соҳаи тиббӣ – психиатрия дохил мешавад.

Дар қ. 3 м. 24 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки «Шахсе, ки дар ҳолати мукаллафӣ ҷиноят содир намуда, вале то баровардани ҳукми суд мубталои бемории руҳие шудааст, ки барои дарки хавфи кирдори худ ё идора кардани онро имконият намедиҳад, ҳамчунин, ҷазо дода намешавад». «Суд метавонад нисбати чунин шахс чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро раво бинад ва пас аз шифо ёфтан ин шахсро ҷазо додан мумкин аст, агар муҳлатҳои дар моддаи 75 ҳамин Кодекс пешбинишуда нагузашта бошад». Ин муқаррарот барои эътироф кардан ё накардани субъекти ҷиноят ягон аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад. 73% пурсидашудагон миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ эътироф кардаанд, ки барои эътироф накардани субъекти ҷиноят аҳаммият надорад (замимаи №1). Бинобар ин, қ. 3 аз м. 24 КҶ ҶТ хориҷ гардида, дар моддаи дахлдори боби 15 муқаррар карда шавад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти нуқтаи назари ироагардида оид ба мафҳуми «номукаллафӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, чунин пешниҳодҳо манзур карда мешаванд:

1. Номукаллафиро наметавон бо намудҳои бемориҳои руҳӣ ҳаммаъно донист ва онро ба рӯйхати оддии ҳолатҳои дардмандонаи руҳӣ нисбат дод ва мумкинҳам нест. Номукаллафӣ танҳо маҳаки ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

2. Номукаллафӣ ҳолати махсуси руҳӣ низ эътироф намешавад.

3. Муқаррар кардани номукаллафӣ вазифаи тафтишоту суд мебошад, на экспертизаи психиатрияи судӣ. Коршиносҳо ҳуқуқ надоранд мукаллафӣ ё номукаллафии шахсро муқаррар кунанд, зеро ин танҳо ба салоҳияти тафтишоту суд дохил мешавад. Коршинос бояд мавҷудияти маҳаки тиббӣ ва ҳуқуқии (то кадом дараҷа парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба қодир будани дарккунӣ ва идоракунии кирдор таъсир расонидааст) номукаллафиро (бемориро) муайян кунад.

4. Маҳакҳои тиббии номукаллафӣ, ки дар м. 24 КҶ ҶТ оварда шудаанд (бемории руҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл, ҳолати дигари бемории руҳӣ) бо ибораи «парешонҳолии руҳӣ» маҳдуд карда шаванд, зеро ин ибора дар худ ҳама намудҳои маҳакҳои тиббии

номукаллафиро фаро мегирад. Барои муқаррар кардани маҳаки тиббии номукаллафӣ зарур нест, ки ҳама намудҳои парешонҳолиҳои руҳие, ки дар боби V (F) ТББ-10 тасниф гардидаанд, нишон дода шаванд.

5. Мафҳуми «ба ҷамъият хавфнокӣ» мафҳуми нопурра омӯхташуда эътироф мегардад ва барои ба табиати ҳуқуқии ҷиноятӣ мутобиқ будан пешниҳод мегардад, ки дар маҳаки ҳуқуқӣ ибораи «зиддиҳуқуқӣ будани ба ҷамъият хавфнокӣ» истифода бурда шавад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ м. 24 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

Моддаи 24. Номукаллафӣ

1) «Шахсе, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок номукаллаф буд, яъне, бар асари парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани ба ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад».

2) «Ба шахсе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят номукаллаф эътироф шудааст, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббии дар ҳамин Кодекс пешбинигардидаро таъйин кардан мумкин аст».

7. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷиҳати як хел ифода гардидани мафҳуми «номукаллафӣ», м. 26 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

Моддаи 26. Номукаллафӣ

«Шахси воқеие, ки дар вақти содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ номукаллаф буд, яъне, бар асари парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (амал ё беамалии) худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад».

8. Пешниҳод карда мешавад, ки қ. 3 аз м. 24 КҶ ҶТ хориҷ гардида, дар моддаи дахлдори боби 15 муқаррар карда шавад, зеро қонунгузории ҷиноятӣ шарти ҷавобгарии ҷиноятиро дар баробари ба синни муқарраркардаи КҶ ҶТ

расидан, шахси воқеӣ будан, инчунин, мукаллаф (номукаллаф набошад) будан эътироф кардааст ва ин шарт танҳо дар вақти содир намудани ҷиноят ба назар гирифта мешавад. Муқаррароти қ. 3 м. 24 КҶ ҶТ барои эътироф кардан ё накардани субъекти ҷиноят ягон аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад.

БОБИ 3. МУШАХХАСНАМОИИ СИН ҲАМЧУН АЛОМАТИ СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ

3.1. Тасниф ва тафриқаи синни субъекти ҷиноят

Дар баробари таҳлили масъалаҳои марбут ба синни субъекти ҷиноят, зарур мешуморем, ки аз мафҳуми маънои мувофиқи он оғоз кунем. Дар баробари ин, пеш аз гузаштан ба баррасии мафҳуми «синни субъекти ҷиноят», бояд ба истилоҳҳое, ки дар КҶ ҶТ ва адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ истифода мешаванд, диққат дода шавад. Маҳз синни субъекти ҷиноят яке аз маҳаки асосӣ барои муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии ӯ мебошад.

Дар номи м. 23 КҶ ҶТ ибораи «синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад» оварда шудааст. Аксари олимон – ҳуқуқшиносон, маъмулан ибораҳои зеринро истифода мебаранд: «синни ҷавобгарии ҷиноятӣ» [190; 259, с. 51; 279, с. 135], «синни поёнии ҷавобгарии ҷиноятӣ» [76, с. 119; 102, с. 68], «синни муайяни аз ҷониби қонун муқарраргардида» [255, с. 160-161], «синни оғозёбии ҷавобгарии ҷиноятӣ» [154, с. 163-166], «маҳдудиятҳои синну сол барои ҷавобгарии ҷиноятӣ» [206], «синни мукаллафӣ», «маҳакҳои синнусолии ҷавобгарии ҷиноятӣ» [203, с. 161]. Ба андешаи Г.В. Назаренко, мафҳуми доктриналии «синни оғозёбии ҷавобгарии ҷиноятӣ» воқеан ба мафҳуми қонунгузорӣ мувофиқ аст [100, с. 114]. Чунин нуқтаи назарро А.А. Байбарин низ ҷонибдорӣ мекунад [50, с. 18].

Гуногунандешии болозикр оё аз ҷиҳати мазмун якхелаанд ва оё мутаносибан метавонанд дар шарҳи синну соли субъекти ҷиноят истифода шаванд ё не? Албатта, дар қонунгузории ҷиноятӣ синну сол ба шахси воқеӣ тааллуқ дорад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ на ҳамаи шахсони воқеӣ, балки, пеш аз ҳама, субъекти ҷиноят мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешавад. Бинобар ин, ба назари мо, ибораи мутобиқ ва умумиэътирофшуда «синни субъекти ҷиноят» мебошад. Агар ибораҳои «синни ҷавобгарии ҷиноятӣ», «синни поёнии ҷавобгарии ҷиноятӣ», «синни оғозёбии ҷавобгарии ҷиноятӣ»,

«маҳдудиятҳои синну сол барои ҷавобгарии ҷиноятӣ», «маҳакҳои синнусолии ҷавобгарии ҷиноятӣ» истифода бурда шаванд, пас, чунин эҳсос мешавад, ки бо расидан ба синну соли муайян шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, вале дар асл чунин нест. Бар замми ин, м. 23 КҶ ҶТ дар ҳамаи адабиёти таълимӣ дар доираи мавзуи «Субъекти ҷиноят» омӯхта мешавад. Ҳамчунин, дар аксари таҳқиқоти илмии солҳои охир дар ҶТ таълифгардида [226; 227; 228; 231; 232; 253; 255; 259; 266; 270; 271; 279; 280], истилоҳи субъекти ҷиноятро истифода мебаранд. Агар тасдиқ кунем, ки қонунгузории ҷиноятии ҶТ пурра аз истилоҳи субъекти ҷиноят даст кашидааст, иштибоҳ мешавад, зеро он «дар қ. 4 м. 37 КҶ ҶТ истифода гардидааст: шахсе, ки субъекти ҷинояти дар моддаи Қисми махсуси ҳамин Кодекс махсус зикргардида набуда, дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи ҳамин модда иштирок кардааст, барои ин ҷиноят метавонад танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад».

Дар КҶ ҶТ меъёри муқарраркунандаи мафҳуми «синне, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад» ҷой надорад, вале танҳо синне, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба он расидааст, муайян шудааст. 86% пурсидашудагон пешниҳодро оид ба дар КҶ ҶТ муқаррар намудани мафҳуми «Синни субъекти ҷиноят» ҷонибдорӣ намуда, 13,5% зид баромаданд ва 1 нафар – 0,5% фикри худро чунин пешниҳоднамудааст: «дар Қисми умумии КҶ ҶТ ҳатман муқаррар карда шавад, зеро он аломати субъекти ҷиноят аст» (замимаи №1).

Ворид намудани мафҳуми «Синни субъекти ҷиноят» ба КҶ ҶТ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки дар сатҳи илмӣ дақиқ муқаррар карда шавад. Дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ мафҳумҳои гуногун оид ба синни субъекти ҷиноят иброз гардидаанд. Ҳамин тавр, В.К. Гришук зикр менамояд, ки синни субъекти ҷиноят аз рӯйи маҳакҳои расмӣ, яъне, миқдори вақтҳои азсаргузаронидаи шахс муайян карда мешавад. «Аммо, ба назари ин муаллиф, нисбатан дурусттар мебуд, агар на маҳакҳои расмӣ, балки,

маҳакҳои воқеии (биологии) шахс ба инобат гирифта шаванд, яъне: инкишофёбии мувофиқи руҳӣ, психофизиологӣ ва сифатҳои иҷтимоии ифодакунандаи қодир будани шахс оид ба пурра дарк намудани рафтори худ ва оқибатҳои он» [164, с. 669-670]. О.Е. Сопожникова эътироф мекунад, ки «синни субъекти ҷиноят – ин маҷмуи аломатҳои психологӣ-физиологии инсон мебошанд, ки ба ӯ имкон медиҳанд хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори содирменамудаашро дарк ва онҳоро идора карда тавонад» [203, с. 159]. О.О. Душкина зикр менамояд, ки син ҳамчун аломати субъекти таркиби ҷиноят аз рӯйи на танҳо шумораи солҳои умри гузаронида, балки, бо ҷой доштан ё надоштани оқибмонии инкишофёбии руҳӣ муайян карда мешавад [251, с. 17]. Ба назари А.А. Байбарин, синни субъекти ҷиноят – ин категорияи ҳуқуқии ҷиноятӣ буда, бояд шумораи муайяни солҳои зиндагии шахсро бо дарназардошти қонунгузории ҷиноятӣ фаҳмид, ки пуррагии сифатии кофӣ дорад ва аз қодир будани шахс ҷиҳати дарк кардани хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва идора кардани онҳо, шаҳодат медиҳад [50, с. 18-19]. М.И. Иброҳимзода зикр менамояд, ки «синну сол ҳамчун аломати мураккаби шахсияти ҷиноятқор, рушди ҷанбаҳои биологӣ, руҳӣ ва иҷтимоиро дар худ муттаҳид мекунад, аммо масъалаи дараҷаи таъсири омилҳои биологӣ (масалан, хусусиятҳои нейрофизиологӣ, тағйироти гормоналӣ) ва иҷтимоӣ (тарбия, муҳит, шароити иқтисодӣ) ба ташаккули рафтори девиантӣ дар гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ баҳсбарангез боқӣ мемонад» [253, с. 17].

Мафҳумҳои иброзгардида аз ҷиҳати мазмун то андозае фарқ мекунанд, ки хусусиятҳои гуногуни мафҳуми таҳлилшаванда ва шумораи онҳоро инъикос мекунанд. Чунон ба назар мерасад, ки чунин равишҳои гуногун ба мафҳуми норавшани «синни субъекти ҷиноят» аз набудани фаҳмиши ягонаи синну сол ҳамчун категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар айни замон бармеоянд. Ба андешаи мо, равишҳои муайян кардани мафҳуми «син», ки дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ зикр шудаанд, метавонанд ба се равиш гурӯҳбандӣ карда

шаванд: 1) миқдорӣ (хронологӣ, шиносномавӣ); 2) сифатӣ (мазмунӣ); 3) миқдорӣ-сифатӣ (миқдорӣ-мазмунӣ).

Тарафдорони равиши миқдорӣ (хронологӣ, шиносномавӣ) дар мафҳуми «син» ҳамчун категорияи ҳуқуқии ҷиноятӣ сифати соли сипаринамудаи ҳаётро дар назар доранд. Ҳамин тавр, М.Й. Коржанский [101, с. 47] ва Е.Л. Стрелсов [139, с. 63] эътироф мекунанд, ки син – ин давраи муайяни ҳуқуқии ҳаёти инсон мебошад, ки тибқи ҳуҷҷатҳо муайян шуда, дар воҳидҳои вақт чен карда мешавад. М.М. Коченов ишора мекунад, ки мафҳуми «син»-ро дар қонун одатан дар як маъно истифода кардан мумкин аст – ҳамчун нишондиҳандаи миқдори вақти ҳаёти аз ҷониби инсон сипаришуда [257, с. 34]. В.М. Бурдин таъкид мекунад, ки «дар умум истилоҳи «син» барои ифодаи давомнокии ҳаёти сипаринамудаи инсон истифода мешавад. Аз ин рӯ, вақте сухан дар бораи синни инсон меравад, миқдори солҳое, ки ӯ то имрӯз дар ҳаёти худ сипарӣ кардааст, нишон дода мешавад. Бо вуҷуди ин, бо ин давраи гузашта метавон тағйироти гуногуни иҷтимоӣ, биологӣ ва дигарро вобаста кард, аммо аз ин моҳияти падида тағйир намеёбад – ин меъёри объективист, ки аз иродаи инсон вобаста нест ва рушди падидаҳои гуногуни иҷтимоиву табииро муайян мекунад. Ин маҳаки объективӣ барои нишон додани рушди намудҳои гуногуни падидаҳо истифода мешавад, вале аз ин сабаб на хусусиятҳои онҳоро соҳиб мегардад ва на аҳаммияти объективии худро аз даст медиҳад» [57, с. 224].

Ба назари тарафдорони равияи сифатӣ (мазмунӣ), синро мебояд бо дарназардошти инкишофёбии психофизиологии (руҳиву ҷисмонии – Ҳ.С.Ҳ.) шахс баррасӣ намуд. Ҳамин тавр, М.И. Ковалёв зикр мекунад, ки сатҳи инкишофёбии шуур, зеҳн ва ирода, яъне, қобилияти дарки ҷавобгарӣ, бо синни инсон вобаста аст. Бо вуҷуди ин, ҳамсин будан далели доштани сатҳи баробари рушди хурдсол, наврас ё ҷавон нест. Гузашта аз ин, ҷаҳони зеҳнии ҳар як наврас ба дараҷае хусусияти инфиродӣ дорад, ки шабоҳати ӯ ба ҳамсолонаш танҳо хусусияти умумӣ дошта метавонад. Рушди инсон дар ин давраи синнӣ, пеш аз ҳама, бо хусусиятҳои инфиродии биологии ӯ муайян

карда мешавад. Аз ин рӯ, ин муаллиф бар он назар аст, ки дар қонунгузорӣ набояд пешакӣ ҳудудҳои ҷавобгарӣ ва ҷавобгар набудани наврас муқаррар карда шаванд – ин масъала бояд дар ҳар ҳолати мушаххас ба таври инфиродӣ, бо роҳи гузаронидани экспертизаи дахлдор баррасӣ карда шавад [70, с. 94-95].

Дар доираи равиши миқдорӣ-сифатӣ (миқдорӣ-мазмунӣ), мафҳуми «синну сол» ҳамчун фосилаи хронологии вақт ва ҳам ҳамчун сатҳи рушди психофизикии шахс дар доираи ҳамин фосила фаҳмида мешавад. Масалан, Л.В. Борових бар он ақида аст, ки мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятии «синну сол» бояд тавассути маънои хронологӣ (миқдорӣ)-и он муайян карда шавад. Бо вуҷуди ин, дар шумораи солҳои сипаришудаи ҳаёт ҳамеша мазмуни сифатии ин давраҳо нуҳуфтааст, ки имкон медиҳад мафҳуми «синну сол»-ро ҳамчун даврае дар рушди инсон муайян кард, ки дараҷаи хосси ташаккули шахсиятро ифода мекунад ва аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун натиҷа ва ҳам ҳамчун марҳалаи рушди он эътироф мегардад [238, с. 8]. Ба чунин андешаҳо А.А. Байбарин низ ҳамфикр аст [50, с. 14]. В.В. Квак таъкид мекунад, ки «синну сол ҳамчун категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ – ин миқдори муайяни вақти аз ҷониби шахс сипаришуда мебошад, ки онро қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар кардааст, инчунин, дараҷаи рушди психологӣ, физиологӣ ва иҷтимоии ӯ мебошад, ки имконияти шахсро барои дарк ва идоракунии хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳои худ тавсиф мекунад» [175, с. 145]. Ба андешаи В.О. Галкин, синну сол – ин дараҷаи мушаххас ва нисбатан маҳдуди рушди руҳӣ мебошад. Он бо маҷмуи тағйироти қонунияти физиологӣ ва психологӣ, ки бо фарқиятҳои инфиродӣ алоқаманд набуда, барои ҳамаи одамони муқаррарии рушдёбанда маъмуланд, тавсиф карда мешавад [244, с. 33]. Р.И. Михеев мафҳуми «синну сол»-ро ба маънои васеъ ва маҳдуд муайян мекунад. Ба маънои васеъ, синну сол фосилаи тақвимии вақт аст, ки аз таваллуд то лаҳзаи муайяни хронологӣ дар ҳаёти инсон гузаштааст; дар маънои маҳдуд бошад, он давраи муайяни ҳолати психофизикии ҳаёти шахс

аст, ки бо тағйироти тиббию биологӣ, иҷтимоию психологӣ ва ҳуқуқӣ вобаста мебошад [262, с. 17].

Ҳамин тавр, набудани фаҳмиши ягонаи мафҳуми «син» боиси ба миён омадани равишҳои гуногун дар муайянсозии мафҳуми «синни субъекти ҷиноят» мегардад.

Мафҳум бо калима ё ибора ифода карда мешавад. Азбаски мафҳум ба тарзи муайян бо калима (ё ибора) алоқаманд аст, мазмуни он низ бо маъно – хусусияти муҳимми мантиқии калима (ё ибора) алоқаманд мебошад. Маъно нишон медиҳад, ки дар калима (ё ибора) кадом иттилоот дар бораи предмет мавҷуд аст [63, с. 21]. Ибораи «синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад» бо роҳи пайвастани калимаи умумии «синну сол» ва ибораи мустақилонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ «аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад» ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, барои муайян кардани он, ки кадом нишонаҳои муҳим мафҳуми «синни субъекти ҷиноят»-ро инъикос мекунанд, пеш аз ҳама, лозим аст маънои калимаи умумии «синну сол» возеҳ гардонда шавад.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи «син» аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои «теъдоди солҳо (-и умр)», «муддати умр» ва «сол» ифода мешавад [142, с. 240]. Дар фарҳанги номбурда калимаи «умр» низ аз забони арабӣ гирифта шуда, маъноиш «зистан», «зиндагонӣ», «ҳаёт» [142, с. 390] мебошад. Ҳамин тавр, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънои умумии калимаи «син» оварда мешавад, вале моро зарур аст танҳо ба синни инсон такя намоем. Аз мазмуни калимаи «син» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бармеояд, ки он соли сипаринамудаи ҳаёти инсонро дар назар дорад. Бинобар ин, ба назари мо, ба ҷойи ибораи «синну сол» дар қонунзузории ҷиноятӣ танҳо калимаи «син» истифода гардад, зеро ибораи «синну сол» мазмуни «соли соли ҳаёт»-ро ифода мекунад.

Бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмӣ маълум мегардад, ки синни инсон дар чор маъно истифода мешавад:

1. Синни хронологӣ (таҚвимӣ) – яъне синне, ки тибқи санаи таваллуд муайян мегардад;

2. Синни биологӣ – сатҳи воқеии ҷисмонии (физиологии) рушди инсон;

3. Синни иҷтимоӣ – мавқеи иҷтимоии инсон вобаста ба нақш ва вазифаҳои ӯ дар ҷомеа;

4. Синни психологӣ – дараҷаи рушди зеҳнӣ ва эҳсосии инсон.

Синни хронологӣ (таҚвимӣ) ё синни воқеии инсон нишондиҳандаи объективӣ мебошад, ки бо ҷараёни физикии вақт: сол, моҳ ва рӯзҳо чен карда мешавад [199, с. 22]. Синни инсонро ҳатто бо соатҳои зиндагӣ ҳисоб кардан мумкин аст, агар сана ва вақти таваллуди ӯ дақиқ маълум бошад, вале барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан муайян кардани синни инсон бо солҳо муҳим аст [164, с. 669]. Ба назари олимоне, ки аз муқаррар намудани ҳадди ақали синни субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ даст мекашанд, розӣ будан мумкин нест, зеро дар ин масъала зарур аст, ки ба як меъёри муайяни синнӣ такя шавад, на ин ки дар ҳар ҳолати алоҳида дараҷаи иҷтимоишавии кӯдак эътироф гардад [225, с. 92]. Муайян ва ба таври дақиқ дар қонунгузории ҷиноятӣ зикр намудани синни субъекти ҷиноят ба принсипи қонуният мувофиқ буда, яке аз унсурҳои муҳимми зоҳир гардидани инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ мебошад. Гузоштани ҳаллу фасли ин масъала ба ихтиёри суд метавонад боиси худсарӣ ва вайроншавии принсипи баробарӣ дар назди қонун гардад. Муқаррар гардидани ҳадди ақали синнӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ на танҳо яке аз шартҳои асосии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро муайян мекунад, балки, доираи синни муайянро ҳамчун даврае, ки дорои аҳаммияти муайяни ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, низ муайян месозад.

Синни биологии инсон мафҳуми моделӣ буда, ченаки мутобиқати сатҳи фаъолият ё кори системаҳои таркиби бадани инсон (морфофунксионалии инфиродӣ) ба меъёри миёнаомории аҳолии муайянро ифода менамояд. Он нобаробарии рушд, пуррагӣ ва пиршавии низомҳои гуногуни физиологӣ ва суръати тағйироти синниро дар қобилиятҳои мутобиқшавии организм инъикос мекунад [59, с. 9]. Дар ин радиф, М.И. Иброҳимзода зикр менамояд, ки «таркиби синну соли биологӣ тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳои махсус, ба монанди инкишофёбии устухонҳои бадан, зиёдшавии вазн

(камолёбӣ), пайдошавии дандонҳои (ширӣ), ва ҷараёни болиғшавӣ (ҷинсӣ) ва дигар марҳилаҳои биологӣ дар ҷараёни муайяни синну сол мукаммал мегарданд. Ҳар як аз ин ҷузъҳо гуногунии инфиродӣ дорад, ки бо хусусиятҳои генетикӣ, тарзи ҳаёт, омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ муайян мешавад. Масалан, пиршавии зудтарини системаи дилу раг ё инволюсия (пиршавии барвақт) функсияҳои кагнитивӣ метавонад нишон диҳад, ки байни синни биологӣ ва синни шиносоии шахсӣ нобаробарӣ вуҷуд дорад» [253, с. 19].

Синни иҷтимоии инсон нишондиҳандаи имкониятҳои касбӣ ва ҳудудҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ ин навъи синнӣ мавриди баррасӣ қарор намегирад, зеро он бо аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят фаро гирифта мешавад [140, с. 39-40; 246, с. 106].

Синни психологии инсон дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун сатҳи рушди руҳӣ фаҳмида мешавад. Қаблан зикр гардида буд, ки намояндагони равияи миқдорӣ-сифатӣ (миқдорӣ-мазмунӣ) бар он назаранд, ки сатҳи рушди руҳӣ бояд мазмуни мафҳуми «синни субъекти ҷиноят»-ро инъикос намояд. Х.Ғ. Ҷалолов бар он назар аст, ки «синну сол на танҳо маълумоти биографии шахсияти ҷиноятқорро инъикос менамояд, балки, инчунин, нишондиҳандаи хусусиятҳои амиқи иҷтимоӣ-психологӣ мебошад, аз ҷумла, хусусиятҳои ангеза, стратегияҳои рафтор ва дарки меъёрҳои ҳуқуқӣ» [247, с. 76].

В.М. Бурдин бар он назар аст, ки ҷудо намудани намудҳои гуногуни синни инсон вобаста ба он, ки кадом зуҳуроти рушдро нишон медиҳад, дуруст нест, зеро дар чунин ҳолат ба мафҳуми «син» нишонаҳои иловагии он зуҳуроте ворид карда мешаванд, ки худи син меъёри рушди онҳо мебошад. Ба андешаи ӯ, «дар ин сурат ҷойивазкунии мафҳумҳо ба амал меояд, ки боиси истифодаи нодурусти истилоҳот мегардад. Зеро худи синну сол меъёри рушди як қатор зуҳурот мебошад, на баръакс» [57, с. 223]. Ҳамчунин, А.П. Козлов таъкид мекунад, ки ҳар шахсе, ки ба синни муайян расидааст, дорои дараҷаи шахсии рушди ҷисмонӣ ва руҳӣ мебошад. Рушди ҷисмонӣ ва руҳӣ ба мазмуни мафҳуми «синни субъекти ҷиноят» дохил намешаванд, зеро

хусусияти инфиродӣ доранд ва ба таври умум онро тавсиф намекунанд: рушди ҷисмонӣ – дараҷаи тез шудани суръати рушди ҷисмонӣ ва ҷинсиро (акселератсияро) инъикос мекунад, дар ҳоле ки рушди руҳӣ дараҷаи мукаллафӣ ё номукаллафиро нишон медиҳад [71, с. 245].

Ҳамин тавр, мумкин аст нишонаҳои муҳимми мафҳуми «синни субъекти ҷиноят»-ро чунин муайян кард:

1. Он муҳлати муайяни тақвимӣ мебошад, ки миқдори солҳои гузашта, яъне, синни воқеии шахсро нишон медиҳад;

2. Хусусияти хосси синни субъекти ҷиноят дар он аст, ки арзиши ҳуқуқии ҷиноятии он аз лаҳзаи таваллуди шахс оғоз намеёбад, балки, аз он вақт сар мешавад, ки қонунгузор дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Аз ин рӯ, нишонаи муҳимми дигари ин мафҳум дар он аст, ки муҳлати он аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ муайяншуда оғоз мегардад;

3. Бо расидан ба шумораи муайяни солҳои гузашта (ба солҳои минбаъда пешомада), шахс метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мумкин аст чунин мафҳуми «синни субъекти ҷиноят» пешниҳод карда шавад: синни субъекти ҷиноят – ин миқдори муайяни солҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаест, ки дар сурати содир намудани ҷиноят бо расидан ба он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар м. 22 КҶ ҶТ синни поёнии (ҳадди ақали) ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст. Тибқи муқаррароти ин модда, «ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст (қ. 1 м. 22 КҶ ҶТ) ва шахсе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳсолагӣ расидааст, барои содир намудани баъзе ҷиноятҳо, ки дар қ. 2 м. 22 КҶ ҶТ номбар гардидаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд».

Ҳамин тавр, бо дарназардошти нуқтаи назари техникаи ҳуқуқӣ синни поёнии субъекти ҷиноят бо КҶ ҶТ аз ду ҷиҳат муқаррар карда мешавад:

1. Ҳамчун меъёри умумӣ, ки ба ҳамаи таркиби ҷиноятҳо хос мебошад;

2. Ҳамчун меъёри махсуси иловагӣ, ки барои баъзе таркиби ҷиноятҳо хос аст.

«Синни шонздаҳ, ки бо расидан ба он шахс метавонад барои содир намудани таркиби ҷиноятҳо аз ҷониби субъекти умумӣ ва махсус ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ синни ҳадди ақали умумии субъекти ҷиноят қабул шудааст. Синни чордаҳ, ки бо расидан ба он шахс метавонад барои содир кардани ҷиноятҳои муайян ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, ҳадди ақали камшудаи синни субъекти ҷиноят ҳисобида мешавад» [77, с. 148; 78, с. 71].

Дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ ду равиш ба масъалаи муқаррар кардани синни ҳадди поёнии субъекти ҷиноят ҷой дорад. Тарафдорони равиши аввал пешниҳод мекунанд, ки ба муқаррар кардани синни ҳадди поёнӣ фарқ карда шавад, яъне, синни субъекти ҷиноят барои ҳамаи таркиби ҷиноятҳо (умумӣ) ва синни субъекти ҷиноят барои таркиби алоҳидаи ҷиноятҳо (камшуда) муайян карда шавад. Пешниҳодҳои тарафдорони равиши аввалро ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид кардан мумкин аст.

Намояндагони гурӯҳи аввал, аз ҷумла, О.В. Василевский [241, с. 160], Т.О. Гончар [246, с. 101-103], С.Ф. Денисов [166, с. 123-129], Н.М. Мирошниченко [261, с. 84], О.Д. Ситковская [121, с. 114], И.В. Черненко [281, с. 71-72], муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҳадди поёнии синни субъекти ҷиноятҳоро дастгирӣ мекунанд ва онҳоро комилан асоснок мешуморанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда бо роҳи пурсиши саволнома нишон дод, ки аксарияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ яъне 76% пурсидашудагон, бар он назаранд, ки синни умумии ҳадди ақали субъекти ҷиноятро бояд бетағйир нигоҳ дошт; 18,5% ҷонибдори поён бурдани он ва 5% тарафдори баланд бардоштани он мебошанд (замимаи №1). Дар посух ба саволи «Оё Шумо розӣ ҳастед, ки синне, ки бо расидан ба он шахс барои содир намудани ҷиноятҳои пешбининамудаи қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад,

бояд поён бурда шавад?» – 83,5% пурсидашудагон ҷавоби «не» додаанд; 15% пурсидашудагон бошад, зарур аст синни ягонаи 16 муқаррар карда шавад ва 1,5% фикри худро пешниҳод карданд (замимаи №1).

Н.М. Мирошниченко «ҷонибдори мавқеи қонунгузор дар масъалаи муқаррар намудани синни ҳадди ақали субъекти ҷиноят буда, далелҳои асосии зеринро ба миён мегузорад: 1) санадҳои байналмилалӣ ба зарурати татбиқи тафриқагузорӣ дар муайян кардани синни субъекти ҷиноят ишора мекунанд; 2) ҷудо намудани гурӯҳҳои синнӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ дорои анъанаи таърихӣ мебошад. Аз замонҳои қадим синни субъекти таркиби ҷиноят вобаста ба сатҳи дарк ва бо мурури замон, вобаста ба намудҳои мушаххаси таркиби ҷиноят фарқ карда мешуд; 3) дар ҳолати татбиқи муносибати тафриқагузорӣ ҳангоми муайян намудани синни ҳадди ақали субъект, имкон пайдо мешавад, ки хусусияти дарки ноболиғон аз манъҳои ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои гуногуни синнӣ ба инобат гирифта шавад» [261, с. 84].

Нуқтаи назари Н.М. Мирошниченкоро қисман ҷонибдорӣ кардан мумкин аст. Дар КҶ ҶТ муқаррар намудани синни поёнии ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз талаботи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак (соли 1989) эътироф мешавад. Ҷудо намудани гурӯҳҳои синнӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ, воқеан дорои анъанаи таърихӣ мебошад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ асосҳои муайян кардани синни ҳадди ақали субъекти ҷиноят ба тарзҳои гуногун фаҳмонда мешаванд. Л.В. Боровиҳ ду гурӯҳи асосҳоро ҷудо мекунад: 1) Хусусиятҳои шахсият, ки имкон медиҳанд шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад (асоси зеҳнӣ – имконияти ҳадди ақал дарк намудани хусусияти кирдорҳои худ, робитаи рафтор бо муҳити атроф ва оқибатҳои он; асоси иродавӣ –қобилияти интихоби боирода ва қабули қарорҳо; 2) Хусусиятҳои рафтори криминологии гурӯҳҳои гуногуни синнӣ – устувории шаклҳои нави кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, паҳншавӣ ва тамоюли афзоиши онҳо [238, с. 12].

В.И. Розенко ва В.К. Матийчук бар он назаранд, ки синни ҳадди ақал бо дарназардошти маҷмуи омилҳо ва нишондодҳо муайян карда мешавад:

- омилҳои биологӣ – сатҳи инкишофи руҳӣ ва ҷисмонӣ, хусусиятҳои зеҳнӣ ва иродавӣ;

- омилҳои иҷтимоӣ – дараҷаи иҷтимоишавӣ (мавқеи шахс дар ҷомеа);

- нишондодҳои криминологӣ – паҳншавӣ ва вазнинии баъзе намудҳои кирдорҳо, инчунин, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ [112, с. 23].

Н.В. Артеменко бар ин назар аст, ки, пеш аз ҳама, бояд асоси психологӣ ҷой дошта бошад: қобилияти наврас барои дарк кардани рафтори худ ва идора кардани он дар ҳолати интихоб, яъне, қобилияти интихоб кардани рафтори дигар (алтернативӣ) ғайр аз рафтори зараровари қасдона [234, с. 151].

Н.М. Мирошниченко таъкид мекунад, ки дар навбати аввал, бояд хусусиятҳои шахсӣ ба назар гирифта шаванд: сатҳи шуур, қобилияти дарк кардани моҳияти кирдор ва ба ҷамъият хавфнокии он, инчунин, дараҷаи инкишофи иҷтимоӣ-психологӣ. Омилҳои иҷтимоӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ) метавонанд ба муайян кардани синни ҳадди ақал таъсир расонанд, вале танҳо ҳамчун ҳолатҳои иловагӣ [261, с. 71].

Бо дарназардошти асосҳои иброзгардида, мо ҷонибдори асосҳои маҷмуии онҳо мебошам, яъне, барои муқаррар кардани синни поёнии ҷавобгарии ҷиноятӣ – ба эътибор гирифтани хусусиятҳои шахсият, омилҳои биологӣ, иҷтимоӣ, нишондодҳои криминологӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Зикр намудан лозим аст, ки вобаста ба тафриқагузории синни ҳадди ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ барои баъзе таркиби ҷиноятҳои дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ овардашуда (ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо аз чордаҳсолагӣ фаро мерасад), як қатор мушкилоту нофаҳмӣ ҷой доранд. Ҳамин тавр, на дар КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 ва на дар КҶ ҶТ соли 1998 асосҳои тафриқагузории синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз чордаҳсолагӣ муқаррар нагардидааст. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ низ нуқтаи назари мутлақ ба

таври муайян ифода нагардидааст. Нуқтаи назари олимон низ пешниҳод мегардад, ки дар ин рӯйхат баъзе ҷиноятҳои дигар низ илова карда шаванд.

Мавқеи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, ки дар раванди пурсиши саволнома муайян гардид, ба саволи «Дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ - 22 моддаҳои Қисми махсус муқаррар гардидаанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо аз расидан ба 14-солагӣ оғоз мегардад. Оё зарурати тағёири ин моддаҳо ҷой дорад?» чунин ҷавоб доданд: 15% пурсидашудагон бар он назаранд, ки рӯйхати таркибҳои ҷиноятҳо бояд зиёд карда шавад; 72% ҷонибдори нигоҳ доштани он бетағйир мебошанд; 7% пешниҳод мекунанд, ки ин рӯйхат зиёд буда, камтар карда шавад; 5,5% ҷонибдори муқаррар намудани синни ягонаи ҳадди ақали субъекти таркиби ҷиноят аз 14-солагӣ мебошанд (замимаи №1).

Бояд зикр кард, ки имрӯз дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаи умумиэътирофшуда чунин аст, ки қонунгузор низ ҳангоми тартиб додани рӯйхати таркибҳои ҷиноятҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо аз синни чордаҳсолагӣ оғоз мегардад, такя намудааст: 1) сатҳи рушди зеҳнии шахс, ки далели қобилияти ӯ барои дар синни чордаҳсолагӣ дарк намудани хусусиятҳои воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳо (ки дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ зикршудаанд – Ҳ.С.Ҳ.) мебошад; 2) паҳншавии нисбатан зиёди чунин ҷиноятҳо миёни наврасон; 3) дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятии (вазнинии) аксари ин ҷиноятҳо [78, с. 71]. Ҳамаи ин асосҳо бояд дар маҷмуъ ва дар робита бо ҳам ба назар гирифта шаванд.

Дар баробари қабули КҶ ҶТ соли 1998, дар қ.2 м. 23 он барои 23 таркиби ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14-солагӣ муқаррар гардида буд. 17-уми майи соли 2004 №35 Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» [24] қабул гардил, ки тибқи он аз қ.2 м.23 КҶ ҶТ «кӯдаки навзоди худро куштани модар (м. 105)» хориҷ гардид ва минбаъд барои 22 таркиби ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14-солагӣ то ҳол боқӣ мондааст.

Яке аз асосҳое, ки субъекти ҷиноят аз 14-солагӣ фаро мерасад, ин ба назар гирифтани ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ба ҳисоб меравад, яъне, ба

инобат гирифтани вазнинии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳамин маҳакро ба асос гирифта, ҷиноятҳои дар Қисми махсуси КҶ ҶТ тасниф гардидаанд, ки онҳо дар м. 18 ин Кодекс ифода гардидаанд. Ҳангоми таҳлили ҷиноятҳои дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ муқарраргардида маълум мегардад, ки аксари онҳо ба ҷамъият хавфнокии вазнин ва махсусан вазнинро доро мебошанд. «Мутобиқи қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ, барои чунин ҷиноятҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14-солагӣ муқаррар гардидаанд: одамкушӣ (моддаи 104), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (моддаи 110), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (моддаи 111), одамрабоӣ (моддаи 130), таҷовуз ба номус (моддаи 138), кирдори зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 139), терроризм (моддаи 179), ғасби гаравгон (моддаи 181), тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (моддаи 199), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (моддаи 200), муносибатҳои ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 201), тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 202), парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда (моддаи 204), муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (моддаи 206), корношоям сохтани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳо (моддаи 214), авбошӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 237), дуздӣ (моддаи 244), ғоратгарӣ (моддаи 248), роҳзанӣ (моддаи 249), тамаъҷӯӣ (моддаи 250), ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (моддаи 252), қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми дуюми моддаи 255). Ҷиноятҳои мазкур бо дарназардошти категорияи ҷиноят (м. 18 КҶ ҶТ) чунин тасниф мегарданд»:

1. «Начандон вазнин: қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (қ. 1 м. 111), муносибатҳои ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (қ. 1 м. 201), парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои

моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда (қ. 1 м. 204), корношоям сохтани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳо (қ.қ. 1 ва 2 м. 214), дуздӣ (қ. 1 м. 244)».

2. «Миёна: қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (қ. 2 м. 111), тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (қ. 1 м. 199), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (қ. 1 м. 200), муносибатҳои ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (қ.қ. 2 ва 3 м. 201), тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (қ. 1 м. 202), парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда (қ. 2 м. 204), муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (қ. 1 м. 206), корношоям сохтани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳо (қ. 3 м. 214), авбошӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 2 м. 237), дуздӣ (қ. 2 м. 244), ғоратгарӣ (қ. 1 м. 248), ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (қ. 1 м. 252), қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 2 м. 255)».

3. «Вазнин: қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (қ.қ. 1 ва 2 м. 110), одамрабоӣ (қ.қ. 1 ва 2 м. 130), таҷовуз ба номус (қ.қ. 1 ва 2 м. 138), кирдори зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (қ.қ. 1 ва 2 м. 139), терроризм (қ. 1 м. 179), ғасби гаравгон (қ. 1 м. 181), тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (қ.қ. 2 ва 3 м. 199), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (қ. 2 ва 3 м. 200), муносибатҳои ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (қ. 4 м. 201), тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (қ. 2 м. 202), парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда (қ.қ. 3 ва 4 м. 204), муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (қ.қ. 2 ва 3 м. 206), авбошӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 3 м. 237), дуздӣ (қ. 3 ва 4 м. 244) ғоратгарӣ (қ.қ. 2 ва 3 м. 248), роҳзанӣ (қ.қ. 1 ва 2 м. 249), тамаъҷӯӣ (қ.қ. 1 ва 2

м. 250), ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (қ.қ. 2 ва 3 м. 252)».

4. «Махсусан вазнин: одамкушӣ (м. 104), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (қ. 3 м. 110), одамрабоӣ (қ. 3 м. 130), таҷовуз ба номус (қ. 3 м. 138), кирдори зӯроварии дорои хусусяти шаҳвонӣ (қ. 3 м. 139), терроризм (қ.қ. 2 ва 3 м. 179), ғасби гаравгон (қ.қ. 2 ва 3 м. 181), тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (қ. 4 м. 199), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (қ. 4 м. 200), тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (қ. 3 м. 202), ғоратгарӣ (қ. 4 м. 248), роҳзанӣ (қ.қ. 3 ва 4 м. 249), тамаъҷӯӣ (қ.қ. 3 ва 4 м. 250)».

Агар 22 таркиби ҷинояте, ки дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ муқарраргардидаро вобаста ба маҳаки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии таркиби ҷиноят (таркибҳои оддӣ, вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда) тасниф кунем, пас, ин модда 69 таркиби ҷиноятро (қисмҳои моддаҳоро) дар бар мегирад. Аз ин 69 таркибҳои оддӣ, бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ҷиноятҳо ба чунин категрияҳои ҷиноятҳо тасниф гардидаанд (замимаи №2):

1. Начандон вазнин: 6 таркиби ҷиноят, ки 8,7%-ро ташкил медиҳанд;

2. Миёна: 14 таркиби ҷиноят, ки 20,3%-ро ташкил медиҳанд;

3. Вазнин: 31 таркиби ҷиноят, ки 45%-ро ташкил медиҳанд;

4. Махсусан вазнин: 18 таркиби ҷиноят, ки 26%-ро ташкил медиҳанд.

Аз таснифи зикргардида маълум мешавад, ки миқдори нисбатан ками онҳоро 29% ҷиноятҳои начандон вазнину мийна ва аксари онҳоро – 71% ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил медиҳанд. Бинобар ин, дақиқан гуфта намешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо бо дарназардошти хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдор синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14 оғоз гардидааст. Дар КҶ ҶТ категорияҳои зиёди ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин муқаррар гардидаанд, ки барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ на аз 14-солагӣ, балки, аз 16-солагӣ муайян шудааст. Мисол, қ.қ. 3 ва 4 м. 301 КҶ ҶТ

(ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ), қ.қ.2 ва 3 м. 305 КҶ ҶТ (хиёнат ба давлат) ва ғайра.

Тарафдорони равиши дуюм пешниҳод мекунанд, ки ба муқаррар кардани синни ҳадди поёнӣ ягона муқаррар карда шавад, яъне, синни субъекти ҷиноят барои ҳамаи таркиби ҷиноятҳо (умумӣ) ва ҳам барои синни субъекти ҷиноят барои таркиби алоҳидаи ҷиноятҳо (камшуда) як хел муайян карда шавад. Ҳамин тавр, В.М. Бурдин эътироф мекунад, ки муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ба синни 11 расида барои содир намудани одамкушӣ, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, таҷовуз ба номус, ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонии ғайритабиӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, несту нобуд ё вайрон кардани объектҳои молумулкӣ, ҳамчунин, аз 14-солагӣ барои ҳамаи ҷиноятҳо, ба истисно аз ҷиноятҳое, ки барои содир намудан онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 18-солагӣ боло фаро мерасанд [56, с. 36-46]. А.А. Байбарин пешниҳод мекунад, ки шахсони ба синни 11 расида бояд барои содир намудани одамкушӣ, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд [50, с. 81-82].

В.Ф. Мороз қайд мекунад, ки наврасон дар синни аз 11 то 14 метавонанд танҳо дар он ҳолат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, ки агар онҳо ҷиноятҳои махсусан вазнини дорои хусусияти бераҳмона содир карда бошанд (масалан, одамкушӣ, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, таҷовуз ба номус, ҳаракатҳои қасдонае, ки метавонад боиси садамаи қатора гардад). Аммо, ба андешаи ин олим, қобилияти дарк кардани хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳои худ ва идора кардани онҳо бояд дар ҳар ҳолати ҷудогона бо роҳи гузаронидани экспертизаи махсус бо иштироки психологон ва психиатрҳо муайян карда шавад [263, с. 59]. М.Г. Андрюхин пешниҳод мекунад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 12 барои содир кардани як қатор кирдорҳои хавфнокии баланддошта, аз ҷумла, ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин муқаррар карда шавад. Ба ноболиғоне, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни 14 расидаанд, вале ба синни 16 нарасидаанд, ба назари ин

муаллиф, бояд барои ҳама ҷиноятҳои қасдона, ғайр аз ҷиноятҳои ба ҷамъият хавфнокиашон начандон вазнин, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад [233, с. 140-144]. Ҳамчунин, Л.В. Борових [238, с. 13-14], Л.В. Веселева [242, с. 65-66], Н.О. Селезнева [273, с. 28] нуқтаи назаре, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои як гурӯҳ ҷиноятҳо барои шахсони онро содирнамуда аз 12-солагӣ оғоз гардад, ҷонибдорӣ кардаанд. В.Г. Павлов ҷонибдори он аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои як қатор ҷиноятҳо аз 13-солагӣ фаро расад [107, с. 95].

Баъзе муҳаққиқон бар он назар мебошанд, ки синни ягонагии ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардида, тафриқагузории синни 14 ва 16-ро нопурра омӯхташуда эътироф мекунанд. Ҳамин тавр, М.З. Вовк бар он ақида аст, ки равияи синни ягонаи поёнии субъекти таркиби ҷиноят қобили ҷонибдорӣ мебошад, зеро он имконият медиҳад инкишофёбии инфиродии шахс ба инобат гирифта навад, на гурӯҳи муайяни ҷиноятҳои бештар паҳнгардида [243, с. 68]. Н.В. Ивансова дар радифи ин нуқтаи назар пешниҳод мекунад, ки барои содир намудани ҷиноят синни ягонаи поёнӣ аз 15 муқаррар карда шавад [174, с. 48].

Бо дарназардошти ба назар гирифтани принсипи инсондӯстӣ ва додани имконият ба хурдсолону ноболиғон ҷиҳати дар ҷамъият пурра устувор гардиданашон, мо аз ҷонибдорӣ ҷиҳати поён бурдани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ даст кашида, муқаррароти КҶ ҶТ оид ба синни умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ (аз 16-солагӣ) ва синни поёнии ҷавобгарии ҷиноятӣ (аз 14-солагӣ) бо инкишофёбии руҳиву ҷисмонӣ мувофиқ аст. Дар таҷриба ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки хурдсолони ба синни 14 нарасида низ кирдорҳоеро содир менамоянд, ки бо КҶ ҶТ ҳифз гардидаанд. Ҳамин тавр, тибқи омори расмии СМИТ ВКД ҶТ дар солҳои 2014 то 2025 – 122 ҳолат ба қайд гирифта шудааст: 2014 – 17; 2015 – 6; 2016 – 10; 2017 – 10; 2018 – 17; 2019 – 8; 2020 – 10; 2021 – 6; 2022 – 13; 2023 – 12; 2024 – 3; 2025 – 3 (замимаи №4). Аммо, ин маънои онро надорад, ки бояд синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 13 ва ё поёнтар расидан, муқаррар карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки мо пурра бо номгӯи ҷиноятҳое, ки дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд, розӣ буда наметавонем ва зарур мешуморем вобаста ба таснифи он ибрози андеша кунем. Ҳамин тавр, ҳангоми таҳлили ҷиноятҳои дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ муқарраргардида, аксари онҳо қасдона содир мешаванд ва танҳо як таркиби ҷиноят аз беэҳтиётӣ содир карда мешавад, ки ин корношоям сохтани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳо (м. 214 КҶ ҶТ) мебошад: 1) Хароб кардан, осеб расонидан ё бо усулу воситаҳои дигар барои истифода корношоям гардонидани воситаҳои нақлиёт, роҳҳо, воситаҳои огоҳонӣ ё алоқа ё дигар таҷҳизоти нақлиёт, ҳамчунин, муҳосираи роҳҳои нақлиёт, агар ин кирдор аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарари вазнин ё миёна ё зарари калон расонида бошад; 2) Ҳамин кирдор, агар аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон гашта бошад; 3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё зиёда шахсон гаштааст. Чунин оқибатҳо аз беэҳтиётӣ фаро расида, дар бисёр таркиби ҷиноятҳо айнан ва ё хавфноктар муқаррар гардидаанд (мисол, қ.қ. 2-5 м. 212 КҶ ҶТ). Дар Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ [9] (қ. 2 м. 22) низ эътирофи ин ҷиноят тавсия нагардидааст. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти дар м. 214 КҶ ҶТ муқарраргардида аз расидан ба синни 16 фаро расида, аз қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ бекор карда шавад.

Ҳамчунин, мутобиқи қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои авбошӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда (қ.қ. 2 ва 3 м. 237 КҶ ҶТ) аз 14-солагӣ муқаррар гардидааст. Аз мазмуни диспозитсияи қ.қ. 2 ва 3 м. 237 КҶ ҶТ бармеояд, ки на ҳамаи бандҳои дар онҳо муқарраргардида боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ба синни 14 расида шуда метавонанд. Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари вазнин (м. 110 КҶ ҶТ) ва миёна (м. 111 КҶ ҶТ) ба саломатӣ аз 14-солагӣ муқаррар гардида, ин дараҷаҳои зарар асоси эътирофи шахси 14-сола ҳамчун маҳаки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои авбошӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда (қ. 2 м. 237 КҶ ҶТ – зарари миёна ба саломатӣ ва қ. 3 м. 237 КҶ ҶТ – зарари вазнин ба саломатӣ) эътироф

мешавад. Ин нуқтаи назар дар асоси хулосабарории мантиқӣ ироа гардидааст. Бояд зикр намуд, ки ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи авбошӣ ғайр аз зарари вазнин ва миёна ба саломатӣ, инчунин, дар қ.қ. 2 ва 3 м. 237 КҶ ҶТ дигар ҳолатҳое ишора гардидаанд, ки асоси эътирофи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14-солагӣ буданашон баҳсбарангез эътироф мешаванд.

Дар қ. 2 м. 237 КҶ ҶТ «ғайр аз зарари миёна ба саломатӣ (б. «а»), инчунин, ҳолатҳои зерин муқаррар гардидаанд: аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил ё такроран (б. «б»); бо нишон додани муқобилият ба намояндаи ҳокимият ё дигар шахсе, ки вазифаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро ба уҳда дорад ё ба шахсе, ки ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ монеъ шудааст (б «в»); бо бешармии хосса, ки дар беэътиноии ошкоро нисбати меъёрҳои қабулшудаи одобу ахлоқ ифода ёфтаанд (б. «г»)». Дар қ. 3 моддаи болозикр, ғайр аз зарари вазнин ба саломатӣ (б. «а»), инчунин, ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок (б. «б») муқаррар гардидааст.

Агар «гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил ё такроран» ба асос гирифта шаванд, пас, қонунгузорро зарур меояд, ки бо дарназардошти ин ҳолатҳо, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳама ҳолатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷиноятҳо бо ҳолатҳои вазнинкунандаи меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ (агар пешбинӣ шуда бошанд) аз синни 14 муқаррар карда шаванд, ки ин муносибат ба дигар меъёрҳои эътирофи субъекти ҷиноят аз 14-солагӣ мувофиқат намекунад.

Муқобилият ба намояндаи ҳокимият ё дигар шахсе, ки вазифаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро ба уҳда дорад ё ба шахсе, ки ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ монеъ шудааст, ҳамчун меъёри эътирофи ҷавобгарии ҷиноятии субъекти 14-солаи ҷиноят баромад намекунад, зеро дар худи меъёри махсуси қонунгузории ҷиноятӣ (м.м. 328-332 КҶ ҶТ) ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 16-солагӣ муқаррар гардидааст.

Бо бешармии махсус, ки дар беэътиноии ошкоро нисбати меъёрҳои қабулшудаи одобу ахлоқ ифода ёфтаанд, ҳамчун маҳаки эътирофи субъекти 14-сола ба он асос эътироф намешавад, ки на ҳамаи ноболиғони 14 ва 15-сола аз ҷиҳати инкишофёбии руҳӣ ва иҷтимоишавии онҳо ба пуррагӣ онро дарк ва эҳсос карда метавонанд.

Ҳамчунин, бояд зикр намуд, ки дар б. «а» қ. 4 м. 21 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки доғи судӣ барои ҷинояте, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад. Аз ин муқаррарот бармеояд, ки б. «б» қ. 3 м. 237 КҶ ҶТ ба шахсони 14-17-сола татбиқ намегардад ва бо б. «а» қ. 4 м. 21 КҶ ҶТ мухолиф аст. Дар қ. 4 м. 4 КҶ ҶТ нишон дода шудааст, ки «мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад». Агар ба дақиқии матни диспозитсияи қ.қ. 2 ва 3 м. 237 КҶ ҶТ такя кунем, пас, барои ҳамаи бандҳои он ноболиғони 14 ва 15-сола ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Бо дарназардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар матни қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ ба ҷойи ибораи «қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 237» ибораи «банди «а» қисми 2 ва банди «а» қисми 3 моддаи 237» иваз карда шавад.

Дар илми ҳуқуқии ҷиноятӣ нуқтаи назаре пешниҳод гардидааст, ки тибқи он дар Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятии ҶТ меъёрҳое ҷой доранд, ки бо дарназардошти хусусияти ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14-солагӣ муқаррар карда шавад, ҳол он ки, барои онҳо шахси ба синни 16 расида ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Ҳамин тавр, Н.А. Қудратов бар он назар аст, ки «синни субъект ҷинояти дар м. 310 КҶ ҶТ муқарраргардида (таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ) бо мазмуни м. 23 КҶ ҶТ мувофиқат намекунад. Ба ақидаи ӯ, «агар таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятиро мо ҳамчун куштор баҳо диҳем, пас, тибқи моддаи зикргардида, барои куштор ҷавобгарӣ аз чордаҳсолагӣ оғоз мешавад. Дар асоси м. 23 КҶ ҶТ барои куштори арбоби давлатӣ мо наметавонем аз синни шонздаҳсолагӣ поёнро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашем. Амалияи ҷалб кардани таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар КҶ Қазоқистон (моддаи 15 КҶ Украина

(моддаи 22) ба таври возеҳ пешбинӣ шудааст). Дар асоси ин, муҳаққиқ пешниҳод мекунад, ки ба қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ оид ба ворид намудани м. 310 КҶ ҶТ чораҳо андешида шавад» [176, с. 194]. Ин нуқтаи назарро Т.Ю. Маркова низ иброз намудааст [231, с. 153]. М.М. Акилова тасдиқ менамояд, ки «синну соли субъект (16-сола – Ҳ.С.Ҳ.), ба фикри мо, бо мазмуни тарафи объективии м. 310 КҶ ҶТ мувофиқат намекунад. Объективан оқибатҳои воқеии таҷовуз фаро расидани марг ва ба саломатии ҷабрдида дараҷаи гуногуни зарар расонида бошад, пас, синну соли субъекти ҷиноят низ бо ҷиноятҳои одамкушӣ (м. 104 ва расонидани зарари вазнин ё дараҷаи миёна ба саломатӣ моддаҳои 110-111 КҶ ҶТ) мувофиқ бошад. Дар баробари ин, муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии ҶТ аз 14-солагӣ муқаррар карда шавад» [231, с. 153-154].

Мо низ нуқтаи назари муаллифони болозикрро пурра ҷонибдорӣ намуда, чунин пешниҳодро зарур мешуморем, ки дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ м. 310 КҶ ҶТ (таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) илова карда шавад, зеро воқеан, ҳангоми содир намудани ҷинояти дар м. 310 КҶ ҶТ дар баробари таҷовуз ба объекти бевоситаи асосӣ – «асосҳои сохти конституцсионӣ ва амнияти давлат», ба объекти иловагӣ – «ҳаёти шахс - арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ» низ зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба миён меояд. Дар ин ҷо бояд ҳатман ба инобат гирифт, ки арбоби давлатӣ, пеш аз ҳама, инсон мебошад. Агар мо эътироф кунем, ки аз ҷиҳати инкишофёбии психологӣ-иҷтимоӣ шахси 14-сола хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк карда наметавонист, яъне, «асосҳои сохти конституцсионӣ чист?», «амнияти ва иқтидори мудофиавии давлат дар чӣ ифода мегардид?», «арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ чӣ гуна мавқеъ дорад?», пас, шахси 14-сола дарк намуда истодааст, ки ба ҳаёти инсон таҷовуз мекунад, бинобар ин, дар ҳолати мазкур низ бояд бо қ. 1 м. 104 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Дар ҷараёни баргузории пурсишнома миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ муайян карда шуд, ки ба саволи «Оё муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз синни 14-солагӣ зарур аст?» 79 фоизи иштирокчиён посухи мусбат дода, онро бо он асоснок намуданд, ки арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, инсон буда, ҳаёти ӯ ҳамчун объекти бо қонунгузорӣ ҳифзшаванда эътироф мегардад. Дар баробари ин, 21 фоизи пурсидашудагон ҷавоби манфӣ пешниҳод намуда, иброз доштанд, ки шахси 14-сола на ҳамеша қобилияти пурраи дарк намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорро доро мебошад (замимаи №1).

Дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ бархе аз олимон мафҳуми «синни ҳадди ақали баландтари субъекти ҷиноят»-ро шарҳ медиҳанд, яъне, чунин мешуморанд, ки субъекти умумии баъзе таркибҳои ҷиноят, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, метавонанд танҳо шахсоне бошанд, ки ба синни 18 расидаанд [155, с. 87]. Ба ин масъала Пленуми Суди Олии ҶТ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар б. 8 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» аз 12-уми декабри соли 2002 №6 таъкид гардидааст, ки «барои ҷалби ноболиғ ба содир намудани ҷиноят (моддаи 165 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ё ҷалби онҳо ба содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ (моддаи 166 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), шахсони ба синни 18-солагӣ расида ва ҷиноятро қасдона содиркарда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд» [40]. Аз ин бармеояд, ки субъекти ҷиноятҳои дар м.м. 165 ва 166 КҶ ҶТ муқарраргардида танҳо шахси воқеие буда метавонад, ки ба синни 18 расида бошад.

Доир ба синни поёнии ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят ё ҷалби онҳо ба содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ нуқтаи назари илмии ягона ҷой надорад. Ҳамин тавр, як гурӯҳ олимон бар он назаранд, ки субъекти таркиби ҷиноятҳои мавриди таҳлил қароргирифта метавонад шахсе бошад, ки ба синни 16 расидааст [182, с. 585; 235, с. 110; 275, с. 133]. Гурӯҳи

дигари муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки субъекти он танҳо шахсе буда метавонад, ки ба синни 18 расидааст [248, с. 163; 267, с. 12; 268, с. 14; 269, с. 8].

«Олимоне, ки вобаста ба ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят ё ҷалби онҳо ба содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ дастур воситаи таълимӣ ва илмӣ [45, с. 69, 75; 46, с. 54, 59], китоби дарсӣ [145, с. 2432, 435] ё тафсир ба КҶ ҶТ [129, с. 327-328, 330] таълиф намудаанд, субъекти онрҳоро шахси то синни 18 расида эътироф кардаанд».

«Олимони бар он назарбуда, ки субъекти ҷинояти дар моддаҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятӣ пешбинишуда метавонад танҳо шахсе бошад, ки ба синни 18 расидааст, одатан мавқеи худро бо далелҳои муфассал асос намекунанд». В.М. Бурдин зикр менамояд, ки объекти ин таркиби ҷиноят муносибатҳое мебошанд, ки бо рушди муътадили ноболиғ – рушди ҷисмонӣ, руҳӣ ва (ё) иҷтимоии ӯ алоқаманданд. Ба андешаи ӯ розӣ шудан мумкин аст, зеро мавқеи қонунгузор дар ин масъала асоснок буда, давлат бояд ба насли ояндаи худ ғамхории махсус зоҳир намояд ва барои ҳамин қоидаҳое муқаррар мекунад, ки ба ҳифзи мустаҳками ноболиғон равона шудаанд. Ӯ зикр менамояд, ки ин гуна ҳифз, пеш аз ҳама, барои ҳимояи ноболиғон аз шахсоне пешбинӣ шудааст, ки аллакай ҳамчун шахсияти ташаккулёфта эътироф мешаванд. Ба ибораи дигар, дар чунин ҳолат объект аз дахолати зиддиҳуқуқии зараровари шахсоне ҳифз мегардад, ки худ дигар зери чунин ҳимоя қарор надоранд, яъне, – болиғон [56, с. 47-48].

А.А. Байбарин бар он назар аст, ки агар кирдори ҳаммонандро (ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят – Ҳ.С.Ҳ.) «шахсе содир намояд, ки ҳанӯз ба синни 18 нарасидааст, пас, онро ҳамчун таҷовуз ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда равонагардида эътироф кардан мумкин нест, зеро ба гуфтаи ӯ, тибқи мантиқи қонун, чунин қасд танҳо аз «берун» – яъне аз ҷониби шахси болиғ – содир мегардад» [50, с. 105].

Вобаста ба субъекти ҷиноятҳои дар м.м. 165 ва 166 КҶ ҶТ муқарраргардида, мо низ эътироф менамоем, ки субъекти ҷиноят аз расидан ба синни 18 оғоз мешавад. Ҳамин тавр, субъекти ин ҷиноятҳо набояд бо ҷабрдидаи он ҳамсин бошанд. Барои он ки субъект ин ҷиноятҳо тавонад ба ҷабрдида таъсири муайян расонида, ба объекти бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда (инкишофёбии муътадили руҳиву ҷисмонии ноболиғон) зарар расонад, ӯ бояд аз ҷиҳати руҳиву ҷисмонӣ сатҳе болотар, яъне, рушдёфтатар бошад. Ҳамчунин, бояд ёдовар гардид, ки дар диспозитсияи м.м. 165 ва 166 КҶ ҶТ «ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидан» махсусан зикр гардидааст, ки барои нодуруст бандубаст кардан имкон намедиҳад.

Чунин нуқтаи назари ироагардида ба муқаррароти субъекти ҷиноятҳои дар қ. 2 м. 241 КҶ ҶТ (паҳн намудан, намоиши оммавӣ ё рекламаи мавод ё предметҳои порнографӣ дар байни ноболиғон ва ё ҷалб намудани ноболиғ ба муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ) ва м. 241(2) КҶ ҶТ (истифодаи ноболиғ бо мақсади истеҳсол намудани мавод ё предметҳои порнографӣ) пешбинигардида низ дахл дорад.

Қобили зикр аст, ки дар меъёрҳои Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ ҳолатҳое муқаррар гардидаанд, ки агарчи ба синни 18 расидани субъекти ҷиноятро нишон надода бошанд ҳам, аммо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо аз 18-сола болотарро талаб мекунад. Мисол, м.м. 375, 376 ва ғайра.

Дар б «в» қ. 2 м. 241(2) ҷабрдидаи ҷиноят шахси «баръало ба синни чордаҳ нарасида» эътироф гардидааст. Талаботи меъёри махсус умумӣ буда, субъекти ҷиноят бояд ба синни 18 расида бошад. Муҳаққиқ М.З. Вовк бар он назар аст, ки агар ҷабрдидаи ҷиноят хурдсол (ба синни 14 нарасида – Ҳ.С.Ҳ.) бошад, пас, субъекти таркиби ҷиноят бояд аз лаҳзаи ба синни 16 расидан эътироф карда шавад. Номбурда зикр мекунад, ки шахси ба синни 16 расида аз ҷиҳати инкишофёбии психологӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ нисбат ба хурдсол дараҷае болотар аст [243, с. 80]. Нуқтаи назари М.З. Вовк аз он ҷиҳат қобили ҷонибдорӣ аст, ки агар қонунгузор инкишофёбии ҷисмонӣ, руҳиву иҷтимоии шахси ба синни 18 расидаро нисбат ба шахсони то 18-сола рушдёфтатар

эътироф карда бошад, пас, мантиқ тақозо мекунад, ки дар ҳолати ҷабрдида хурдсоли ба синни 14 нарасида бошад, пас, субъекти он бояд шахси ба синни 16 расида эътироф карда шавад.

Бо дарназардошти баррасии нуқтаи назар оид ба синни поёнии 18, зарур мешуморем, ки он дар қ. 3 м. 23 КҶ ҶТ бо ишора ба моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

Дар КҶ ҶТ 14-17-солагӣ синне мебошад, ки ҳамчун ноболиғ эътироф гардидааст. Ҳамин тавр, мутобиқи қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд, вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд». Аз ин мафҳум бармеояд, ки қонунгузор синни ноболиғиро аз оғоз 14 ва хотима 17 дар назар дошта, расидан ба синни 18 ноболиғ эътироф намешавад. Бо мафҳуми «ноболиғ», ки дар қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ оварда шудааст, розӣ шудан мумкин нест, зеро он ба муқаррароти қ.қ. 1 ва 2 м. 23 КҶ ҶТ мухолифат мекунад ва агар дақиқан ба матни он такя кунем (қ.4 м. 4 КҶ ҶТ), пас, ба иштибоҳ роҳ медиҳем.

Оғози ҷавобгарии ҷиноятӣ бо расидан ба синни муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ (14 ва 16) рост меояд, вале дар қ. 1 м. 86 синни ноболиғиро на бо «расидан ба синни 14», балки, бо «пур кардани синни 14» ифода гардидааст. Тибқи «б. 7 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» дар вақти муайян кардани синну соли ноболиғ дар назар доштан зарур аст, ки шахс ба синну соле, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки, аз соати сифри шабонарӯзи дигар мерасад». Аз ин бармеояд, ки рӯзи зодрӯз – рӯзи охири 13-солагӣ (барои эътирофи синни 14 ҳамчун оғози синни ноболиғӣ) эътироф мешавад ва аз соати 00:01 баъдан ба 14-солагӣ расида ҳисобида мешавад. Ибораи «чордаҳсолагиро пур кардан» маънои «расидан ба синни 14»-ро ифода карда наметавонад. «Чордаҳсолагиро пур кардан» маънои онро дорад, ки шахс пас аз ба синни 14 расидан (оғози 14-солагӣ) бояд дар ҳаёти худ боз 365 (366 агар моҳи феврал

29 рӯзро дар бар гирад) рӯзро паси сар кунад. Яъне, дар назар дорем, ки «солро пур кард». Вақте ки инсон таваллуд мешавад, то рӯзи дигари таваллуди меомадааш 1-сола эътироф нашуда, он дар аввал бо рӯз ва минбаъд бо ҳафтаву моҳ ҳисоб мешавад ва танҳо пас аз пур кардани яксолагӣ (рӯзи охири соли таваллуд), баъд ба синни 2 мерасад.

Бо дарназардошти ин нуқтаи назар пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми «ноболиғ», ки дар қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, дар чунин шакл ифода карда шавад: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳ расидаанд, вале ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд».

Аз пурсишномаи гузаронидашуда (замимаи №1) маълум гардид, ки 74,5% пурсидашудагон ин пешниҳодро ҷонибдорӣ карда, 25% матни амалкунандаи қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ-ро интихоб намудаанд ва 1 нафар – 0,5% фикри шахсии худро пешниҳод кардааст.

Дар м. 23 КҶ ҶТ синни ҳадди ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардида, синни ҳадди аксари он пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин, новобаста аз синни пирӣ ё дарозумрӣ, шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Доир ба ин масъала назарсанҷӣ миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ гузаронида шуд. Ҳамин тавр, ба саволи «Оё зарур аст дар КҶ ҶТ синни болоии ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки расидан ба он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашавад, муқаррар гардад?», 75% пурсидашудагон ҷавоби «не» ва 24,5% пурсидашудагон ҷавоби «ҳо» пешниҳод карданд ва 1 нафар – 0,5% фикри худро чунин пешниҳод кардааст: «шахси воқеии мукаллаф бошад ва дар синни 100 (сад) ҳам ҷиноят содир кунад, субъекти ҷиноят эътироф гардад» (замимаи №1).

Оид ба ин масъала ҳуқуқшиносон, психологҳо ва кормандони соҳаи тиб андешаҳои мухталиф доранд, ки ин ҳолат аз зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъала шаҳодат медиҳад. Ба андешаи Л.В. Борових, лозим аст, ки барои

ҷавобгарии ҷиноятии шахсони пиронсол ҳангоми содир намудани ҷиноят, механизми махсуси ҳуқуқии ҷиноятӣ таҳия гардад [54, с. 85].

А.А. Байбарин бар он назар аст, ки агар шахси синнаш ба пирӣ расида (65-сола) ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин содир карда, тағйироти номатлуби руҳӣ дошта бошад, ки дар натиҷаи тағйироти бебозгашти синнӣ ба вуҷуд омадаанд ва бо парешонҳолии руҳӣ алоқаманд нестанд, суд бояд қарор қабул намояд, ки чунин шахс ба муассисаи иҷтимоии махсус ҷойгир карда шавад. Дар ҳолате ки шахси синнаш ба пирӣ расида, дучори тағйироти номатлуби руҳӣ аз тағйироти бебозгашти синнӣ аст, вале ҷинояти дараҷаи начандон вазнин ё миёна содир кардааст, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Дар чунин ҳолат, суд бо дарназардошти маълумот дар бораи шахсият, хусусияти кирдори содиршуда ва эҳтимоли ҷой доштани такроран содир намудани ҷиноят, метавонад қарор дар бораи ҷойгир намудани чунин шахс ба муассисаи иҷтимоии махсус қабул намояд [50, с. 147]. В.М. Бурдин ба ақидаи А.А. Байбарин мухолиф баромада, «зикр менамояд, ки муҳаққиқ ҳангоми баррасии масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсе, ки дар натиҷаи пиршавии синнӣ дучори тағйироти психофизиологӣ (заифиҳои пирӣ) шудааст ба саҳв роҳ дода, онро аз дараҷаи вазнинии ҷинояти содирнамуда вобаста месозад». Ба гуфтаи ӯ, барои муайян кардани масъалаи номукаллафӣ на вазнинии ҷиноят, балки, дар вақти содир намудани ҷиноят қобилияти шахс дар идоракунӣ аз ҷиҳати зеҳнӣ ва иродавии рафтораш аҳаммият дорад. Агар шахс дар вақти содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок онро дарк ва идора карда натавонад, пас, новобаста аз он ки ҷинояти содиркардааш вазнин аст ё не, ӯ бояд номукаллаф ҳисобида шавад [57, с. 387-388].

О.Д. Ситковская ба пиршавии синнӣ ҳамчун унсури аномалияи руҳӣ ишора намуда, таъкид мекунад, ки чунин ҳолат метавонад ҷавобгарии ҷиноятиро истисно кунад. «Аз ин рӯ, ӯ пешниҳод мекунад, ки қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятии шахси синнаш ба пирӣ расидаро истисно намоянд, агар дар натиҷаи пиршавии физиологӣ, ки бо бемории

(парешонҳолии) руҳӣ вобаста набуда, шахс дар вақти содир кардани кирдори муайян натавонист хусусияти кирдори худро дарк ё онҳоро идора кунад» [121, с. 124]. Ин пешниҳод аз ҷониби олимон қобили қабул дониста нашуда, баръакс, мавриди интиқод қарор гирифт. Аз ҷумла, О.В. Барсукова чунин мешуморад, ки дар чунин ҳолатҳо дурусттар аст, ки шахс ҳамчун номукаллаф шинохта шавад ва дар натиҷа ҷалби ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ номумкин гардад [237, с. 144].

Ба гуфтаи В.М. Бурдин, агар пиршавии психофизиологӣ ҳамчун сабаби мустақили номукаллафӣ ҷудо карда шавад, он дар асл бо дигар сабабҳои номукаллафӣ такрор меёбад ва аҳаммияти мустақили ҳуқуқии он аз байн меравад. Аз ин рӯ, муҳаққиқ бар он назар аст, ки барои ҷудо кардани пиршавии психофизиологӣ ҳамчун сабаби мустақили номукаллафӣ асоси кофӣ вуҷуд надорад, зеро таъсири равандҳои синнӣ ба фаъолияти зеҳнӣ ва иродавии шахс метавонад дар доираи дигар сабабҳои номукаллафӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Ғайр аз ин, мавҷудияти чунин сабаб дар амал метавонад боиси он гардад, ки шахсони пиронсол бо мақсади раҳоӣ аз ҷавобгарӣ, шикоятҳои худро оид ба саломатиашон муболиға намоянд, ки ин бошад, гузаронидани экспертизаҳои иловагиро дар ҳар ҳолат талаб намуда, раванди татбиқи қонунро душвор мегардонад [57, с. 389-390].

А.В. Андрушко таъкид менамояд, ки муайян намудани синни ҳадди аксари субъекти таркиби ҷиноят қобили қабул нест, зеро хусусиятҳои тағйироти психофизиологӣ дар одамони синнашон калон хусусияти инфиродӣ доранд. Ба фарқ аз синни ҳадди ақали субъекти таркиби ҷиноят, муайян кардани синни ҳадди аксар барои ҳамаи ҳолатҳо «барои ҳама умр» ғайриимкон аст. Агар дар мавриди шахсоне, ки ҳанӯз ба синне нарасидаанд, ки бо расидан ба он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, ҳолати номукаллафӣ вобаста ба синну сол ҳамчун ҳолати пешбинишуда ҳисобида шавад, пас, дар мавриди шахсони пиронсол сухан бештар дар бораи навъҳои гуногуни парешонҳолии руҳӣ меравад, ки ба баъзе муҳаққиқон имкон медиҳад аз рӯйи ҳаммонандӣ (аналогӣ) баҳо диҳанд. Дар амал мисолҳои зиёде маълуманд, ки

ҳатто дар синни хеле пиронсолӣ (85–90-сола ва аз он боло) одамон, бо вуҷуди аз даст додани саломатии ҷисмонӣ, қобилияти зеҳниро пурра ҳифз мекарданд. Ҳамчунин, мисолҳое мавҷуданд, ки шахсон, бо расидан ба пирии зиёд, фаъолияти эҷодии самаранокро идома дода, ҳатто «нафаси дуюм»-и зеҳнӣ пайдо мекарданд ва ғайра. Аз ин рӯ, қобилияти чунин шахсон дар дарки ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва идора кардани онҳо бояд дар ҳар ҳолати мушаххас тавассути гузаронидани экспертизаи махсус бо иштироки психологон ва психиатрҳо муайян карда шавад [47, с. 110].

Бояд зикр кард, ки субъектҳои таркибҳои ҷиноят, ки дар баъзе моддаҳои КҶ ҶТ, ки субъекти махсус мебошанд, синни ҳадди аксари онҳо аз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бармеояд ва бинобар ин, дар амал ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо воқеан ғайриимкон мегардад. Мисол, дар м. 349 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ муқаррар гардидааст. Субъекти ин ҷиноят махсус – судя аст. Тибқи талаботи қ. 3 м. 12 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [20], синни ниҳоии дар вазифаи судя будан барои занон 58 ва барои мардон 63 мебошад.

Оид ба муайян кардани синни ҳадди аксари субъекти ҷиноят нуқтаи назари он муҳаққиқоне, ки онро ба мақсад мувофиқ намеҳисобанд, розӣ ҳастем. Тағйироти равонӣ ва физиологӣ дар одамон ба таври инфиродӣ сурат мегирад, бинобар ин, синни тақвимӣ на ҳамеша метавонад ҳолати равонӣ ва физиологии шахсро инъикос намояд.

Бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, нуқтаи назари олимон ва баррасии синни субъекти ҷиноят чунин пешниҳодҳоро ба мақсад мувофиқ мешуморем:

1. Номи моддаи 23 КҶ ҶТ «Синни субъекти ҷиноят» ифода карда шавад;

2. Синни субъекти ҷиноят – ин миқдори муайяни солҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаест, ки дар сурати содир намудани ҷиноят бо расидан ба он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

3. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти дар м. 214 КҶ ҶТ муқарраргардида аз расидан ба синни 16 эътироф гардида, аз қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ бекор карда шавад.

4. Дар матни қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ ба ҷойи ибораи «қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 237» ибораи «банди «а» қисми 2 ва банди «а» қисми 3 моддаи 237» иваз карда шавад;

5. Дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ «моддаи 310 КҶ ҶТ (таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» илова карда шавад;

6. Мафҳуми «ноболиғ», ки дар қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, дар чунин таҳрир ифода карда шавад: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳ расидаанд, вале ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд».

3.2. Мушаххас намудани хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунанда

Барои муайян кардани синни субъекти махсуси ҷиноят, зарур мешуморем, ки бо дарназардошти доктрина ва муқаррароти қонунгузории ҷиноятии кишварҳое, ки ин мафҳумро мустаҳкам кардаанд, худи мафҳуми «субъекти махсуси ҷиноят» шарҳ дода шавад.

Ҳарчанд, ки доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми «субъекти махсуси ҷиноят»-ро қабул кардааст, вале то ҳол дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ он муқаррар нагардидааст. Аз рӯйи таснифи доктриналии субъекти махсуси ҷиноят маълум мегардад, ки дар мавридҳои зиёде субъекти махсуси ҷиноят ба синни 14 ва 16 низ расида бошад. Мисол, субъекти таҷовуз ба номус (м.138 КҶ ҶТ) аз рӯйи «ҷинс» танҳо марде буда метавонад, ки ба синни 14 расидааст. О.И. Сайдализода дуруст зикр намудааст, ки «дар қонунгузории ҷиноятии кишвар мавҷуд набудани мафҳум ва аломатҳои субъекти махсус таҳқиқи масъалаи мазкурро боз ҳам мубрам менамояд» [271, с. 74].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти махсуси ҷиноят эътироф шудааст, вале то ҳол байни олимон доир ба мафҳуми умумиэътирофшудаи он нуқтаи назари гуногун иброз гардида, мафҳум ва таснифи ягонаи он ҷой надорад.

Ҳамин тавр, доир ба мафҳуми «субъекти махсуси ҷиноят» Ғ.С. Сатторов [146, с. 120] ва С.А. Файзиев [279, с. 138] зикр намудаанд, ки «субъекти махсус ин шахсест, ки ба ғайр аз аломатҳои умумӣ (синну сол ва мукаллафӣ) дорои аломатҳои махсуси иловагӣ мебошад. Аломатҳои иловагии субъекти махсус дар худи диспозитсияҳои меъёри дахлдори ҷиноятҳои алоҳида тасвир карда шудааст ё ин ки ба тариқи шарҳ додан муқаррар шудаанд».

С.Н. Насриддинзода дар мафҳуми «субъекти махсуси ҷиноят» ишора намудааст, ки «субъекти махсуси ҷиноят шахсе ҳисоб мешавад, ки дар қатори аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дорои боз аломатҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд» [266, с. 107].

О.И. Сайдализода бар он назар аст, ки «бинобар гуногунӣ ва хусусияти махсуси аломатҳои субъектҳои махсуси ҷиноят, ки бо таркибҳои мушаххаси ҷиноят ва тасвири қонунгузории онҳо вобаста мебошанд, номбар намудани ҳамаи чунин аломатҳо дар умум дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ ғайриимкон аст. Барои ҳамин, кофист қайд карда шавад, ки ба ҷуз аломатҳои умумӣ, субъект бояд дорои хусусиятҳои махсуси бевосита дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда бошад» [271, с. 15]. Ӯ дар рисолаи илмии худ таснифоти гуногуни субъекти махсуси ҷиноятро аз олимони [53, с. 75; 111, с. 243; 113, с. 215; 181, с. 45] ҳуқуқи ҷиноятӣ манзур намуда, доир ба он нуқтаи назари худро [271, с. 86-99] ироа кардааст. «Номбурда ҳамаи аломатҳои субъекти махсусро, ки дар меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ба гурӯҳҳои зерин тасниф кардааст: 1) аз рӯйи мақоми давлатӣ-ҳуқуқӣ: шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд; 2) аз рӯйи аломатҳои демографӣ: ҷинс - мард; синну сол – шахсони болиғ; 3) аз рӯйи муносибатҳои оилавӣ, хешутаборӣ: падару модар ва шахсони ивазкунандаи онҳо, фарзандон; 4) дар робита ба уҳдадориҳои ҳарбӣ: даъватшаванда; хизматчии ҳарбӣ ва шахси ба хизмати

ҳарбӣ уҳдадор; 5) аз рӯйи мавқеи хизматӣ: шахси мансабдор; 6) аз рӯйи вазифаи хизматии шахсоне, ки дар сохторҳои махсуси давлатӣ кор мекунанд: муфаттиш, прокурор, судя, корманди милитсия; 7) аз рӯйи хусусияти кори иҷрошуда: шахсе, ки ба ӯ бо сабаби хизмат ё кор маълумоти сирри давлатӣ дошта бовар карда шудааст» [271, с. 86-99]. Дар ҷилди I китоби дарсии ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) [144, с. 176-177], «субъекти ҷиноятро ба 11 қисмат тасниф намудаем: - аз рӯйи ҳолати давлатӣ-ҳуқуқӣ: шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд; - аз рӯйи нишонаҳои демографӣ: ҷинс – мард; синну сол – ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидан; - аз рӯйи муносибатҳои оилавӣ, хешутаборӣ; - аз рӯйи мақоми мансабӣ; - аз рӯйи муносибат ба уҳдадорӣ; - аз рӯйи вазифаи касбӣ; - аз рӯйи хусусияти кори иҷро мекарда; - аз рӯйи мансабӣ; - аз рӯйи уҳдадориҳо нисбат ба давлат; - аз рӯйи вазъияти махсуси ҷабрдида; - аз рӯйи вазъияти махсусе, ки ба содир намудани ҷиноят алоқаманд аст».

Ҳамин тавр, ба назари мо, субъекти махсуси ҷиноят – ин шахси воқеии мукаллафи ба синни муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ расидае ба ҳисоб меравад, ки дорои аломати иловагии дар диспозитсияи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ баёнгардида мебошад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ шахси воқеӣ, мукаллаф ва синни ҷавобгарии ҷиноятии бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраргардидаро – субъекти умумии ҷиноят эътироф шудааст ва ғайр аз ин аломатҳои иловагӣ ба субъекти махсус хос аст. Аз ин бармеояд, ки субъекти махсуси ҷиноят дорои ҳамон аломатҳоест, ки ба субъекти умумии ҷиноят хоссанд, инчунин, дорои ҳадди ақал як аломати иловагии махсус мебошад. Чунин аломатҳои махсус ё бевосита дар диспозитсияи моддаи Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ нишон дода мешаванд ё аз мазмуни он бармеоянд.

Қобили зикр аст, ки вобаста ба хусусияти баъзе ҷиноятҳо, субъекти махсуси онҳоро тасниф намудан мумкин аст. Ҳамин тавр, А.И. Сафарзода «субъекти махсуси ҷинояти монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкориро чунин тасниф кардааст: 1) субъекти радди ғайриқонунии

бақайдгирӣ ё саркашӣ аз бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ, корхона ё корхонаи тиҷоратӣ; 2) субъекти радди ғайриқонунӣ аз додани иҷозатномаи махсус (литсензия) ё саркашӣ аз додани чунин иҷозатнома ҷиҳати татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ; 3) субъекти ғайриқонунӣ маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ ё дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти онҳо» [125, с. 289-290; 204, с. 85].

Яке аз аломатҳои умумие, ки ба субъекти махсуси ҷиноят хос аст, ин расидан ба синнест, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад. Агар ба матни қ.қ. 1 ва 2 м. 23 КҶ ҶТ таваҷҷуҳ зоҳир кунем, пас, маълум мегардад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни 14 ва 16 расидааст, вале зикр нагардидааст, ки маҳз аз ин син барои ҳамаи ҷиноятҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад. Дар қ. 3 м. 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки «Дар ҳолатҳои алоҳидаи дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида танҳо он шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки аз синни шонздаҳсола болотар аст». Синни нисбатан баланди субъекти ҷиноят метавонад бо аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят муайян ва асоснок карда шавад. Аз ҷумла, В.И. Терентев таъкид мекунад, ки дар шароити кунунӣ зарурати тафриқагузорӣ ҳангоми муайян намудани ченакҳои синнии ҷавобгарии ҷиноятӣ вуҷуд дорад. Ин маҳакҳо, аз як тараф, қодир будан ва омодагии шахсро ҷиҳати амалигардонии мақсадҳои гузошташуда ва аз тарафи дигар – синнеро, ки қонун аз он лаҳза иҷозати иҷрои вазифаҳои муайяни касбӣ, ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайянро медиҳад, ба инобат мегиранд [130, с. 115-116].

Барои субъектҳои махсуси таркибҳои ҷиноятҳои гуногун – синни ҳадди ақали онҳо аз ҳамдигар фарқ карда, бо расидан ба он дар вақти содир намудани ҷинояти мушаххас ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад.

Аз таҳлили Қисми махсуси КҶ ҶТ хулоса баровардан мумкин аст, ки дар баъзе таркиби ҷиноятҳо чунин субъектҳои махсус нишон дода шудаанд (Замимаи №3):

1) модар; 2) падар; 3) васӣ, парастон; 4) хешовандони наздики ҷабрдида; 5) шахси вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ба зиммааш гузошташуда; 6) дигар намояндаи қонунӣ ё дигар шахсе, ки кӯдак доимӣ ё муваққатӣ дар парастории вай мебошад; 7) омӯзгор; 8) корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ; 9) фарзандон; 10) мард; 11) шахсони ба ҷабрдида наздик; 12) корманди тиб; 13) бемор ё барандаи ин ё он вирус; 14) шахсе, ки вазифадор буд мутобиқи қонун ё қоидаҳои махсус ёрӣ расонад; 15) шахси ба синни ҳаждаҳ расида; 16) шахсе, ки тибқи қонун ба зиммааш ҳифз, таъмин, огоҳкунӣ ва риояи ин ё он қоидаҳо гузошта шудааст; 17) шаҳрванди ҶТ; 18) шахси бешаҳрванди доимо дар ҶТ истиқоматкунанда; 19) шаҳрванди хориҷӣ; 20) шахси бешаҳрванд; 21) таҳқиқбаранда; 22) муфаттиш; 23) прокурор; 24) суд; 25) шоҳид; 26) шахси холис; 27) ҷабрдида; 28) коршинос (эксперт), мутахассис; 29) тарҷумон; 30) ҳимоятгар (адвокат); 31) шахси дар парванда иштирокдошта ё намояндаи ӯ; 32) узви комиссияи интихоботӣ, гурӯҳи ташаббускор ё комиссия оид ба гузаронидани раъйпурсӣ; 33) шахсони ишғолкунандаи мансабҳои давлатии ҶТ; 34) шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ; 35) шахси мансабдор; 36) хизматчии давлатӣ; 37) хизматчии давлатӣ, ки шахси мансабдор намебошад; 38) хизматчии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; 39) хизматчии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот; 40) намояндаи ҳокимият; 41) шахсе, ки роҳбарии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ба уҳда дорад; 42) шахси дорои мақоми хизматӣ; 43) шахсе, ки ба сирри давлатӣ иҷозат дорад ё маълумоти дорои сирри давлатӣ ба ӯ бовар карда шудааст ё вобаста ба хизмат ё кор ба ӯ маълум гардидааст; 44) корфармо, молик, роҳбари корхона, муассиса ё ташкилот; 45) кредитгиранда; 46) муассиси шахси ҳуқуқӣ; 47) коршиноси қарзӣ (эксперти кредитӣ); 48) соҳибкори инфиродӣ; 49) субъектҳои хоҷагидор; 50) шахсе, ки барои риоя кардани қоидаҳои нархгузорӣ, баргузории савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (ауксион) масъул мебошад; 51) рекламадиҳанда; 52) шахсе, ки сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ вобаста ба

фаъолияти касбӣ ё хизматиаш маълум буд; 53) кормандони ташкилотҳое, ки бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд; 54) шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад; 55) варзишгарон, доварони варзиш, устодон, роҳбарони дастаҳо ё дигар иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои варзишии касбӣ, ташкилотчиён ё аъзои доварони (жюрии) озмунҳои намоиши тиҷоратӣ; 56) шахсе, ки мувофиқи қонун барои баровардан ва паҳн кардани қоғазҳои қиматнок ваколатдоранд; 57) шахсе, ки ҷиҳати ба ҳудуди ҶТ барнагардонидани сарватҳои бадеӣ, таърихӣ ё бостоншиносии халқҳои ҶТ ва мамлакатҳои хориҷӣ уҳдадор аст; 58) муҳосиб (бухгалтер); 59) аудитор; 60) нотариус; 61) судяи ҳакамӣ, ё арбитри арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ; 62) шахсе, ки ба истифодаи системаи ё шабакаи компютерӣ ҳуқуқи даромаданро дорад; 63) хизматчии корхона, сарфи назар аз шакли моликият; 64) шахси ваколатдори ВКД ҶТ оид ба додани рухсатнома ва ё иҷозатнома; 65) шахси адокунандаи ҷазо дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ; 66) шахси дорои уҳдадории ҳарбӣ; 67) шахси ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванд; 68) шахсе, ки хизмати ҳарбиро адо намудааст ва барои сафарбарӣ ба Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ даъват шудааст; 69) шахсе, ки молу мулки рӯйхатшуда ё ба он ҳабс гузошташударо ба вай бовар карда супурда шудааст, ҳамчунин, хизматчиёни ташкилотҳои кредитӣ; 70) шахси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда; 71) шахсе, ки ҷазоро адо мекунад ё дар ҳабси пешакӣ мебошад; 72) хизматчии ҳарбӣ; 73) шахсе, ки дар низои мусаллаҳи ҳарбӣ иштирок мекунад.

Ҳамаи субъектони махсуси таркибҳои ҷиноятҳои зикргардидаро вобаста аз хусусиятҳои хосси «синнӣ» ба се гурӯҳ тақсим намуданро ба мақсад мувофиқ меҳисобем:

1) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси ҷиноятро бо дарназардошти таҳлили м. 23 КҶ ҶТ муқаррар кардан мумкин аст;

2) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ё бо дарназардошти таҳлили худи ҳамон ҷиноятҳо муқаррар кардан мумкин аст;

3) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидааст.

Дар гурӯҳи аввал, субъекти махсуси ҷиноятҳое дар назар дошта мешаванд, ки синни ҳадди ақали онҳоро бо роҳи таҳлили м. 23 КҶ ҶТ муқаррар карда мешаванд. Ҳамин тавр, он ҷиноятҳое, ки дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ номбар гардидаанд, ба хулоса омадан мумкин аст, ки танҳо як таркиби ҷиноят дорои аломати субъекти махсус мебошад. Субъекти махсуси ҷинояти пешбининамудаи м. 138 КҶ ҶТ, метавонад танҳо шахси ҷинси муқобил нисбат ба ҷабрдида бошад, яъне, мард бошад, аммо ба ақидаи Н.Ҷ. Назарзода ва П.А. Насуриён ҳангоми содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон, ҳамиҷрокунандагон метавонад шахси ҳамон ҷинс – зан низ бошад [147, с. 38-39]. Ҳамчунин, агар зан дар содир намудани таҷовуз ба номус шахси ба синни 14 нарасида ё номукаллафро истифода барад, пас, тибқи муқаррароти қ. 2 м. 36 КҶ ҶТ ҳамчун иҷрокунандаи таҷовуз ба номус ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар гурӯҳи дуюм, субъекти махсуси ҷиноятҳое дар назар дошта мешаванд, ки синни ҳадди ақали онҳо бо таҳлили моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар онҳо низ нишон дода шудаанд, муқаррар карда мешавад. Бахусус, дар КҶ ҶТ ишора ба чунин субъектҳои махсуси ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон дарҷ гардидааст: узви комиссияи интихоботӣ, гурӯҳи ташаббускор ё комиссия оид ба гузаронидани раъйпурсӣ (м. 151 КҶ ҶТ).

Мутобиқи м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19-уми июли соли 2019, № 1642, «Узви Комиссия шахсе интихоб шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 соли охир истиқомати доимӣ дошта, забони давлатиро донад» [26]. Узви Комиссияи вакилони халқи ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, шаҳрванди ҶТ, ки ҳуқуқи интихоб карданро дорад, тибқи м. 2 Қонуни конституцсионии

ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» аз 10-уми декабри соли 1999, № 858, ба синни 18 расида бошад [16]. Мутобиқи м. 3 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4-уми ноябри соли 1995, № 106, дар раъйпурсӣ шаҳрвандони ҶТ, ки синашон ба 18 расидаасту мувофиқи қонунҳои ҶТ ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, иштирок карда метавонанд [19]. Ҳамчунин, дар м. 2 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [17] аз 21-уми июли соли 1994, № 1042, муқаррар гардидааст, ки шаҳрвандони ҶТ, ки то рӯзи интихобот ба синни 18 расидаанд, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мул, ҳуқуқи дар интихоботи Президенти ҶТ иштирок карданро доранд.

Субъекти баъзе аз таркибҳои ҷиноят танҳо он гуна шахсоне буда метавонанд, ки бо ҷабрдида дар муносибатҳои оилавӣ, хешутаборӣ ё робитаҳои вобаста ба тарбия, нигоҳубин ва таъминоти моддӣ қарор доранд, аз ҷумла: модар (м. 105; б «в» қ. 2 м. 141; б «в» қ. 2 м. 142; қ. 2 м. 165; қ. 2 м. 166; м. 167; м. 168; м. 174; м. 177; б. «а» қ. 2 м. 241(1) КҶ ҶТ); падар (б «в» қ. 2 м. 141; б «в» қ. 2 м. 142; қ. 2 м. 165; қ. 2 м. 166; м. 167; м. 168; м. 174; м. 177; б. «а» қ. 2 м. 241(1) КҶ ҶТ); васӣ ё парастон (м. 167; м. 168; м. 176 КҶ ҶТ); хешовандони наздики ҷабрдида (б «в» қ. 3 м. 139 КҶ ҶТ); шахси вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ба зиммааш гузошташуда (б «в» қ. 2 м. 141; б «в» қ. 2 м. 142; қ. 2 м. 165; қ. 2 м. 166; м. 174; б. «а» қ. 2 м. 241(1) КҶ ҶТ); дигар намояндаи қонунӣ ё дигар шахсе, ки кӯдак доимӣ ё муваққатӣ дар парастории вай мебошад (м. 167 КҶ ҶТ); фарзанд (м. 178 КҶ ҶТ); шахсони ба ҷабрдида наздик (б. «в» қ. 2 м. 138 КҶ ҶТ).

Дар қонунгузорӣ дақиқан муқаррар нагардидааст, ки падар ё модар бояд чандсола бошанд. Дар м. 16 Кодекси оилаи ҶТ муқаррар гардидааст, ки синни никоҳ аз 18 муқаррар карда шудааст, вале ин маънои аз падарӣ ё модарӣ маҳрум будани шахсони то 18-соларо надорад ва бо дарназардошти талаботи м. 61 ҳамин Кодекс, ноболиғони то 18-сола низ падар ё модар шуда

метавонанд: волидони ноболиғ ҳуқуқ доранд бо кӯдак мустақилона зиндагӣ кунанд ва дар тарбияи ӯ иштирок намоянд (қ. 1); волидони ноболиғ, ки никоҳ набастаанд, дар сурати таваллуд шудани кӯдак ҳақ доранд пас аз расидан ба синни ҳабдаҳсолагӣ мустақилона ҳуқуқи падару модарии худро татбиқ намоянд. То ба синни ҳабдаҳсолагӣ расидани волидони ноболиғ ба кӯдак васӣ таъйин шуданаш мумкин аст, ки якҷоя бо волидони ноболиғ тарбияи кӯдакро анҷом медиҳад (қ. 2). Новобаста аз он, ки аз синни 14 ё 15 падар ё модар шаванд ҳам, дар сурати ҷиноятҳои зикргардидаро содир намуданашон ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 16-солагӣ фаро мерасад. Чи тавре дар зербоби 3.1. ишора намуда будем, то қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» 17-уми майи соли 2004, №35 [24], барои кӯдаки навзоди худро куштани модар (м. 105 КҶ ҶТ) ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14-солагӣ муқаррар мегардид, ки пас аз он аз синни 16 фаро мерасад. З.Ҷ. Маҷидзода ва Ф.Р. Шарифзода низ тасдиқ менамоянд, ки субъекти ҷинояти кӯдаки навзоди худро куштани модар (м. 105 КҶ ҶТ) махсус – танҳо модари ҳамин кӯдак шуда метавонад [145, с. 40].

Ба сифати шахсе, ки вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ба зиммааш гузошта шудааст, шахси ба фарзандхондӣ қабулкунанда баромад карда метавонад. Ин шахсон бояд шаҳрвандони ҶТ ба синни балоғатрасида (18-сола) бошанд (м. 127 КО ҶТ). Фарқияти синни шахси ба фарзандхондӣ қабулкунанда, ки оиладор нест ва фарзандхондшаванда бояд аз ҳабдаҳ сол кам набошад (қ. 1 м. 128 КО ҶТ). Мисол, фарзандхондшаванда ба синни 5 расида бошад, пас, шахси ба фарзандхондӣ қабулкунанда бояд аз синни 22 кам набошад, агар қабулкунанда (зан ё мард) оиладор набошад. Ин фосилаи синнӣ барои ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдак аз ҷониби падарандар (модарандар) зарур нест (қ. 2 м. 128 КО ҶТ).

Тибқи муқаррароти қ. 2 м. 36 Кодекси мадании ҶТ [6], танҳо шахсони воқеии ба балоғатрасидаи дорои қобилияти пурраи амалкунӣ васӣ ё парастор таъйин шуда метавонанд, яъне, ба синни 18 расида бошанд.

Мутобиқи м. 88 КО ҶТ, фарзандони болиғи қобили меҳнат ухдадоранд, ки волидони ғайри қобили меҳнати ба кумак муҳтоҷи худро нигоҳубин намоянд ва нисбат ба онҳо ғамхор бошанд. Маҳз бо дарназардошти ин муқаррарот, ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 178 КҶ ҶТ фаро мерасад, ки субъекти махсуси он – фарзандони ба синни 18 расида мебошанд.

Омӯзгор (б «в» қ. 2 м. 141, б «в» қ. 2 м. 142, қ. 2 м. 165, м. 174, б. «а» қ. 2 м. 241(1) КҶ ҶТ) ё корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ (м. 174, б. «а» қ. 2 м. 241(1) КҶ ҶТ) ҳамчун субъекти махсус шахсе буда метавонад, ки дорои таҳсилоти миёнаи махсус ва олӣ бошад. Таҳсилоти миёнаи махсус 3 сол ва олӣ 4 (ё 5) сол муқаррар гардидааст ва мантиқ тақозо мекунад, ки синни ҳадди ақали омӯзгор ва корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ ба синни 19 расида мебошанд.

Ғайр аз м. 138 КҶ ҶТ, инчунин, дар дузанагӣ ва серзанагӣ (м. 170 КҶ ҶТ) низ субъекти ҷиноят махсус – мард мебошад. Синни никоҳие, ки дар м. 13 КО ҶТ муқаррар гардидааст (18 ва дар ҳолатҳои истисноӣ – 17), ба синни ин ҷиноят таъсир расонида наметавонад, зеро дар диспозитсияи м. 170 КҶ ҶТ оид ба никоҳ доштани мард чизе ишора нашуда, ифода гардидааст, ки «бо ду ё якчанд зан зиндагонӣ кардан бо пешбарии хоҷагии умумӣ». Бинобар ин, ба қ. 1 м. 23 КҶ ҶТ такя намуда, синни ин мард аз расидан ба 16 эътироф мешавад.

Синни ҳадди ақали баъзе субъекти махсуси ҷиноят дар Қисми махсуси КҶ ҶТ аз 18 (қ.қ. 1, 3 ва 4 м. 165, қ.қ. 1 ва 3 м. 166, қ. 2 м 241, м. 241(2) КҶ ҶТ) муқаррар гардидааст.

Субъекти баъзе аз ҷиноятҳо, шахсе ба ҳисоб меравад, ки молу мулк ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад (м. 245 КҶ ҶТ) ё шахсе, ки молу мулки рӯйхатшуда ё ба он ҳабс гузошташударо ба вай бовар карда супурда шудааст, ҳамчунин, хизматчиёни ташкилотҳои кредитӣ (м. 362 КҶ ҶТ). Дар м. 14 Кодекси меҳнати ҶТ [7] муқаррар гардидааст, ки шартнома дар бораи ҷавобгарии моддӣ танҳо бо шахсоне баста мешавад, ки ба синни 18 расидаанд. Тибқи м. 214 Кодекси мадании ҶТ, бо кормандони ба

синни 18 нарасида бастани шартнома оид ба ҷавобгарии пурраи моддӣ манъ аст. Н.Н. Акмалзода зикр намудааст, ки «аз маводҳои парвандаҳои ҷиноятии мавриди омӯзиш қарордодаи мо ягон ҳолате пайдо нашуд, ки дар он ноболиғ ба сифати субъекти ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ баромад намуда бошад». Новобаста аз ин, ӯ зикр намудааст, ки ҷовобгарӣ аз синни 16 фаро мерасад ва инро асоснок меҳисобад. Зикр мекунад, ки «он далел, ки субъекти ҷинояти мазкур ба синни бо қонунгузории меҳнат талабшавандаи 18-солагӣ нарасидааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ таъсир намерасонад» [232, с. 135-136].

Шахсе, ки молу мулки рӯйхатшуда ё ба он ҳабс гузошташуда ба вай бовар карда супурда шудааст, тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 8-уми июни соли 2022, № 1873 «нигоҳдоранда» эътироф мешавад. Мутобиқи муқаррароти б. «12» м. 1 ин Қонун, нигоҳдоранда - шахсе, ки ба ӯ иҷрочии мақомоти иҷро молу мулки ба рӯйхат гирифта ё ҳабсшударо барои нигоҳ доштан супоридааст ва барои истифода, исроф, бегона ё пинҳон намудани ин молу мулк масъулият дорад [25]. Иҷрочии мақомоти иҷро ба нигоҳдоранда мулки рӯйхатшуда ё ба он ҳабс гузошташударо дар асоси шартнома вогузор мекунад. Нигоҳдоранда даъвогар, ҷавобгар ва ҳам шахси дигар шуда метавонад, ки тибқи қонунгузории маданӣ ба синни 18 расида бошад.

Кодекси мадании ҶТ дар м. 947 муқаррар менамояд, ки **м**аблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда танҳо бо санади судӣ ва бо қарори мақомоти иҷро аз рӯйи ҳуҷҷати иҷро ҳабс шуданашон мумкин аст (қ. 1). Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» [33] аз 18-уми майи соли 2009, № 644 дар м. 48 муқаррар менамояд, ки ҳангоми ҳабс намудани маблағҳои пулии дар суратҳисобҳои бонкӣ буда, ташкилоти қарзӣ фавран амалиёти додани онро дар доираи маблаге, ки ҳабс карда шудааст, қатъ мекунад (қ. 10) ва ҳангоми ҳабс намудани ашёи қиматбаҳои дигаре, ки дар ташкилоти қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд, ташкилоти қарзӣ додани онҳоро ба соҳибонаш қатъ менамояд (қ. 11). Тибқи озмунҳои Бонки миллии Тоҷикистон [291] барои ишғоли вазифаҳои холӣ дар ин низом танҳо шахсоне буда метавонанд, ки

таҳсилоти олии иқтисодиро доро ҳастанд. Шахсе таҳсилоти олиро соҳиб мегардад, ки пас аз хатми мактаби миёнаи умумӣ, боз чор (бакалавр) ё панҷ (мутахассис) сол донишгоҳи олиро хатм кунад, ки дар ин ҳолат ба синни 21 (ё 22) мерасад.

Шахсе, ки соҳибкор шуда метавонад, дар м.м. 266, 269, 271 КҶ ҶТ ҳамчун субъекти махсус эътироф гардидааст.

Мутобиқи м. 28 Кодекси мадании ҶТ, агар ноболиғи ба синни шонздаҳрасида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ё бо розигии намояндагони қонунӣ ба соҳибкорӣ машғул шавад, мумкин аст дорои қобилияти пурраи амалкунӣ (эмансипатсия) эътироф карда шавад. Он бо қарори мақомоти васояту парасторӣ ё дар сурати набудани чунин розигӣ, бо санади судӣ сурат мегирад. Бинобар, ин ноболиғи ба синни 16 расида субъекти махсуси ҷиноятҳои номбаршуда, аз ҷумла, м. 245 КҶ ҶТ эътироф мешавад. Муҳаққиқон К.Ҳ. Солиев ва Р.Ҳ. Раҳимзода эътироф намудаанд, ки субъекти м. 245 КҶ ҶТ «махсус буда, шахси ба синни 16 расида» [123, с. 33] эътироф мешавад.

Субъекти бархе аз таркиби ҷиноятҳо шахсе мебошад, ки ба сирри давлатӣ иҷозат дорад ё маълумоти дорои сирри давлатӣ ба ӯ бовар карда шудааст ё вобаста ба хизмат ё кор ба ӯ маълум гардидааст (м.м. 311, 312 КҶ ҶТ).

Маълумоти дорои сирри давлатии «махфӣ», «комилан махфӣ» ва «фавқулодда муҳим» тибқи м. 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» [29] ба шаҳрвандони қобили амали ҶТ, ки ба синни 18 расидаанд, пешниҳод карда мешавад.

Дар м.м. 349, 354 КҶ ҶТ бевосита ба судя ишора намудааст, ки ӯ ҳамчун субъекти махсуси ин ҷиноятҳо баромад мекунад. М. 85 Конституцсияи ҶТ [1] ва қ. 2 м. 12 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [20] муқаррар менамоянд, ки ба вазифаи судя танҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, забонҳои давлатӣ ва хориҷиро донад, хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро (ба

истиснои занон, инчунин, мардоне, ки билети ҳарбӣ доранд, ба ғайр аз онҳое, ки хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо кардаанд) адо карда бошад ва синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Н.А. Ғаффорӣ низ зикр намудааст, ки «танҳо шахси ба синни 30 ва 25 расида судя шуда метавонад» [60 с. 118].

С.Е. Дидик таъкид менамояд, ки «синни ҷавобгарии ҷиноятии судяҳо ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят вобаста ба зинаҳои низоми судӣ тафриқагузорӣ мегардад (суди маҳаллӣ, суди аппелятсионӣ ва Суди Олӣ)» [249, с. 88]. Бо ин нуқтаи назар метавон мувофиқат намуд, зеро тибқи моддаи 85 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 1 моддаи 12 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди олии иқтисодӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе танҳо шахсе интихоб ё таъйин карда мешавад, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ бошад, забонҳои давлатӣ ва хориҷиро донад, синну соли ӯ на камтар аз 30 солро ташкил диҳад ва ҳадди ақал панҷ соли собиқаи кории судягӣ дошта бошад. Ин талаботи қонунӣ вобастагии мустақими мақоми махсуси судяро бо сатҳи касбӣ, таҷриба ва синну сол тасдиқ менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки судя ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои дар м.м. 133 ва 354 КҶ ҶТ муқарраргардида баромад карда метавонад.

Субъекти баъзе таркиби ҷиноят шахси адокунандаи ҷазо дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ (м. 332 КҶ ҶТ), шахси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда (м. 364 КҶ ҶТ), шахсе, ки ҷазоро адо мекунад ё дар ҳабси пешакӣ мебошад (м. 365) баромад мекунад. Субъекти ҷинояти дар м.м. 332 ва 364 КҶ ҶТ махсус буда, танҳо шахсе буда метавонад, ки ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо мекунад. Аз мазмуни м. 23 КҶ ҶТ бармеояд, ки синни ин субъекти махсус расидан ба 16 (ғайр аз ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, зеро таибқи талаботи м. 58 (1) КҶ ҶТ ин намуди ҷазо ба ноболиғон таъйин карда намешавад) эътироф мешавад. Маҳкумшудагоне, ки дар вақти адои

ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар синни 14 ва 15 кирдорҳои дар диспозитсияи м.м. 332, 364 ва 365 КҶ ҶТ муқарраргардидаро содир мекунанд, бо ин моддаҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд, зеро дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ ба ин моддаҳо ишора нагардидааст.

Субъекти ҷиноятҳои ҳарбӣ – хизматчии ҳарбӣ (б «г» қ. 2 м. 179, б. «б» қ. 2 м. 305, б. «б» қ. 2 м. 306 ва м.м. 367-393 КҶ ҶТ), шахси ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда (м. 343 КҶ ҶТ); шахси дорои уҳдадории ҳарбӣ (м. 343 КҶ ҶТ) ва шахсе, ки хизмати ҳарбиро адо намудааст ва барои сафарбарӣ ба Қуввоҳои мусаллаҳи ҶТ даъват шудааст (м. 344 КҶ ҶТ), буда метавонанд. Дар м. 366 КҶ ҶТ субъектони ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ муқаррар гардидааст: хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар асоси даъват ё бо тартиби ихтиёрӣ дар Қуввоҳои мусаллаҳи ҶТ ва дигар сохторҳои ҳарбии ҶТ адои хизмат мекунанд, ҳамчунин, шаҳрвандони дар эҳтиётбуда, ҳангоми гузаштани ҷамъомадҳои ҳарбӣ ё шахсоне, ки мутобиқи қонунҳои ҷорӣ мақоми хизматии ҳарбӣ доранд.

«Мутобиқи муқаррароти сархати 3 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» [31], хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок – намуди хизмати ҳарбии шаҳрвандони ҶТ (ҷинси мард) эътироф мешавад, ки ба синни 18 расидаанд ва даъвати онҳо ба сафи Қуввоҳои Мусаллаҳи ҶТ, қӯшунҳо ва воҳидҳои дигари ҳарбӣ дар мансаби ҳарбии қаторӣ, сержантон ва афсарон дар муҳлат ва бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур амалӣ мегардад».

Дар баъзе таркиби ҷиноятҳо вобаста ба табаият, субъекти махсус танҳо шаҳрванди ҶТ (м.м. 305, 401(1) КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди ҶТ истиқоматкунанда (м. 401(1) КҶ ҶТ), шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд (м. 308 КҶ ҶТ) буда метавонанд. Қонунгузории ҶТ ягон ҳолатро оид ба синни ин шахсон муқаррар накардааст, бинобар ин, субъекти ин ҷиноятҳо аз 16-солагӣ барои содир намудани онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Шахсе, ки мубталои вируси норасои масъунияти одам ё дигар намуди бемориҳои зуҳравӣ, ки аз он огоҳ мебошад, субъекти махсуси ҷиноятҳои дар қ.қ. 2 ва 3 м 125 КҶ ҶТ ва м. 126 КҶ ҶТ эътироф мешаванд. Таҷриба ифодакунандаи он аст, ки новобаста аз синни муайян, мубталои вируси норасои масъунияти одам ё дгар касалиҳои зуҳравӣ будан мумкин аст. Бинобар ин, синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин субъектони махсуси ҷиноят аз 16 фаро мерасад. Бо чунин нуқтаи назар бархе аз олимон ҳамфикранд [163, с. 258; 189, с. 251].

Субъекти махсуси баъзе таркиби ҷиноятҳо кормандони самтҳои гуногуни соҳаи тиббӣ буда метавонанд: м. 121 КҶ ҶТ (вайрон кардани қоидаҳои ҷарроҳии пайвандсозӣ); қ.қ. 1 ва 3 м. 123 КҶ ҶТ (исқоти ғайриқонунии ҳамл (аборт) аз тарафи шахси дорои тасилоти олии тиббии риштаи дахлдор); м. 129 КҶ ҶТ (аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ); м. 145 КҶ ҶТ (ошкор намудани сирри тиббӣ); м. 128 КҶ ҶТ (ёрӣ нарасонидан ба бемор).

Дар қонунгузории ҶТ синни корманди соҳаи тиб муқаррар нагардидааст. Нуқтаи назари ягона низ оид ба синни корманди соҳаи тиб ҷой надорад. Ҳамин тавр, В. Чеботарова танҳо ҳаминро зикр намудааст, ки синни корманди соҳаи тиб аз синни поёнии муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ зиёдтар буда метавонад [217, с. 74].

Ҳамин тавр, мувофиқи қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи тандурустӣ, ба фаъолияти тиббӣ ва фармасевтӣ дар ҶТ танҳо он шахсоне машғул шуда метавонанд, ки таҳсилоти махсуси мувофиқи касби худ дошта, ба талаботи ягонаи тахассусӣ ҷавобгӯ бошанд. Гирифтани чунин таҳсилот маънои онро дорад, ки шахс чанд сол дар муассисаи таълимии сатҳи дахлдор таҳсил мекунад. Илова бар ин, дар бисёр мавридҳо барои вазифаҳое, ки ба фаъолияти тиббӣ марбутанд, доштани собиқаи муайяни корӣ низ зарур аст. Аз ин рӯ, таркиби ҷиноятҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти тиббӣ поймол мекунанд ва субъекти онҳо корманди тиббӣ мебошад, дар асл мавҷудияти субъектеро пешбинӣ мекунад,

ки синнаш ба таври назаррас аз 16-солагӣ болотар аст. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тиббӣ факултетҳои тиббӣ, стоматологӣ, фарматсевтӣ, нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ ва ҳамшираҳои тиббӣ бо таҳсилоти олӣ таъсис дода мешаванд. Тайёр кардани мутахассисон дар ин факултетҳо аз рӯйи зинаҳои зерин амалӣ мегардад:

1. Зинаи ибтидоии таҳсилоти олии тиббӣ. Пас аз бомуваффақият гузаштани аттестатсияи ниҳоӣ ба шахс дараҷаи «бакалавр» дода мешавад. Давомнокии таҳсил чунин аст: 5 сол дар факултети тиббӣ-профилактикӣ; 4 сол дар факултетҳои стоматологӣ ва фарматсевтӣ;

2. Таҳсилоти олии тиббӣ ва фарматсевтӣ. Пас аз бомуваффақият гузаштани аттестатсияи ниҳоӣ, ба шахс тахассуси «мутахассис» дода мешавад. Давомнокии таҳсил чунин аст: 6 сол дар факултетҳои тиббӣ; 5 сол дар факултети нигоҳдории тандурустии ҷамъиятӣ (бе ҳуқуқи фаъолияти мустақилонаи табибӣ); 5 сол дар факултетҳои стоматологӣ (бе ҳуқуқи фаъолияти мустақилонаи табибӣ) ва фарматсевтӣ.

Таҳсилоти миёнаи тиббӣ бо ихтисосҳо ва тахассусҳои дахлдор 3 то 4 сол таҳсилро талаб мекунанд [37]. Ҳатто дар чунин мавридҳо синни шахсе, ки метавонад ҳамчун субъекти ҷинояти дахлдор баррасӣ шавад, аз ҳадди ақали муқарраршуда дар м. 23 КҶ ҶТ зиёдтар мебошад.

Ба андешаи Р.А. Абдуллоева, кормандони соҳаи тиб онҳое мебошанд, ки таҳсилоти олии касбӣ дошта, аз ҷониби мақоми давлатии ваколатдор дар соҳаи тандурустӣ сертификат ва литсензия гирифтаанд ё дорои таҳсилоти миёнаи махсус буда, барои анҷом додани навъи муайяни фаъолияти тиббӣ сертификат доранд. Ин шахсоне мебошанд, ки барои табибон ба синни 25 – 27-солагӣ расидаанд ва барои кормандони миёнаи тиб аз 20 то 21-соларо ташкил медиҳанд [226, с. 346].

Агар таҳсилоти миёнаи тиббӣ бо ихтисосҳо ва тахассусҳои дахлдор 3 то 4 сол таҳсилро талаб кунанд, пас, соли ниҳоии таҳсил тибқи муқаррароти Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 сол аст ва он пас аз синфи 9 ҷоиз аст, яъне, дар маҷмуъ, ин

шахс ба синни 18-19 мерасад. Шахси дорои таҳсилоти олии тиббии риштаи дахлдор бошад, дар маҷмуъ, расидан ба синни 25-ро талаб мекунад. Ҳамин тавр, дар қонунгузорӣ дақиқан синни ҳадди ақали кормандони соҳаи тиб муқаррар нагардида, эътироф карда мешавад, ки синни субъекти махсуси ҷиноятҳои болозикр аз расидан ба 18 ва 25 мебошад.

Ба сифати субъекти махсуси баъзе таркиби ҷиноятҳо шоҳид (м.м. 351, 352, 361 КҶ ҶТ), шахси холис (қ. 2 м. 352, м. 361 КҶ ҶТ), ҷабрдида (м.м. 351, 352, 361 КҶ ҶТ), тарҷумон (м. 351, қ. 2 м 352, м 361 КҶ ҶТ) буда метавонанд.

Ба сифати шоҳид барои додани нишондод, тибқи талаботи м. 56 КМҶ ҶТ шахсе даъват карда мешавад, ки ба ӯ ягон ҳолати барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта маълум аст. Шоҳиде, ки ба синни 16 расидааст, субъекти махсуси ҷиноятҳои дар м.м. 351, 352, 361 КҶ ҶТ муқарраргардида буда метавонад.

Дар қ. 2 м. 60 КМҶ ҶТ ишора гардидааст, ки ба сифати шахси холис ноболиғ баромад карда наметавонад, бинобар ин, шахси холис он замон ҳамчун субъекти махсус бо қ. 2 м. 352 ва м. 361 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки агар ба синни 18 расида бошад.

Ҷабрдида шахсест, ки тибқи муқаррароти м. 42 КМҶ ҶТ, сарфи назар аз синну сол, ҳолати руҳӣ ва ҷисмонӣ ба ӯ аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин, шахсе мебошад, ки ҳуқуқу манфиатҳои ӯ зери тахдиди бевоситаи суиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст. Бо дарназардошти м. 23 КҶ ҶТ ҷабрдида ҳамчун субъекти махсуси м.м. 351, 352, 361 КҶ ҶТ шахси ба синни16 расида эътироф мегардад.

Дар м. 59 КМҶ ҶТ оид ба синни тарҷумон чизе гуфта нашудааст ва он шахсест, ки забонҳои барои тарҷума зарурро медонад. Тарҷумон ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои зикргардида бояд ба синни 16 расида бошад.

Дар баъзе аз моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба сифати субъекти махсуси ҷиноят таҳқиқбаранда (м.м. 143(1), 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ), муфаттиш (м.м. 143(1), 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ), прокурор (м.м. 143(1), 348, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ) ва

ҳимоятгар (адвокат) (м. 296, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 361 КҶ ҶТ) баромад мекунанд.

Бо дарназардошти «м. 53 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ», барои кор дар мақомоти прокуратура шахсе қабул карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта, синнаш то 35 сола бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ бошад, хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро (ба истиснои занон, инчунин, мардоне, ки билети ҳарбӣ доранд, ба ғайр аз онҳое, ки хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо кардаанд) адо карда бошад» [18]. Аз ин бармеояд, ки прокурор бояд чун дар боло зикр намудем, ба синни 21 даромада бошад.

Мутобиқи м. 159 КМҶ ҶТ тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар анҷом дода мешавад.

Тибқи муқаррароти м. 19 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» [27], ба хизмати милитсия танҳо шаҳрвандони ҶТ, ки синнашон аз 20 кам ва аз 35 зиёд намебошад ва баъди адои хизмати ҳарбӣ аз рӯзи даъват (ба истиснои курсантҳои муассисаҳои таълимии миёна ва олии ВКД) дар асоси ихтиёрӣ қабул карда мешаванд.

Дар «қ. 2 м. 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ» муқаррар кардааст, ки ба хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ шахсе қабул карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта, синнаш то 35 ва дорои таҳсилоти олии касбӣ бошад» [21].

Синни муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар низ аз расидан ба 21 рост меояд. Синни таҳқиқотчиён низ ба муфаттишон ҳаммонанд аст.

Мувофиқи м. 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» [22], шаҳрванди ҶТ, ки таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ дорад, забони давлатиро медонад, инчунин, на кам аз ду сол собиқаи корӣ аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дорад ё коромӯзиро дар ташкилоти адвокатӣ дар

муҳлати муқаррарнамудаи Қонуни мазкур гузаштааст, метавонад соҳиби мақоми адвокат гардад. Ғайр аз синни 21, инчунин, боз 2 сол собиқаи корӣ аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ё коромӯзӣ дар ташкилоти адвокатӣ ифодаи онро дорад, ки адвокат бояд ба 23-солагӣ расида бошад.

Дар м. 296 КҶ ҶТ нотариус, ҳакам дар суди ҳакамӣ, арбитр ва аудитор ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят ифода гардидааст.

Тибқи муқаррароти м 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи нотариати давлатӣ» [28], ба мансаби нотариуси давлатӣ шахсе таъйин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, забони давлатиро донад ва ҳадди ақал се сол собиқаи кории касбӣ дошта, ба сифати коромӯз дар идораи нотариалии давлатӣ фаъолият карда, имтиҳони тахассусисиро супорида бошад. Аз ин бармеояд, ки нотариус ҳамчун субъекти махсус бояд ба синни 24 расида бошад.

Мутобиқи «м. 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» [23], ба ҳайси арбитр шахси воқеие интихоб (таъйин) карда мешавад, ки ба синни бисту панҷ расида, дорои таҳсилоти олӣ мебошад ва арбитре, ки баҳсро танҳо баррасӣ менамояд, бояд таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва собиқаи кории на камтар аз дусолаи ҳуқуқшиносӣ дошта бошад». Дар ҳолати баррасии дастҷамъонаи баҳс раиси арбитраж бояд таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта бошад. Бо дарназардошти ин муқаррарот, синни ҳадди ақал барои арбитр 21 эътироф карда мешавад. Чунин син ба ҳаками суди ҳакамӣ [30] ва аудитор [32] низ рост меояд.

Ба ҳамин монанд ҳангоми муайян кардани синни ҳадди ақали чунин субъектҳои махсуси таркиби ҷиноят низ ба миён меояд:

1. Шахсе, ки вазифадор буд мутобиқи қонун ё қоидаҳои махсус ёрӣ расонад (м. 128 КҶ ҶТ);

2. Шахсе, ки тибқи қонун ба зиммааш ҳифз, таъмин, огоҳкунӣ ва риояи ин ё он қоидаҳо гузошта шудааст (м. 154, м. 190, м. 192, м. 197, қ. 2 м. 198, м. 206(1), м. 207, м. 208, м. 211, м. 218, м. 220, м. 222, м. 223, м. 224, м. 225, м. 229 КҶ ҶТ);

3. Шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ (м. 319 КҶ ҶТ);

4. Корфармо, молик, роҳбари корхона, муассиса ё ташкилот (м. 153, м. 153(1), м. 155, б «е» қ. 2 м. 167, м. 172, м. 266 м. 268, м. 269, м. 271, м. 287, м. 297 КҶ ҶТ);

5. Кредитгиранда (м. 246 КҶ ҶТ);

6. Муассиси шахси ҳуқуқӣ (м. 260, м. 260(1) КҶ ҶТ);

7. Коршиноси қарзӣ (эксперти кредитӣ) (м. 265 КҶ ҶТ);

8. Соҳибкори инфиродӣ (м. 266, м. 269, м. 271 КҶ ҶТ);

9. Субъектҳои хоҷагидор (м. 273 КҶ ҶТ);

10. Шахсе, ки барои риоя кардани қоидаҳои нархгузорӣ, баргузории савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (ауксион) масъул мебошад (м. 274 КҶ ҶТ);

11. Рекламадиҳанда (м. 276 КҶ ҶТ);

12. Шахсе, ки сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ вобаста ба фаъолияти касбӣ ё хизматиаш маълум буд (м. 278 КҶ ҶТ).

13. Кормандони ташкилотҳое, ки бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд (м. 278(1) КҶ ҶТ);

14. Шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад (б. «е» қ. 2 м. 130 (1), қ. 3 м. 279, м. 292, м. 295 КҶ ҶТ);

15. Варзишгарон, доварони варзиш, устодон, роҳбарони дастаҳо ё дигар иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои варзишии касбӣ, ташкилотчиён ё аъзои доварони (жюрии) озмунҳои намоиши тиҷоратӣ (қ. 3 м. 279 КҶ ҶТ);

16. Шахсе, ки мувофиқи қонун барои баровардан ва паҳн кардани қоғазҳои қиматнок ваколатдоранд (м. 283 КҶ ҶТ);

17. Шахсе, ки ҷиҳати ба ҳудуди ҶТ барнагардонидани сарватҳои бадеӣ, таърихӣ ё бостоншиносии халқҳои ҶТ ва мамлакатҳои хориҷӣ уҳдадор аст (м. 290 КҶ ҶТ);

18. Муҳосиб (бухгалтер) (м. 292 КҶ ҶТ);

19. Хизматчии корхона, сарфи назар аз шакли моликият (м. 297, 324 КҶ ҶТ);

20. Шахсе, ки ба истифодаи системаи ё шабакаи компютерӣ ҳуқуқи даромаданро дорад (м. 304 КҶ ҶТ);

21. Коршинос (эксперт), мутахассис (м. 351, қ. 2 м 352, м 361 КҶ ҶТ),

22. Шахси дар парванда иштирокдошта ё намояндаи ӯ (қ. 1 м. 359 КҶ ҶТ);

23. Шахсе, ки дар низои мусаллаҳи ҳарбӣ иштирок мекунад (м.м. 403, 404, 405 КҶ ҶТ).

Дар бештари м.м. КҶ ҶТ, ки дар фаслҳои гуногуни Қисми махсуси он ҷойгир шудаанд, ба мавқеи мансабдорӣ ва мақоми хизматии шахс ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят ишора гардидааст. Бар асоси баҳисобгирии мо, дар КҶ ҶТ то имрӯз дар зиёда аз 100 модда ва қисмҳои он ишораи мустақим ба мансабдорӣ, мақом ва ваколатдории шахс мавҷуд аст ва тамоюли зиёд шудани шумораи чунин меъёрҳо низ мушоҳида мешавад (Замимаи №3). Ҳамин тавр, ҳадди ақали синни субъекти махсуси ҷиноят вобаста ба мавқеи мансабдорӣ ва мақоми хизматии шахс, ҷиноятҳои дар Қисми махсуси КҶ ҶТ муқарраргардида аз рӯйи хусусияти ба худ хос ба муайянкунии синни субъекти махсуси ҷиноятҳои дар боло муайянгардида, ҳаммонанд мебошад. Мисол, дар м. 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» [34] муқаррар гардидааст, ки ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ шаҳрвандони ҶТ, ки ба синни 18 расидаанд, метавонанд қабул шаванд.

Вобаста ба таҳлили гузаронидашуда, субъектҳои махсуси ҷиноятро вобаста ба хусусиятҳои «синнӣ» шартан ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) Таркиби ҷинояте, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси ҷиноят дар м. 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст;

2) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ё бо дарназардошти таҳлили худи ҳамон ҷиноятҳо муқаррар муайян гардидаанд;

3) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидаанд.

Ҳангоми муайян намудани синни ҳадди ақали субъектҳои махсуси ҷиноятҳо, ки ба гурӯҳи дуюм ва сеюм мансубанд, аз ҷумла, зарур аст меъёреро, ки дар м. 23 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба назар гирифт ва бояд ин син дар доираи он муқаррар карда шавад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки КҶ ҶТ синни ҳадди ақалро барои субъекти ҷиноят муқаррар намудааст, вале синни ҳадди аксарро барои онҳо дар меъёрҳои Қисми махсус пешбинӣ накардааст ва ин маънои онро надорад, ки комилан муқаррар кардани синни ҳадди аксар ҷой надорад. Аз таҳлили хусусиятҳои ба худ хосси меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ бармеояд, ки барои бархе аз ҷиноятҳо синни ҳадди аксари субъекти ҷиноятро муқаррар кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, солҳои 60-уми асри XX В.С. Орлов зикр намуда буд, ки қонунгузор на фақат синни ҳадди ақали ҷавобгарии ҷиноятиро барои субъекти махсуси ҷиноят муқаррар мекунад, инчунин синни ҳадди аксарро [106, с. 98].

Синни ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноят танҳо бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои на КҶ ҶТ, балки, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Бинобар ин, зарур мешуморем баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳлил карда, синни ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноятро муқаррар намоем.

Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [20] дар м. 12 синни ниҳоии дар вазифаи судя буданро барои занон 58 ва барои мардон 63 муқаррар кардааст. Бо дарназардошти ин муқаррарот, синни ниҳоии судя ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои дар м.м. 133, 349, 354, 358 КҶ ҶТ пешбинигардида 63 мебошад.

Синни ҳадди ниҳоие, ки то он шахс метавонист субъекти ҷиноятҳои ҳарбӣ эътироф гардад, набояд аз синни ҳадди ниҳоии хизмати ҳарбӣ, ки қонун муайян кардааст, зиёд бошад. Синни ҳадди ниҳоии хизматчии ҳарбӣ (б

«г» қ. 2 м. 179, б. «б» қ. 2 м. 305, б. «б» қ. 2 м. 306 ва м.м. 367-393 КҶ ҶТ), шахси ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда (м. 343 КҶ ҶТ); шахси дорои уҳдадории ҳарбӣ (м. 343 КҶ ҶТ) ва шахсе, ки хизмати ҳарбиро адо намудааст ва барои сафарбарӣ ба Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ даъват шудааст (м. 344 КҶ ҶТ), дар м.м. 52 ва 56 Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» нишон дода шудааст. Синни ниҳоии дар хизмати ҳарбӣ буданро барои хизматчиёни ҳарбӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» [31] чунин муқаррар намудааст (м. 52):

1) дорои рутбаи ҳарбии генерал-полковник – 63 сол;

2) дорои рутбаи ҳарбии генерал-лейтенант, генерал-майор – 58 сол;

3) дорои рутбаи ҳарбии полковник – 53 сол;

4) дорои рутбаҳои дигари ҳарбӣ – 48 сол.

Синни ниҳоии адои хизмати ҳарбӣ барои хизматчиёни ҳарбии ҷинси зан набояд аз 53 сол зиёд бошад. Бо ин вуҷуд, нисбат ба хизматчиёни ҳарбии алоҳидае, ки ба синни ниҳоии дар хизмати ҳарбӣ будан расидаанд ва дорои собиқаи муҳими хизматӣ аз рӯйи ихтисосҳои муайяни тибқи қайди ҳарбӣ мебошанд, ки номгӯи онҳо дар низомномаи тартиби адои хизмати ҳарбӣ пешбинӣ шудааст, муҳлати адои хизмати ҳарбӣ метавонад то ба синни 60 расидан тамдид карда шавад. Дар айни замон, маҳдудиятҳои синние, ки зикр гардиданд, нисбат ба хизматчиёни ҳарбие, ки бо қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои ҳарбӣ таъйин мегарданд, татбиқ намешаванд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» нисбати шаҳрвандоне, ки дар ҳайати эҳтиёт мебошанд, вобаста ба рутбаҳои ҳарбӣ мувофиқи синну сол ба се гурӯҳ тақсим менамояд (м. 56):

1) сарбозон, сержантҳо, старшинаҳо, прапоршикон – то 53-солагӣ;

2) афсарони хурд: лейтенанти хурд, лейтенант, лейтенанти калон, капитан – то 58-солагӣ;

3) афсарони калон: майор ва подполковник – то 60-солагӣ;

4) полковник – то 63-солагӣ;

5) афсарони олӣ – то 63-солагӣ.

Қонуни зикргардида синни ниҳоии хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро барои даъватшавандагон (шаҳрвандони ҷинси мард) то 27 муқаррар намудааст (м. 29).

Прокурор ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои дар м.м. 143(1), 348, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст ва тибқи талаботи м. 53 Қонуни Конституцсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» [18] синни ниҳоии дар мақомоти прокуратура хизмат намудани кормандон барои мардон то 63-солагӣ ва барои занон то 58-солагӣ мебошад.

Синни ҳадди ниҳоии муфаттишон (м.м. 143(1), 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ) ва таҳқиқбарандагони (м.м. 143(1), 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ) мақомоти корҳои дохилӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ чунин муқаррар карда мешавад:

1. Тибқи муқаррароти б. «50» Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии ҶТ [38], кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки рутбаи махсуси ҳайати қатори ва хурди роҳбарикунанда доранд, метавонанд то синни 48-солагиашон дар мақомоти корҳои дохили хизмат кунанд. Кормандони мақомоти корҳои дохилии ҳайати миёна, калон ва олии роҳбарикунанда, метавонанд то синни ниҳоии зерин дар хизмати мақомоти корҳои дохилӣ бошанд: а) барои ҳайати миёнаи роҳбарикунанда то 53-солагӣ; б) барои ҳайати калони роҳбарикунанда то 58-солагӣ; в) барои ҳайати олии роҳбарикунанда то 63-солагӣ. Барои кормандони илмӣ-педагогӣ, муассисаҳои тадқиқотӣ-илмӣ ва таълимии Вазорати корҳои дохилии ҶТ, ки дараҷаи илмӣ ё унвони илмӣ доранд, ҳадди синну соли хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ то 63-солагӣ муайян карда шудааст. Дар ҳолати махсусан зарур, кормандони алоҳида бо дарназардошти аҳволи саломатӣ, бо хоҳиши худ ва муносибат ба хизмат, дар хизмати мақомоти корҳои дохилӣ ба муддати 3 сол аз ҷониби роҳбароне, ки ба онҳо

ҳуқуқи ба вазифа таъйин намудани ин шахсон дода шудааст, метавонанд нигоҳ дошта шаванд.

2. Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ дар б. «59» муқаррар мекунад, ки кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки рутбаи махсус доранд, вобаста ба рутбаи ба онҳо додашуда метавонанд дар мақомоти Агентӣ то расидан ба синни: аз прапоршики хадамоти зиддикоррупсионӣ, прапоршики адлия то подполковники хадамоти зиддикоррупсионӣ, подполковники адлия – 53-солагӣ; полковники хадамоти зиддикоррупсионӣ, полковники адлия – 58-солагӣ; генерал-майори хадамоти зиддикоррупсионӣ, генерал-майори адлия, генерал-лейтенати хадамоти зиддикоррупсионӣ, генерал-лейтенанти адлия – 63-солагӣ хизмат кунанд. Дар ҳолати зарурӣ бо пешниҳоди сардори бевоситаи корманд ва хулосаи комиссияи тиббии ҳарбӣ муҳлати адои хизмат аз тарафи Директори Агентӣ ба муҳлати то 2 сол дароз карда мешавад. Занон дар воҳидҳои Агентӣ нисбат ба мардон 5 сол камтар хизмат мекунанд.

3. Дар б. «3» Низомномаи тартиб ва шартҳои адои хизмат аз ҷониби ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ [39] муқаррар мегардад, ки ашхоси ҳайати қаторию роҳбарикунанда дар Агентӣ то синну соли ниҳоии зерин хизмат мекунанд: то подполковники хизмати назорати маводи нашъаовар – 50-солагӣ; то полковники хизмати назорати маводи нашъаовар – 55-солагӣ; то генерал-майори хизмати назорати маводи нашъаовар – 60-солагӣ; ашхоси ҳайати қаторӣ ва хурди роҳбарикунанда, занон дар Агентӣ то синни 45-солагӣ хизмат мекунанд. Ҳамчунин, бо мақсади нигоҳ доштани нерӯи кадрҳои баландихтисос дар ҳолатҳои мустасно баъди аз комиссияи тиббии ҳарбӣ гузаштан минбаъд ба идомаи хизмат муносиб донистани ашхоси ҳайати миёна, калон ва олии роҳбарикунанда, муҳлати хизмати онҳо метавонад то 5 сол тамдид дода шавад. Бо такя ба банди мазкур маълум мегардад, ки дар

маҷмуъ синни ҳадди аксар барои хизматчиёни Агентии болозикр то синни 65 аст.

Тибқи муқаррароти м. 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» [34], синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будан барои занон то 58-солагӣ ва барои мардон то 63-солагӣ мебошад. Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад баъди мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ бо қарори (амри) худ муҳлати дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатии ба синни ниҳоӣ расидаро то ду сол дароз намояд.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти таҳлили хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят чунин пешниҳод карда мешавад:

1. Мафҳуми «хусусиятҳои синнусолии субъекти махсуси ҷиноят» дар сатҳи илмӣ ҳамчун мавзуи дар таҳқиқот баррасишаванда ворид карда шавад. Субъектҳои махсуси ҷиноят вобаста ба хусусиятҳои синнии онҳо шартан ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

1) Таркиби ҷинояте, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси ҷиноят дар м. 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст;

2) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ё бо дарназардошти таҳлили худи ҳамон ҷиноятҳо муқаррар муайян гардидаанд;

3) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидаанд.

Ҳангоми муайян намудани синни ҳадди ақали субъектҳои махсуси ҷиноятҳо, ки ба гурӯҳи дуюм ва сеюм мансубанд, аз ҷумла, зарур аст меъёреро, ки дар м. 23 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба назар гирифт ва бояд ин син дар доираи он муқаррар карда шавад.

2. Синни ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноят танҳо бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои на КҶ ҶТ, балки, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад.

3. Синни ҳадди аксари субъектҳои махсуси баъзе таркибҳои ҷиноят муайян карда шудааст:

– синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад судя бошад (м.м. 133, 349, 354, 358 КҶ ҶТ), хизматчии ҳарбӣ бошад (б. «г» қ. 2 м. 179, б. «б» қ. 2 м. 305, б. «б» қ. 2 м. 306 ва м.м. 367-393 КҶ ҶТ), дорои уҳдадории ҳарбӣ бошад (м. 343 КҶ ҶТ), хизмати ҳарбиро адо намудааст ва барои сафарбарӣ ба Қуввоҳои мусаллаҳи ҶТ даъват шудааст (м. 344 КҶ ҶТ), прокурор бошад (м.м. 143(1), 348, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ) ва ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад – 63 мебошад.

– синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда бошад ва ҳамчун субъекти махсуси ҷинояти пешбинигардида дар м. 343 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, 27 мебошад.

– синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад корманди мақомоти мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар, амният бошад (м.м. 143(1), 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ) ва шахсе, ки мавқеи «дар хизмати давлатӣ» буданро доро аст (Замимаи №3), ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, 65 мебошад.

– синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад корманди мақомоти корҳои дохилӣ бошад ва ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои пешбинигардида дар м.м. 143(1), м. 327, 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, 66 мебошад.

ХУЛОСА

Дар асоси таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», хулосаҳои ниҳоиро ба таври зайл пешниҳод намуданро қобили қабул мешуморем:

1. Даврабандии асоснок ва мукаммал вобаста ба таснифот ва рӯйдодҳои муайяни таърихии рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, чунин эътироф мешавад: 1) қонунгузории ҷиноятӣ дар давраи таъсиси ИҶШС (солҳои 1917–1922); 2) қонунгузории ҷиноятии ҶШФСР (солҳои 1922-1926); 3) қонунгузории ҷиноятии ҶШС Узбекистон, ки ҶШСХ Тоҷикистон дар ҳайати он буд (солҳои 1926-1935); 4) қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1935-1961); 5) қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1961-1998); 6) қонунгузории ҷиноятии муосири Тоҷикистон (аз соли 1998 то кунун) [9–М].

2. Ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, субъекти ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебошад. Аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят дар м. 22 КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд. Аломатҳои иловагии (факултативии) субъекти ҷиноят: дорои аломатҳои иловагие, ки ба субъекти махсуси ҷиноят хос мебошанд [12–М].

3. Пешниҳодҳо дар бораи ба қатори аломатҳое, ки субъекти ҷиноятро муайян мекунанд, ворид намудани он аломатҳоеро, ки шахсияти ӯро дар ҷамъият муайян мекунанд, асоснок ҳисоб кардан мумкин нест, зеро таркиби ҷиноят хусусияти меъёрии ҳуқуқии кирдори мушаххаси шахс мебошад (таркиби ҷиноят маҷмуи аломатҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраршудае мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро муайян мекунад). Хавфи ҷамъиятии субъекти ҷиноят, хусусиятҳои иҷтимоию сиёсии ӯ тамоми маълумотро дар бораи ҷиноятқор ҳамчун фард фаро мегирад ва ба як кирдори ҷиноятӣ нисбат додан мумкин нест ва ҳамчун яке аз асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат додан ғайриимкон аст [12–М].

4. Бо асосҳои зерин, эътироф карда мешавад, ки шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят ғайриимкон мебошад:

1) Принсипи ҷавобгарии фардӣ (қ. 1 м. 7 КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад, ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ;

2) Танҳо шахси мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва маҳз ба хотири татбиқи ин адолат, шахси номукаллаф, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, аз доираи ин ҷавобгарӣ дур мондааст ва ҳатто барои муқаррар намудани номукаллафӣ ва мукаллафиву мукаллафии маҳдуд сохторҳои зиёд машғуланд ва миёни олимон баҳсҳо ҷой доранд. Мукаллафӣ аз рӯйи маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ, ки марҳилаҳои мушкили тафтишотиро аз амалия тақозо мекунад, муқаррар карда мешавад, ки дар сурати эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят, ҳамаи ин моҳияти худро гум мекунанд. Яъне, дар баробари шахси ҳуқуқӣ мебояд минбаъд шахси номукаллаф низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва зарурати муқаррар кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мазмуни мантиқии худро аз байн мебарад [12–М].

5. Ба сифати субъекти ҷиноят зеҳни сунъӣ баромад карда наметавонад, зеро он бевосита дар амалҳои худ иродаи мустақил надорад ва он танҳо дар асоси алгоритмҳои воридгардида хулоса мебарорад. Зеҳни сунъӣ дар меъёрҳои мушаххаси қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят муқаррар карда шавад [11–М].

6. Мукаллафӣ аломати ҳуқуқии субъекти ҷиноят эътироф гардида, ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, ба асос гирифта мешавад, яъне, мукаллафӣ асоси ҳуқуқии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содирнамуда мебошад.

7. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии шахс дар хусусияти воқеии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнокро дарк кардан ва онҳоро идора карда тавонистани шахс ифода мегардад [6–М].

8. Асоснок шуморида мешавад, ки дар мукаллафӣ «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори барои ҷамъият хавфнок» ҳамчун нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии он ворид карда шавад [6–М].

9. Дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд барои татбиқи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гирифтори парешонҳолии руҳӣ дуруст ба роҳ монда шавад [8–М].

10. Мафҳуми «парешонҳолии руҳӣ», ки дар заминаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди назар қарор мегирад, чунин ҳолати махсуси шахс фаҳмида мешавад, ки қобилияти ӯ барои дарк намудани хусусияти иҷтимоӣ ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиркарда, инчунин, барои идора ва назорат кардани рафтори худ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат дар шароите ба миён меояд, ки шахс аз як қатор парешонҳолиҳои равонӣ ранҷ мебарад, ки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба сатҳи зеҳн ва ирода, ба таври комил қобилияти ҳуқуқии ӯро истисно намесозанд. Ба ибораи дигар, чунин шахс дар маънои ҳуқуқӣ мукаллаф эътироф мегардад, аммо сатҳи маҳдудияти қобилияти зеҳнӣ ва иродаи ӯ бояд ҳамчун омили дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ дар муайянсозии андозаи ҷавобгарӣ ва интихоби чораҳои ҷазо ба назар гирифта шавад [8–М].

11. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд чунин эътироф мешавад, ки дар фарқият аз шахси мукаллаф, шахс дар вақти содир намудани ҷиноят на он қадар метавонист хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд. Аз ин бармеояд, ки маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд мавқеи марказиро барои эътирофи он ишғол мекунад ва ҳангоми баҳо додан бояд муайян карда шавад, ки парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно мекунад, чи дараҷа ба кирдори ҷиноятӣ таъсир расонидааст. Яъне, ҳангоми баррасии масъалаи фарқгузории мукаллафи маҳдуд аз мукаллафӣ ва номукаллафӣ, бояд дар назар дошт, ки дар м. 25 КҶ ҶТ сухан дар бораи дараҷаи таъсири парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба рафтори ҷиноятӣ меравад:

наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд [8–М].

12. Номукаллафиро наметавон бо намудҳои бемориҳои руҳӣ ҳаммаъно донист ва онро ба рӯйхати оддии ҳолатҳои дардмандонаи руҳӣ нисбат дод. Номукаллафӣ танҳо меъёри ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун ҳолати махсуси руҳӣ низ эътироф намешавад. Бинобар ин, муқаррар кардани номукаллафӣ вазифаи тафтишоту суд мебошад, на экспертизаи психиатрияи судӣ. Коршиносҳо ҳуқуқ надоранд мукаллафӣ ё номукаллафии шахсро муқаррар кунанд, зеро ин танҳо ба салоҳияти тафтишоту суд дохил мешавад. Коршинос бояд мавҷудияти маҳаки тиббии номукаллафӣ (беморӣ) ва ҳуқуқиро (то кадом дараҷа парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба қодир будани дарккунӣ ва идоракунии кирдор таъсир расонидааст) муайян кунад. Маҳакҳои тиббии номукаллафӣ, ки дар м. 24 КҶ ҶТ оварда шудаанд (бемории руҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл, ҳолати дигари бемории руҳӣ) бо ибораи «парешонҳолии руҳӣ» маҳдуд карда шаванд, зеро ин ибора дар худ ҳама намудҳои маҳакҳои тиббии номукаллафиро дар бар мегирад. Барои муқаррар кардани маҳаки тиббии номукаллафӣ зарур нест, ки ҳама намудҳои парешонҳолиҳои руҳие, ки дар боби V (F) ТББ-10 тасниф гардидаанд, нишон дода шаванд [5–М].

13. Мафҳуми «синни субъекти ҷиноят» пешниҳод шудааст ва мувофиқи он, синни субъекти ҷиноят ин миқдори муайяни солҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаест, ки дар сурати содир намудани ҷиноят бо расидан ба он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад [7–М].

14. Мафҳуми «хусусиятҳои синнусолии субъекти махсуси ҷиноят» дар сатҳи илмӣ ҳамчун мавзуи дар таҳқиқот баррасишаванда ворид карда шавад. Субъектҳои махсуси ҷиноят вобаста ба хусусиятҳои синнии онҳо шартан ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

1) Таркиби ҷинояте, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси ҷиноят дар м. 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст;

2) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ё бо дарназардошти таҳлили худи ҳамон ҷиноятҳо муқаррар муайян гардидаанд;

3) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидаанд.

Ҳангоми муайян намудани синни ҳадди ақали субъектҳои махсуси ҷиноятҳо, ки ба гурӯҳи дуюм ва сеюм мансубанд, аз ҷумла, зарур аст, то меъёреро, ки дар м. 23 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба назар гирифт ва бояд ин син дар доираи он муқаррар карда шавад.

Синни ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноят танҳо бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои на КҶ ҶТ, балки, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Синни ҳадди аксари субъектҳои махсуси баъзе таркибҳои ҷиноят муайян карда шудааст.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҶТ равона гардидаанд:

1. Моддаи 22 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл қабул карда шавад:

Моддаи 22. Субъекти ҷиноят

«Субъекти ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф аст ва ба синни муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст» [12–М].

2. Мафҳуми «шахси воқеӣ» дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад ва бо дарназардошти ин, ба КҶ ҶТ м. 22(1) дар таҳрири зайл илова карда шавад:

Моддаи 22(1). Шахси воқеӣ

«Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ дар ҳамин Кодекс шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматнакунанда ва шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад, фаҳмида мешавад» [12–М].

3. Моддаи 22(2) бо мазмуни зерин ба КҶ ҶТ илова карда шавад:

Моддаи 22(2). Мукаллафӣ

«Шахси воқеие, ки дар вақти содир намудани ҷиноят хусусияти воқеии ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк ва онро идора карда метавонад, мукаллаф эътироф мешавад».

4. Дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ м. 24 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

Моддаи 24. Номукаллафӣ

1) «Шахсе, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок номукаллаф буд, яъне, бар асари парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани ба ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

2) Ба шахсе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят номукаллаф эътироф шудааст, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббии дар ҳамин Кодекс пешбинигардидаро таъйин кардан мумкин аст» [5–М].

5. Ҷиҳати бо муқаррароти КҶ ҶТ як хел ифода гардидани мафҳуми «номукаллафӣ», м. 26 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

Моддаи 26. Номукаллафӣ

1) «Шахси воқеие, ки дар вақти содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ номукаллаф буд, яъне, бар асари парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (амал ё беамалии) худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад» [5–М].

6. Пешниҳод карда мешавад, ки қ. 3 аз м. 24 КҶ ҶТ хориҷ гардида, дар моддаи дахлдори боби 15 муқаррар карда шавад, зеро қонунгузории ҷиноятӣ шарти ҷавобгарии ҷиноятиро дар баробари ба синни муқарраркардаи КҶ ҶТ расидан, шахси воқеӣ будан, инчунин, мукаллаф (номукаллаф набошад) будан эътироф кардааст ва ин шарт танҳо дар вақти содир намудани ҷиноят ба назар гирифта мешавад. Муқаррароти қ. 3 м. 24 КҶ ҶТ барои эътироф кардан ё накардани субъекти ҷиноят ягон аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад [5–М].

7. Номи моддаи 23 КҶ ҶТ «Синни субъекти ҷиноят» ифода гардида, дар қ. 2 ин модда чунин тағйиру иловаҳо ворид карда шавад:

– ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти дар м. 214 КҶ ҶТ муқарраргардида аз расидан ба синни 16 эътироф гардида, аз қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ бекор карда шавад;

– дар матни қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ ба ҷойи ибораи «қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 237» ибораи «банди «а» қисми 2 ва банди «а» қисми 3 моддаи 237» иваз карда шавад;

– дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ «моддаи 310 КҶ ҶТ (таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» илова карда шавад [4–М; 7-М].

8. Мафҳуми «ноболиғ», ки дар қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, дар чунин таҳрир ифода карда шавад: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳ расидаанд, вале ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд» [4–М].

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1]. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2013 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[2]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16-уми декабри соли 2025 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.president.tj/event/news/54181 (санаи муроҷиат: 17.12.2025).

[3]. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои иҷлоси 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 24.09.2025 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.president.tj/event/news/52882 (санаи муроҷиат: 25.09.2025).

[4]. Международная статистическая классификация болезней и проблем, связанных со здоровьем. Десятый пересмотр (МКБ-10). Том 1 (часть 1) [Текст]. Всемирная огранизация здравоохранения, Женева, 1995. – 967 с.

[5]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: «Сифат-Офсет», 2021. – 687 с.

[6]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 2022, 1918 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/bdhtw3h5 (санаи муроҷиат: 05.04.2025).

[7]. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли соли 2016 № 1329 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/mtwur7ws (санаи муроҷиат: 05.04.2025).

[8]. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2017, №1413 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/8kav7jpf (санаи мурочиат: 05.05.2025).

[9]. Модельный Уголовный кодекс для государств-участников СНГ от 17 февраля 1996 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://tinyurl.com/k55mhsnc (дата обращения: 14.01.2025).

[10]. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон. Нашри соли 1935. [Матн]. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1935. – 108 с.

[11]. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 215 с.

[12]. Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, № 127 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://cbd.minjust.gov.kg/3-38/edition/2087/ru (дата обращения: 23.09.2024).

[13]. Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://www.lex.uz/acts/111457 (дата обращения: 23.09.2024).

[14]. Уголовный Кодекс Узбекской ССР. (Издание 2-ой) [Текст]. – Самарканд, 1927.

[15]. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года, № 2341-III [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://tinyurl.com/3d6s2a6p (дата обращения: 24.09.2024).

[16]. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» аз 10-уми декабри соли 1999 № 858 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/3297tuvm (санаи мурочиат: 12.10.2024).

[17]. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 июли соли 1994 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // tinyurl. com/3cxuwzfh (санаи мурочиат: 12.10.2024).

[18]. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25-уми июли соли 2005, №107 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/knwpdads (санаи мурочиат: 12.10.2024).

[19]. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4-уми ноябри соли 1995 № 106 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/yz4nuymy (санаи мурочиат: 15.11.2024).

[20]. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/rcc7my4d (санаи мурочиат: 05.01.2025).

[21]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти соли 2008, №374 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/2s3pmyrt (санаи мурочиат: 07.11.2024).

[22]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18-уми марти соли 2015, №1182 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/srf4udz6 (санаи мурочиат: 07.11.2024).

[23]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18-уми марти соли 2015, №1183 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/yc32e57p (санаи мурочиат: 07.11.2024).

[24]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17.05.2004, №35 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/yk2skmab (санаи мурочиат: 06.01.2025).

[25]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 8-уми июни соли 2022, № 1873 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/3re2tns2 (санаи мурочиат: 06.01.2025).

[26]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19-уми июли соли 2019, № 1642 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/yffm2nfc (санаи мурочиат: 06.01.2025).

[27]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17-уми майи соли 2004, №41 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/yc6k59uf (санаи мурочиат: 15.03.2025).

[28]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» аз 16-уми апрели соли 2012, № 810 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/bdnr5k6e (санаи мурочиат: 25.01.2025).

[29]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 17-уми июли соли 2014, №681 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/4tt42sh2 (санаи мурочиат: 05.01.2025).

[30]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5-уми январи соли 2008, №344 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/2mxa9f62 (санаи мурочиат: 05.01.2025).

[31]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29-уми январи соли 2021, № 1753 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/42hw7bw3 (санаи мурочиат: 05.01.2025).

[32]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» 22 июли соли 2013, № 993 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/yc3tvmr9 (санаи мурочиат: 05.01.2025).

[33]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 18-уми майи соли 2009, № 644 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/2wz8sxt4 (санаи мурочиат: 05.01.2025).

[34]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5-уми марти соли 2007, №233 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/5n6k8kyd (санаи мурочиат: 05.11.2024).

[35]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2013, №492 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/3ddkucv5 (санаи мурочиат: 25.09.2024).

[36]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/yb28jwyv (санаи мурочиат: 25.09.2025).

[37]. Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми октябри соли 2008 № 512 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/3cvnb2ar (санаи мурочиат: 05.04.2025).

[38]. Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми апрели соли 2005, № 137 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/mhpav5hc (санаи мурочиат: 05.05.2025).

[39]. Низомномаи тартиб ва шартҳои адои хизмат аз ҷониби ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели соли 2000, № 250 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tinyurl.com/5yheu67z (санаи мурочиат: 06.06.2025).

[40]. Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2023. – 510 с.

[41]. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. 1966. №17. Ст. 128.

[42]. Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР 1917 – 1952 гг. [Текст] / Под ред. И.Т. Голикова. М.: Государственное издательство юридической литературы, 1953. – 464 с.

II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, васоити таълимӣ:

[43]. Агаев, Г.А., Сафин Ф.Ю. Уголовное право: учебно-методическое пособие [Текст] / Г.А. Агаев, Ф.Ю. Сафин. – СПб., 2006. – 127 с.

[44]. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко – правовое исследование [Текст]: монография / У.А. Азизов / Отв. редактор Ф.Т. Тахиров. Душанбе: «Андалеб – Р», 2015. – 188 с.

[45]. Ализода, А.Ш., Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон [Матн]: дастури таълимӣ / А.Ш. Ализода, С.Ҳ. Ҳусейнзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 120 с.

[46]. Ализода, А.Ш., Ҳусейнзода, С.Ҳ., Ҳасанов Ш.Қ. Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дастури таълимӣ-илмӣ / А.Ш. Ализода, С.Ҳ. Ҳусейнзода, Ш.Қ. Ҳасанзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 167 с.

[47]. Андрушко, А.В. Геронтологічна злочинність: кримінологічна характеристика, детермінація та запобігання: монографія [Текст] / А.В. Андрушко. – Ужгород: Поліфрафцентр «Ліра», 2011. – 248 с.

[48]. Антонян, Ю.М., Бородин, С.В. Преступное поведение и психические аномалии [Текст] / Ю.М. Антонян, С.В. Бородин / Под ред. В.Н. Кудрявцева. – М.: Издательство «Спарк». 1998. – 215 с.

[49]. Антонян, Ю.М., Гульдан, В.В. Криминальная патопсихология [Текст] / Ю.М. Антонян, В.В. Гульдан. – М.: Наука, 1991. – 248 с.

[50]. Байбарин, А.А. Уголовно-правовая дифференциация возраста [Текст]: монография / А.А. Байбарин. – М.: Высшая школа, 2009. – 252 с.

[51]. Балабанова, Л.М. Судебная патопсихология (вопросы определения нормы и отклонений) [Текст] / Л.М. Балабанова. – Донецк: Сталкер, 1998. – 432 с.

[52]. Бобоҷонзода, И.Ҳ. Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (дар назария ва амалия) [Матн]: воситаи таълимию амалӣ. Дар се қисм. Қисми 3 / И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе, 2024. – 230 с.

[53]. Боровиков, В.Б. Уголовное право. Общая часть [Текст]: учебник для прикладного бакалавриата / В.Б. Боровиков / Под ред. В.Б. Боровикова. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2017. – 249 с.

[54]. Боровых, Л.В. Российское законодательство и проблемы его совершенствования [Текст]: учеб. для вузов / Л.В. Боровых. – Пермь: Изд-во Перм. ун-та, 2009. – 184 с.

[55]. Братусь, Б.С. Аномалии личности [Текст] / Б.С. Братусь. – М.: Мысль, 1988. – 301 с.

[56]. Бурдін, В.М. Особливості кримінальної відповідальності неповнолітніх в Україні [Текст]: монографія / В. М. Бурдін. – К.: Атіка, 2004. – 240 с.

[57]. Бурдін, В.М. Осудність та неосудність (кримінально-правове дослідження) [Текст]: монографія / В.М. Бурдін. – Львів: ЛНУ ім. Івана Франка, 2010. – 780 с.

[58]. Вереша, Р.В. Суб'єктивні елементи складу злочину [Текст]: наук.-практ. посіб / Р.В. Вереша. – К.: Алерта, 2015. – 88 с.

[59]. Вовканич, Л.С. Біологічний вік людини [Текст]: теоретичний та методичний аспекти / Л.С. Вовканич. – Львів: «СПОЛОМ», 2009. – 92 с.

[60]. Ғаффорӣ, Н.А. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Н.А. Ғаффорӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2023. – 436 с.

[61]. Ғуломов, М.Ғ. Равонпизишкӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишкадаҳои тиббӣ ва факултаҳои тиббии донишгоҳҳо / М.Ғ. Ғуломов. – Душанбе: «Маориф», 1996. – 336 с.

[62]. Дагель, П.С. Учение о личности преступника в советском уголовном праве [Текст]: учебное пособие / П.С. Дагель. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1970. – 132 с.

[63]. Демидов, И.В. Логика [Текст]: учебное пособие для юридических вузов / И.В. Демидов / Под ред. доктора философских наук, проф. Б. И. Каверина. – М.: Юриспруденция, 2000. – 208 с.

[64]. Жариков, Н.М., Морозов, Г.В., Хритинин Д.Ф. Судебная психиатрия [Текст]: словарь-справочник / Н.М. Жариков, Г.В. Морозов, Д.Ф. Хритинин. – М.: Издательство группа НОРМА-ИНФРА.М. 2000. – 268 с.

[65]. Иванов, Н.Г. Аномальный субъект преступления: проблемы уголовной ответственности [Текст]: учебное пособие для вузов / Н.Г. Иванов. – М., 1998. – 224 с.

[66]. Иванов, Н.Г. История государство и право СССР. Ч. 2. (Советский период) [Текст] / Н.Г. Иванов. – М.: Юрид. лит. 1966. – 512 с.

[67]. Иванов, Н.Г. Уголовное право. Общая часть. В 2 т. Том 1 [Текст]: учебник для академического бакалавриата. 3-е. изд., перераб. и доп. – М., 2017. – 275 с.

[68]. Кандинский, В.Х. К вопросу о невменяемости [Текст] / В.Х. Кандинский. – СПб, 1890. – 239 с.

[69]. Клименко, Т.В. Судебная психиатрия [Текст]: учебник для академического бакалавриата / Т.В. Клименко. – М., 2017. – 476 с.

[70]. Ковалев, М.И. Понятие преступления в советском уголовном праве [Текст] / М.И. Ковалев. – Свердловск: Изд-во Урал. ун-та, 1987. – 208 с.

[71]. Козлов, А.П. Понятие преступления [Текст] / А.П. Козлов. – СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2004. – 819 с.

[72]. Комментарий к Закону РФ «О психиатрической помощи и гарантиях прав граждан при ее оказании», ГК РФ и УК РФ (в части, касающейся лиц с психическими расстройствами) (постатейный) [Текст] / Под ред. Т.Б. Дмитриевой. – М. 2002. – 383 с.

[73]. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / Отв. ред. А.И. Рарог. – М., 2011. – 880 с.

[74]. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Отв. ред. доктор юридических наук, профессор А.В. Наумов. – М.: Юристъ, 1996. – 824 с.

[75]. Кримінальне право України. Загальна частина [Текст]: підручник / За ред. В.В. Сташиса, В.Я. Тація. – Харків: Право, 2010. – 456 с.

[76]. Кримінальне право України. Загальна частина [Текст]: підручник / За ред. М.І. Мельника, В.А. Клименка. – Вид. 4-те, переробл. та допов. – К.: Атіка, 2008. – 376 с.

[77]. Кримінальне право України: Загальна частина [Текст]: підручник / За ред. проф. М І. Бажанова, В.В. Сташиса, В.Я. Тація. – 2-е вид., перероб і допов. – К.: Юрінком Інтер, 2005. – 480 с.

[78]. Кримінальний кодекс України. Науково-практичний коментар: у 2 т. [Текст] / За заг. ред. В.Я. Тація, В.П. Пшонки, В.І. Борисова, В.І. Тютюгіна. – 5-те вид., допов. – Х.: Право, 2013. – 376 с.

[79]. Крылова, Н.Е. Основные черты нового уголовного кодекса Франции [Текст] / Н.Е. Крылова. – М.: Изд-во СПАРК, 1996. – 123 с.

[80]. Кудратов, Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть [Текст]: учебно-методический комплекс / Н.А. Кудратов. – Душанбе, 2012. – 366 с.

[81]. Кудрявцев, И.А. Комплексная судебная психолого-психиатрическая экспертиза [Текст]: научно-практическая руководство. – М.: Изд-во Моск. ун-та., 1999. – 496 с.

[82]. Қунғуротов, Ҳ.Қ. Дастурҳои клиникӣ оид ба ташхис ва муолиҷаи беморихои равонӣ (руҳӣ) [Текст] / Ҳ.Қ. Қунғуротов. Душанбе, 2024. – 166 с.

[83]. Куринов, Б.А. Научные основы квалификации преступлений [Текст] / Б.А. Куринов. – М., 1976. – 182 с.

[84]. Курс российского уголовного права. Общая часть [Текст] / Под ред. В.Н. Кудрявцева и А.В. Наумова. – М.: Спарк, 2001. – 637 с.

[85]. Курс советского уголовного права. Общая часть. Т.1. [Текст] / Под ред. Н. А. Беляев, М. Д. Шаргородский. – Л., 1968. – 648 с.

[86]. Курс советского уголовного права: Преступление. В 6-ти томах: Часть общая. Т. 2 [Текст] / Редкол.: А.А. Пионтковский, П.С. Ромашкин, В.М. Чхиквадзе. – М.: Наука, 1970. – 516 с.

[87]. Курс уголовного права. Общая часть. Том 1: Учение о преступлении [Текст] / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. М.: Издательство Зерцало. 1999. – 624 с.

[88]. Куфаев, В.И. Юные правонарушители [Текст] / В.И. Куфаев. – М., 1924. – 97 с.

[89]. Лунеев, В.В. Субъективное вменение [Текст] / В.В. Лунеев. – М.: Спарк. 2000. – 70 с.

[90]. Лунц, Д.Р. Проблема невменяемости в теории и практике судебной психиатрии [Текст] / Д.Р. Лунц. – Москва: «Медицина», 1966. – 236 с.

[91]. Люблинский, П.И. Борьба с преступностью несовершеннолетних и юношеском возрасте [Текст] / П.И. Люблинский. – М., 1923. – 300 с.

[92]. Маркс, К., Энгельс, Ф. Сочинения. Издание 2. Том 20 [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – Москва: Политиздат, 1961. – 824 с.

[93]. Меньшагин, В.Д. Преступления против порядка управления [Текст] / В.Д. Меньшагин. – М.: Юриздат, 1938. – 96 с.

[94]. Мирзоев, Қ.Х. Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он [Текст]: монография / Қ.Х. Мирзоев. – Душанбе, 2024. – 163 с.

[95]. Михеев, Р.И. Проблемы вменяемости и невменяемости в советском уголовном праве [Текст] / Р.И. Михеев. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1983. – 300 с.

[96]. Михеев, Р.И. Уголовная ответственность лиц с психофизиологическими особенностями и психогенетическими аномалиями [Текст] / Р.И. Михеев. – Хабаровск, 1989. – 94 с.

[97]. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР. Ч. 1 [Текст] / М.М. Муллаев. – Сталинабад: Изд-во Тадж. гос. ун-та, 1960. – 159 с.

[98]. Мурофиаи ҷиноятӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 556 с.

[99]. Назаренко, Г.В. Принудительные меры медицинского характера в уголовном праве [Текст]: учебное пособие для юридических вузов и факультетов / Г.В. Назаренко. – М.: «Ось-89», 2000. – 80 с.

[100]. Назаренко, Г.В. Уголовно-релевантные психические состояния лиц, совершивших преступления и общественно опасные деяния [Текст]: монография / Г.В. Назаренко. – М.: Издательство «Ось-89», 2009. – 240 с.

[101]. Науковий коментар Кримінального кодексу України / Проф. М.Й. Коржанський. – К.: Атіка, Академія, Ельга-Н, 2001. – 656 с.

[102]. Науково-практичний коментар до Кримінального кодексу України: у 2 Т. – Т. 1 [Текст] / За заг. ред. П.П. Андрушка, В.Г. Гончаренка, Є.В. Фесенка. – 3-тє вид., перероб. та доп. – К.: Алерта; КНТ; Центр учбової літератури, 2009. – 964 с.

[103]. Наумов, А.В. Российское уголовное право. Общая часть [Текст]: курс лекций / А.В. Наумов. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: БЕК, 2000. – 573 с.

[104]. Начала уголовной психологии для врачей и юристов д-ра Крафт-Эбинга. Перевод с немецкого В. Лицкаго [Текст]. – СПб. 1874. – 144 с.

[105]. Обухов, С.Г. Психиатрия [Текст] / С.Г. Обухов / Под ред. Ю.А. Александровского. М.: ГЭОТАР-Медиа, 2007. – 352 с.

[106]. Орлов, В.С. Субъект преступления по советскому уголовному праву [Текст] / В.С. Орлов. – Москва, Государственное издательство юридической литературы, 1958. – 260 с.

[107]. Павлов, В.Г. Субъект преступления [Текст] / В.Г. Павлов. – СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2001. – 318 с.

